210663.
83.3Тоҷ
Ш-30

ХУДОЙ ШАРИФОВ

# Услуб ва камолоти сухан

КНИГА ДОЛЖНА БЫТЬ
ВОЗВРАЩЕНА НЕ ПОЗЖЕ
УКАЗАННОГО ЗДЕСЬ СРОКА

Колич. предыд. выдач. . . . .

Китобхонаи миллии
Ҷум. Тоҷикистон ба
номи А. Фирдавсӣ
91065
Ҷузъи 1 + Ҷузъи 2

© Нашриёти «Ирфон», 1985.

XУ

## ПАЙВАНДИ ДИРӮЗ ВА ИМРӮЗ

Ҳоло дар танқиди адабии тоҷик якчанд тамоюлоти муҳим ба назар мерасад, ки хеле пурсамар аст. Яке ин аст, ки танқид ба моҳияти эстетикии адабиёт бештар диққат ҷалб кардааст ва мавзӯоту проблемаҳои адабиётро на ба алоҳидагӣ, балки бештар ба ҳамбастагии он бо масъалаҳое аз қабили жанру услуб ва поэтика меомӯзад. Дар натиҷа арзиши эстетикии асарҳои адабиёт, ба сифати асари бадеӣ чӣ арзиш доштани онҳо бештар маълум мегардад.

Тамоюли дигар ва бисёр муҳим ин аст, ки насли нави муҳаққиқони дирӯз ва имрӯзи адабиёт, хусусан адабиётшиносиву танқидро баробар ба чашмандоз гирифтаанд, масъалаҳои адабиёт ва адабиётшиносиву танқиди имрӯзаро вобаста ба таърихи чандинасраи афкори эстетикӣ аз назар мегузаронанд, ба рӯйдодҳои адабиву илмии ҳозира бо назари таърихӣ нигаристан мехоҳанд. Онҳо дар ин роҳ нахустин қадамҳо гузоштаанд, вале ин нахустин қадамҳо барои муайян шудани меъёрҳои классикӣ, барои баландтар рафтани меъёри баҳои адабиёти ҳозира роли калон бозида истодааст.

Самараҳои ҷиддии ин тамоюлотро дар мақолаҳои Худой Шарифов, ки дар маҷмӯаи «Услуб ва камолоти сухан» гирд омадаанд, низ дидан мумкин аст.

Қувват гирифтани диди таърихӣ дар маҷмӯаи вай фақат дар ин, ки қисми якуми онро мақолаҳои оид ба таърихи адабиётшиносии форсу тоҷик ташкил кардаанд, ифода намеёбад, балки аз ҳамаи мақолаҳо дида мешавад. Аз ҳама пеш ҳамин чиз ҷолиби диққат аст, ки муаллиф хоҳ аз адабиётшиносиву танқиди гузашта сухан ронад, хоҳ масъалаҳои адабиёту танқиди муосирро аз назар гузаронад, нишонаҳои конкрети инкишофу таҳаввули процессҳоеро меҷӯяд, ба рӯйдодҳои адабӣ ва илмӣ муносибати конкрети

таърихӣ зоҳир карда, моҳияти иҷтимоӣ ва ғоявию эстетикии онҳоро чун ходисаи ба худ хосе ошкор намудан мехоҳад. Ҳангоме ки ӯ дар сари баъзе масъалаҳои муҳимми эҷодиёти нависандагони советӣ — устод Айнӣ, М. Турсунзода, М. Миршакар ва дигарон андеша меронад, таҷрибае, ки аз омӯхтани адабиёту адабиётшиносии классикӣ ҳосил намудааст, ҳамеша зимнан эҳсос мегардад. Аз ин мақолаҳои Х. Шарифов, инчунин аз мақолаҳое, ки дар бораи М. Қаноат, Лоиқ, Бозор Собир, Гулрухсор ва дигар намояндагони насли солҳои шасту ҳафтод навиштааст, ба муайян кардани биниши хос ва махсусиятҳои фардияти эҷодии ҳар кадоми онҳо қадам ба қадам наздик омадани танқиди тоҷик ба мушоҳида мерасад.

Чанд сол аст, ки Х. Шарифов дар майдони адабиётшиносӣ ҷавлон дорад ва солҳои охир дар танқиди ҷорӣ ҳам фаъолияти ӯ тарафт афзуда истодааст. Мо мақолаҳои танқидии ӯро, ки ҳар кадоме аз ягон ҷиҳат ҷолиби диққатанд, зуд-зуд аз газетаву журналҳо мехонем. Маҷмӯаи «Услуб ва камолоти сухан» гӯё ҳисоботи ӯ аз ин фаъолияти чандсола аст. Умедворем, ки ин ҳисоботи эҷодӣ аз тарафи дӯстдорони адабиёти гузаштаву ҳозираи тоҷик ва мухлисони сухани асил хуш истиқбол шуда, ҳусни таваҷҷӯҳи хонандагон муаллифро ба ҷустуҷӯйҳои нави илмӣ илҳом хоҳад дод.

*Муҳаммадҷон Шукуров*

# ҚИСМИ ЯКУМ

## ПРИНЦИПҲОИ ИНЪИКОСИ БАДЕЙ

Омӯзиши ҷиддии поэтикаи шеъри тоҷикӣ акнун сар шудааст. Дар поэтикаи анъанавии мо масъалаҳо аз ҳад зиёд умумӣ гузошта шудаанд ва дар мавриди омӯхтани эҷодиёти ин ё он муаллиф муҳаққиқони имрӯза ба масъалаҳои поэтикаи шеър дахл карда бошанд ҳам, ба сабаби нопуррагӣ онҳо дар ҳалли ин масъалаи ҷиддӣ ёрии казоӣ расонидан наметавонанд. Таҳқиқ ва мушоҳидаҳои Е. Э. Бертельс дар бораи поэтикаи шеъри Низомии Ганҷавӣ ва Носири Хисрав, И. С. Брагинский дар хусуси шеъри Рӯдакӣ ва гуфтаҳои С. Саъдиев оид ба эҷодиёти Сӯзанӣ ва ғайра ҳоло ибтидои кор мебошанд. Вазъияти омӯзиши таълимоти гузаштагон дар бораи шеър нисбатан беҳтар аст.

Дар мавриди баҳс дар атрофи шеъри замони гузашта (ва имрӯза) дар бораи санъатҳои бадей, ки қисми муҳимми воситаҳои баён ба шумор мерававд, ҳамчун ҷузъи поэтикаи асар сухан ронда мешавад. Омӯзиши санъатҳои бадей дар алоқа бо дигар ҷиҳатҳои шаклу мазмуни асар барои фаҳмидани услуб ва тарзи тафаккури бадеии нависанда имконияти бисьёре фароҳам меорад. Лекин дар адабиётшиносии мо ин кор аксар яктарафа ва чунон рӯякӣ иҷро мешавад, ки на фақат тарзи хоси мафкураи нависанда, балки вазифаи бадеию эстетикии санъатҳо низ маълум намешавад. Одатан дар ин гуна таҳлилҳо барои тасдиқи ҷиҳатҳои хоси асар миқдор ва тарзи истифодаи чанде аз санъатҳо нишон дода мешаваду бас. Умуман, таҳлили бадеият дар адабиётшиносии мо ҳанӯз рӯякӣ ва яктарафа ба назар менамояд. Масъала чунон гузошта мешавад, ки

гӯё шоир як санъати шеърӣ (воситаи баён)-ро барои ифодаи мақсад, возеҳию амиқии баён истифода мекарда бошад. Чунин тасаввур ҳосил мегардад, ки шоир бинои шеърро аз тӯдаи хиштҳои тайёри бадеӣ чида, асар меофарида бошад. Азбаски адабиёти гузашта системаи мустаҳками ҷаҳонфаҳмӣ ва образофаридан дорад, хусусиятҳои бадеии онро бидуни кушодани роҳҳои махсуси тафаккури бадеии он замон равшан кардан номумкин аст. Бо ин тарзи таҳқиқ омӯзиши санъатҳо аз таъкиди истифодаи онҳо иборат хоҳад шуд. Тафовути услубии осори муаллифони ҷудогона бо ин усули таҳлил норавшан монда, фарқ фақат дар истифодаи каму беш зиёди санъатҳо дар шеъри онҳо дида мешаваду бас. Аз ин лиҳоз фардияти услубии шеъри шоир ба куллӣ дар канор монда, симои ҳақиқии эҷодии ӯ ҳам муайян намешавад.

Санъатҳои бадеии асари шоирро ҳамчун нишонаи зоҳирии шакли асар омӯхтан мумкин аст. Дар чунин муносибат асари адабӣ ҳамчун материали объективии предметӣ маҳрили баҳс қарор гирифта, бадеияти он чун воситаи ифодаи забонӣ, асоси предметии асари адабӣ шинохта мешавад. Ин роҳи таҳлил, дар сурати такомулу пешравии кофӣ, моро ба таҳқиқи структураи асар бурда мерасонад ва решаҳои анъанавии омӯхтани санъатҳои бадеӣ низ бо ҳамин принцип алоқаманд мебошанд. Бинобар ин, усули ҳозираи омӯхтани санъатҳои шеърии адабиёти тоҷик дар ниҳоят роҳ ба сӯи таҳқиқи структураи асар аст, ки аз мавқеъҳои он баъзе ҷиҳатҳои сухани адабӣ равшан шавад ҳам, кайфияти маъно ва сабабҳои инкишофи шакл номаълум мемонад. Роҳи дигар ва дурусти омӯхтани поэтикаи шеър воситаҳои тасвирро на ҳамчун шакли зоҳирии ифода ё материали тайёр, балки тарзи муайяни тафаккури эҷодкор шинохтан аст. Агар мо тасдиқ мекарда бошем, ки инъикоси бадеӣ, инъикоси образнок ва тафаккури эҷодӣ тафаккури образнок аст, пас, санъати бадеӣ ҳамон чиз аст, ки ба воситаи он эҷодкор андеша меронад. Яъне махсусияти бадеияти шеъри шоир натиҷаи тафаккури хоси эҷодии ӯст, на ҳосили ранҷи косибона. Реша ва буньёди сухани Низомии Ганҷавӣ, масалан, тазоду муқобила аст. Тасдиқи мо, ки ин санъатро Низомӣ зиёда ба кор бурдааст, писандидааст ва ғайра ба ҷуз тавсифи моҳияти масъаларо равшан намекардагӣ чизи дигаре нест. Шоирон гоҳо ба хотири ин ё он

санъат ва ё умуман санъату ҳунар шеър гуфтаанд, ки ин масъалаи дигар буда, ба стилизацияи сухан вобаста аст. Дар мавриди эҷоди шеър мавқеи санъату бадеёт ва умуман поэтиқаро усули маърифат ва принципҳои инъикосу тасвир муайян мекунанд. Аз ин мавқеи назар на фақат поэтикаи шеъри мо, балки санъатҳои бадеӣ ҳам дуруст омӯхта нашудаанд.

Ҳарчанд масъалаи тафаккури эҷодии нависанда дар гузашта ба ҷуз ишораҳои мантиқиён ва шоирону донишмандон доир ба таносуби ақлу ҳис дар шеър, мавриди таҳқиқи ҷиддие қарор нагирифтааст, доир ба масъалаи принципҳои инъикос ва эҷодкорӣ баъзе ишораҳо ва қайду мушоҳидаҳо дар баъзе асарҳо мавҷуд аст. Ин қайду ишораҳо ба сари худ як назарияи мукаммале, ки натиҷаи анализу синтези илмӣ бошад, низ нестанд. Онҳо бештар натиҷаи таҷрибаҳои эҷодӣ буда, дар навбати худ вазифаи дастуреро барои ба вуҷуд овардани асари адабӣ адо кардаанд. Ин дастур ва роҳнамоҳо дар сурати дуруст фаҳмидан ва шарҳу тафсир додан як қатор принципҳои эҷодии адабиёти гузаштаро муайян карда метавонанд ва онҳо барои адабиёту адабиётшиносии имрӯзаи тоҷик ҳам беаҳамият нестанд. Мулоҳиза ва афкори назарии гузаштагон дар ҳамон вақт натиҷаи матлуб дода метавонанд, ки аз як тараф, робитаи онҳо бо амалияи эҷодӣ равшан карда шавад ва аз тарафи дигар, аз мушоҳидаҳои зоҳирӣ моҳияти онҳо дуруст фаҳмида шавад. Шамсиддин Муҳаммад ибни Қайси Розӣ яке аз донишмандонест, ки мероси илмии онҳо барои омӯхтани поэтикаи шеъри гузашта аҳамияти калоне дорад.

Шамси Қайси Розӣ асаре таълиф кард, ки қимати он барои таърихи назарияҳои шеър хеле бузург аст. Оид ба масоили назарии ин китоби пурарзиш сухани тӯлоние лозим аст, лекин манзури мо дар ин ҷо он мулоҳизоти муаллифи «Ал-мӯъҷам...» аст, ки ба сохтани шеър ва тарзи ба вуҷуд овардани асари манзум оид буда, баъзе принципҳои эҷодкориро нишон медиҳанд. Шамси Қайс мефармояд:

«Ва бояд, ки чун шоир ибтидои шеъре кунад ва оғози назме ниҳад, нахуст насри онро пеши хотир орад ва маонии он бар саҳифаи дил нигорад». (Шамсиддин Муҳаммад ибни Қайси Розӣ. Алмӯъҷам... — Теҳрон, 1338, саҳ. 447).

Аз ин суханон маълум мешавад, ки шоир пеш аз

офаридани шеър маънии муайянеро пеши хотир меорад, яъне манзум кардани сухан ва ҳолату воқеоти тасвиршаванда процесси ягонаи кори эҷодиро ташкил надода, балки ду амали аз ҳам ҷудо ё аниқтар панҳам аст. «Насри онро пеши хотир» оварда, ба сабаби «бар саҳифаи дил нигошта» шуданаш бояд маънис ё насри ҳаяҷоноваре бошад, чунки «дил» фақат маънои ҳаяҷонoти рӯҳиро дошта метавонаду бас. Дар ин ҷо як чиз ботаҳаммулу андешаро талаб мекунад: он наср, ки шоир пеши хотир меорад, чист? Агар чунин насре билфарз хусусияти достонӣ дошта бошад, он гоҳ пеши хотир овардани он кори саҳл аст. Дар сурати нияти асари лирикӣ офаридан доштани шоир гумон меравад, ки насри пеши хотир овардаи ӯ фақат проблематикаи асосии он шеъри эҷод мешудагӣ бояд бошад. Ба ҳар эҳтимол ин ҷо як чиз мусаллам аст, ки шеър навиштан процесси ягонаи маърифат кардан нест ва проблематикаи асосии шеъру эҷод бар шакли предметии он муқаддам аст.

Пас шоир ба сохтани шеър ва ё офаридани он шурӯъ мекунад, ки вазъи ин корро Шамси Қайс ба тарики зайл шарҳ медиҳад:

«Алфозе лоиқи он маонӣ тартиб диҳад ва вазне мувофиқи он шеър ихтиёр кунад ва аз қавофӣ он чи мумкин гардад ва хотир бад-он масомиҳат кунад, бар вараке нависад ва ҳар чи аз он саҳл ва дуруст бошад ва дар он вазн ҷойгир ва мутамаккин оянд, интихоб кунад ва шойгону маъмулро бад-он роҳ надиҳад ва дар назми абьёт ба сиёқати сухан ва тартиби маонӣ илтифот нанамояд, то ҷумлаи қасидаро бар сабили мусаввада таълиқ занад... Ва агар иттифоқ афтад, ки қофияте дар маънис ба кор бурда бошад ва ба байте машғул карда, баъд аз он маънис беҳтар рӯй намояд ва байте аз он азбтар даст диҳад ва он қофият дар ин байт мутамаккинтар ояд, нақл кунад. Пас, агар байти аввал ҳоҷат бошад, онро қофияте дигар талабад ва агар на, тарки он орад» (Ал-мӯъҷам.... саҳ 47).

Мумкин аст, шубҳа кард, ки он чи муаллифи «Ал-мӯъҷам...» доир ба интихоби калимаҳои қофия ва умуман усули навиштани шеър мегӯяд, ба амалияи эҷодии шеър дар он замон рост меомада бошад ё не? Бидуни шубҳа гуфтаҳои Шамси Қайс ба ҳақиқати амалияи эҷодии замони ӯ мувофиқат мекунанд. Аз матни китоби «Ал-мӯъҷам...» маълум мешавад, ки муаллифи он

дар Осиёи Миёна ва Эрон бо бисьёре аз аҳли адаб ва махсусан шоирон ҳамсӯҳбат будааст ва дар ин ки усулҳои эҷоди шеъри замони худашро дар ғояти хубӣ медонист, ҳеҷ ҷои шубҳа нест. Илова бар он, қолаби шахшудаи шеър ҳамин гуна принципи эҷоди онро талаб мекард. Ё баракс, принципи муайяни тасвир (ва ё инъикос) ҳамин гуна шакли эҷоди шеърро талаб мекард, ки дар ин хусус поёнтар таваққуф хоҳем кард.

Маълум аст, ки ҳаҷми қасида аксаран хеле калон аст. Барои он ки қасидае билфарз дар ҳаҷми сад байт гуфта шавад, панҷоҳу як қофия лозим аст. Шарти муҳимми ҳунари эҷодкорӣ ин аст, ки калимаҳои қофия ба такрор гуфта нашаванд. Ҳарчанд дар гузашта рукни зарурии ҳунари шоирӣ донистани луғат буд, боз гумон аст, ки шоире бе ҳеҷ таҳаммулу андеша шеъре гуфта тавонад, ки миқдори зиёди калимаҳои тозаи қофия дошта бошад. Илова бар он шоири соҳибдевон бояд дар ҳамаи бисту ҳашт ҳарфи алифбои арабӣ шеър мегуфт ва чунон ки маълум аст, дар қисме аз ин ҳарфҳо калимаҳои холиси тоҷикӣ нест ва шоир ногузир калимаҳои ба забони тоҷикӣ дохил шудаву дохилнашудаи арабиро мегирифт. Табиист, ки дар чунин ҳолат ҷустуҷӯйҳои шаклии шоир афзуда, тарафҳои косибонаи фаъолияти вай афзоиш меёфт. Сарфи назар аз мулоҳизаҳои боло ин усули эҷоди шеърро, ки Шамси Қайс баён кардааст, на душвориҳои шакл, балки принципҳои муайяни эҷодӣ ба вуҷуд овардаанд, зеро шакл ҳама вақт натиҷаи усули тасвир ва усули тасвир ҳосили роҳи маърифат ва дарки воқеият аст. Ҳоло бармегардем боз ба суханони Шамси Қайси Розӣ, ки дар боло иқтибос шудаанд.

Мақсад аз «алфози лоиқи он маонӣ» калимаҳои ҷудогона набуда, балки образу таъбироти шоирона будагист. Мумкин аст барои мо ҳоло ин амал коре ғайри шоирона намояд, вале барои системаи мустаҳками шеъри гузашта чунин интихоби образҳо ҷои шубҳа надорад. Мутобиқати вазну маонӣ низ як шарти зарурии адабиёти гузашта аст ва маълум аст, ки навъҳои муайяни шеърӣ бо вазни маълуме эҷод мешуд, аз ҷумла рубоӣ бо вазне махсус ва асарҳои қаҳрамонӣ бо вазни баҳри мутақориб эҷод мешуданд ва ғайра. Калимаҳои қофияро шоир дар варақе бояд менавишт ва дар асоси онҳо шеър эҷод мекард. Ин кор аз назари имрӯзаи мо амали тамоман формалистӣ менамояд. Чӣ хел шоире

мешудааст, ки аввал калимаҳои қофияро қатор чида, баъд шеър эҷод мекардааст? Магар дар ин ҷо шаклпарастии маҳз ва ба шакл тобеъ кардани маъно дида намешавад, зеро қофия ҳамон маъниро талаб мекунад, ки ба мазмуни он мувофиқат мекарда бошад. Илова ба ҳаман ин, аз рӯи сухани Шамси Қайс дар қофия ба қофияҳои маъмул роҳ додан низ раво нест. Аз ҳама аҷибтар ва ғайри қобили қабул аз назари имрӯзаи мо ба тартиби маонӣ эътибор надодани шоир аст. Яъне барои шоир тамоман шарт нест, ки ҳангоми танзими абьёт ба тартиби маонии байтҳо эътибор карда бошад, то он ки мусаввада тамом нашавад. Пас аз ҳаман ин байти аввал навишта мешавад, дар сурате, ки ба чунин байт эҳтиёҷ бошад. Чунин амал ва рафторро дар эҷоди шеър ба ҷуз шеърсозӣ ва ба вуҷуд овардани назм чизи дигаре номидан муҳол аст. Лекин ҳоло дар ин хусус аз хулосаи умумӣ ва ҷамъбастӣ худдорӣ мекунем ва давоми мулоҳизаҳои Шамси Қайсро дида мебароем.

«Чун абьёт бисьёр шуд ва маонӣ тамом гашт, ҷумларо марратан бори дигар баъди ахире аз сари иткон боз хонад ва дар нақду танқеҳи он муболиғат намояд ва миёни абьёт талфиқ (пайванд, мураттабӣ) ва ҳар якро ба мавзеи хеш боз барад ва тақдиму таъхир (пешу қафо гузоштан) аз он зоил гардонад, то маонӣ аз якдигар гусаста нашавад ва абьёт аз якдигар бегона нанамояд ва ба ҳама вуҷуҳи тавофиқи абьёт ва масореъ (мисраъҳо) ва татобиқи алфоз ва маонӣ лозим дорад. Чи бисьёр бошад, ки ду мисраъ ё ду байт бо якдигар аз роҳи маъниӣ мутаносиб наёяд ва бад-он сабаб равнақи шеър ботил гардад» (Ал-мӯъҷам, саҳ. 447—448).

Дар ин ҷо қисми сеюми кори шоир дар эҷоди шеър шурӯъ мешавад, ки онро мураттаб сохтани асар номидан мумкин аст; шоир абьётро хеле ҷиддӣ мехонад, онҳоро мувофиқи талаби мазмун дар ҷои лозима мегузорад. Хулоса, мусаввадаи худро ба тартибе аз ҷиҳати пайванди маънавии абьёт меорад. Гӯё баъд аз ин барои шоир коре дигар намемонад. Шеър мусаввада шуда, аз таҳрир баромадааст, ба он вазне мувофиқ, қофияҳои тоза интихоб шудаанд ва ғайра. Аммо масъала ин тавр нест. Кори ҳақиқии шоир дар таҳрири шеър акнун шурӯъ мешавад. «Ва ҳамчунин,— менависад Шамси Қайс,— бояд, ки дар алфоз ва маонии ҳар байт

дақоиқи танаввуъ (гуногунӣ) ба ҷой орад, то агар лафзе рақиқ (суст) афтад, азбе (ғуворо) ба ҷои он биниҳад ва агар маънӣ қосир (кӯтоҳ) ёбад, тамом кунад. Ва дар ин боб чун наққоши чирадаст бошад, ки дар тақосими нуқуш ва тадовири шоху баргҳо ҳар гуле бар тарфе нишонад ва ҳар шох ба сӯе берун барад ва дар рангомезӣ ҳар сибғ (ранг) ҷое харҷ кунад ва ҳар ранг ба гуле диҳад; он ҷо ки ранги сер лоиқояд, нимсер сарф накунад ва он ҷо ки сибғи равшан бояд, торик ба кор набарад ва чун ҷавҳарӣ устод бошад, ки ба ҳусни таълиф ва таносуби таркиб равнақи иқди хеш биафзояд ва ба тафовути талфиқ ва бетартибии назм оби марвориди хеш набарад» (Ал-мӯъҷам..., саҳ. 450).

Чунон ки мебинем, кори асосии шоир фақат баъди тартибу танзими пешакии он шурӯъ мешавад. Ин амали асосӣ дар сохти абьёт ва таҳрири онҳо ба вуҷуд меояд. Муаллиф аз афти кор барои табдили тобишҳои маънои абьёт таъбироти мувофиқи илмӣ наёфта, онро ба амали наққош тарҷеҳ додааст. Суханони Шамси Қайс фақат майли илмию таълимӣ надошта, онҳо ба завқи хонанда низ равона шудаанд ва қиёси шоиру наққош дар ин маъно беҷо нест. Бисьёр муҳим аст, ки ин навъ таҳрирҳо асосан ба байтҳо дахл дорад ва он ба воқеияти шеъри классикӣ, ки байт воҳиди асосии маънавии шеър аст, мувофиқат мекунад. Бо вуҷуди ҳамаи ин мулоҳизаҳо Шамси Қайс шеърро як амали косибона намедонад ва ба назари ӯ чунин андеша тасаввури омиёна аст. Чуноне ки аз мулоҳизаҳои зерини вай маълум мешавад, амали косибои ва кӯшиши маҳзи суханварию ҳунарнамой дар шеър ҳаргиз натиҷаи матлуб нахоҳад дод ва шеъри ҳақиқӣ зодаи табъи баркамол аст:

«Оммаи мардум пиндоранд, ки шеъри мутакаллиф илалитлоқ он бошад, ки бар вазне мушкил ва азоҳифи гарон гуфта бошанд, ё калимоти он базӯр бар ҳам баста бошад ва маонии он ба душворӣ фароҳам оварда ва он занни (фикри) хатост. Аз баҳри он ки ҷумлаи маснуоти шеър ва мустабдиоти назм, ки дар фусули мутақаддам баршумурдем ва онро аз мустаҳсаноти санъат ниҳод, аз қабили мутакаллуфоти ашъор аст, ки ҷуз ба имъони назар (бо диққат назар кардан) ва идмони факар (такрори фикр) мисли он даст надиҳад ва монанди он муяссар нашавад. Аммо агар шоире илтизом кунад, ки ҷанд маънии мухталиф дар шеъре андак биёрад, ё ҷанд исми мутағайир дар назме баршу-

морад, ё хоҳад, ки шеъре ғариб ва назме мушкил имтиҳони табъи хешро,... ҳар оина аз навъи таассуфе холӣ набошад» (Ал-мӯъҷам..., саҳ. 431—32).

Пас аз ин Шамси Қайс чандин намунаи машкҳои формалистиро оварда таҳлил мекунад. Сарфи назар аз ин гуфтаҳо дар гузориши муаллиф доир ба эҷоди шеър гӯё як чизи муҳимме намерасад. Дар он эҷоди шеър на ҳамчун процесси маърифат ва донистани чизе, ҳолате, ё баёни андешаву эҳсосоте, балки чун сохтани чизе ба назар мерасад, ҳол он ки процесси эҷодӣ ба яқин процесси маърифат аст. Магар дар чунин ҳолат мо гуфта метавонем, ки ақидаи Шамси Қайс дар хусуси эҷоди шеър зуҳури тенденцияҳои шаклпарастӣ, ки дар адабиёти дарбор вусъати муайяне дошт, будааст ва ё моҳияти масъала дар ҷои дигар аст? Дар боло мо дидем, ки Шамси Қайс майли шаклпарастиро дар шеър хуб мефаҳмад ва онро маҳкум мекунад. Ӯ ба кӯшишҳои формалистона қасидаҳои Анварӣ, Рашиди Ватвот, Заҳири Форьёбӣ, Разеуддини Нишопуриро ҳамчун намуна муқобил мегузорад. Мисолҳои Шамси Қайс ҳама қасида буда, аз рӯи тасаввури имрӯзаи мо холӣ аз кӯшишҳои шакпарастӣ нестанд. Шамси Қайс шеъри матбӯъ, яъне мувофиқи табъ ва зодаи табъро шарҳ дода, боз ҳам ашколи зоҳирии онро ҷузъи ҳусну зебоии сухан медонад:

«Ва филҷумла шеъри матбӯъ он бошад, ки насре балеғ ва назме бадеъ дорад ва қавофии он дуруст ва маонии латиф ва алфоз азб бувад ва ҳуруфи калимоти он бар ҳам афтода ва талаффузи калимоти он мушкил набувад ва таҷнисоти он мутакаррар ва саноати он мутакаллиф (такаллуфӣ) набошад ва биноӣ он бар машҳуроти луғати дарии саҳеҳ бувад ва аз ғароиби луғатулфурс ва мусталеҳоти ҳар вилоят пок бошад ва калимоти арабӣ, ки дар муҳовироти порсигуён наёяд, дар он мустаъмал набувад. Ва аз ҳуруфи завоид ва ҳашвҳои қабеҳ, ки ҷиҳати анбориши (пур кардани) байт истеъмол кунанд ва тағьироти алфоз, ки қудамо зарурати шеърро дар ашъори хеш ҷоиз доштаанд, холӣ бошад, то ба шунудан осон ва ба гуфтан душвор бувад (Ал-мӯъҷам..., саҳ. 438—39). Муаллиф як қасидаи Анвариро барои намуна овардааст ва мо чанд байти онро меорем, то хонанда чигунагии шеъри писандидаро аз назари шамси Қайс бидонад:

Эй дил, ар кавме накардаанд аз ту ёд андар рахил
Айб набвад, з-онки аз атвори насносанд нос.
То худованде чу Маҷди давлату дин Булҳасан,
Ҳақшиноси бандагон бошад, бирав, ӯро шинос.
Он ки аз кунҳи камолаш қосир аст идроки ақл,
Рост чунон, к-аз камоли ақл идроки ҳавос.
Он ки бо ҷудаш сабуксорӣ наёяд з-интизор
В-он ки бо базлаш гаронборӣ наёяд аз сабос.
Ёбад аз як илтифоташ мулки истиғно ниёз,
Ҳамчунон к-аз кимиё таркиби зар ёбад нихос...

Ин шеър аз назари фаҳми имрӯзаи мо чандон осонфаҳм нест. Махсусан қофияи ин шеър душвор буда, муаллиф аксар калимаҳои арабии камистеъмолро кор фармудааст.

Ба назар чунин менамояд, ки меъёри баҳои Шамси Қайс дар хусуси эҷоди бадей принципи муайянеро дар худ ниҳон дорад, ки дар муқобили он фаҳмиши имрӯза оид ба формализми шеъри классикӣ ранги субъективӣ мегирад. Барои равшан кардани моҳияти масъала бори дигар ба асли масъала баргардем. Ба фикри Шамси Қайс шоир пеш аз навиштани шеър маънои насрии онро пеши назар меорад. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки шоир мақсад, воқеият ва ё ҳолати даркшудаеро манзум мекунад. Ба таъбири дигар шеър ба назари вай на процесси маърифат, балки тасвир ибрози чизи маърифатшудае аст.

Мавриди муҳокима ва таҳлили Шамси Қайс ҳамин ҷиҳатҳои зоҳирии тасвир қарор гирифта, мазмуни асар, сохти дохилии онро ташкил медиҳад. Бонгарии тобишҳои маънавии зоҳири шакл дар ниҳоят ба мақсади аслӣ вобаста аст. Назария асосан дар ҳадди мафҳумҳо ва формализацияи ҷиҳатҳои зоҳирӣ ба вуҷуд омада, моҳияти ғоявӣ ва принципҳои тасвиру инъикосро камтар фаро мегирад. Бинобар ин аз тарафи Шамси Қайс ва дигар адабиётшиносони гузашта хусусиятҳои шакли шеър, албатта дар ҳудуди имконоти илми он замон, ниҳоят амиқ ва то ба майдатарин нуктаҳо тадқиқ шудаанд. Азбаски ҷиҳатҳои шаклии шеър аз мавқеи хубию бадӣ ё дурустию нодурустии тасвирот шарҳ мёбанд, тадқиқотчиён ифодакунандаи завқи аҳли замони худ ҳам будаанд. Масалан, Шамси Қайс шеъри хубу писандидаро дорои сифатҳои зерин медонад:

«Бинои шеър бар вазне хуш ва лафзе ширин ва иборате матин ва қавофии дуруст ва таркибе саҳл ва маоние латиф ниҳанд, чунон ки ба афҳом наздик бошад

ва дар идроку истихрочи он ба андешаи бисьёр ва имъони фикр эҳтиёҷ наяфтад. Ва аз истиороти баид ва маҷозоти шод ва ташбеҳоти ҳозиб ва таҷнисоти мутакаррар холӣ бошад. Ва ҳар байт дар лафзу маънӣ ба нафси худ қоим бувад ва ҷуз аз рӯи маонӣ ва тансиқи калом ба дигаре мӯҳтоҷ ва бар он мавқуф набошад. Ва алфозу қавофӣ дар мавзеи хеш мутамаккин бошад ва ҷумлаи қасида як тарз ва як шева бувад ва иборат гоҳ баланду гоҳ паст нашавад...» (Ал-мӯъҷам..., саҳ. 329).

Ин талаботи умумии шеъри классикӣ буда, онҳо ҳамчун истилоҳҳои махсуси шеър низ шинохта шудаанд. Дар онҳо ишорае ба мазмуну мавзӯи конкретии шеър нест. Лекин боигарии тобишҳои зоҳирии шеър дар охир ба мақсади аслӣ вобаста аст. Асари шоир дар ин маврид шакли объективияти предметнеро мегирад, ки аз он заминаи мафкураву маърифати шоирро равшан кардан душворие дорад. Аз ин ҷо таваҷҷӯҳ ба ҷиҳатҳои зоҳирии шеър ва муайян кардани мазмуну ғоя аз рӯи баъзе мулоҳизаҳои бевоситаи эҷодкорон ҳатто дар замони мо ҳам давом дорад. Ин усули таҳқиқ боигарии маънавии эҷодиёти шоирро, ки нисбат ба мулоҳизаҳои бевоситаи субъективона хеле васеътар аст, кушода наметавонад.

Дар ин ҷо як мулоҳизаи дигар ба миён меояд. Магар шоир ҳама вақт олами даркшуда ва маърифатшудаеро инъикос (тасвир)[1] намекунад? Шарҳу баёни ин масъала доманаи васеъ дорад. Мо дар ин ҷо аз рӯи мулоҳизаҳои Шамси Қайс дар боби эҷоди шеър ва таҷрибаи эҷодии гузаштаву имрӯза, диққати хонандаро ба як масъала ҷалб менамоем. Шамси Қайс дар хусуси мақсад, ғоя, мавзӯъ ва тарзи баёни он чизе намегӯяд. Модоме ки ин масъалаҳо сарфи назар карда мешаванд, пас, онҳо ба сари худ мавҷуд ва қиёсан дар зеҳни шоир ҳазм шудаанд. Аз рӯи фаҳм ва тасаввури имрӯзаи мо масъала тамоман акси он аст. Яъне процесси эҷод, интихоби мавзӯъ, баёну ҳалли он ва амсоли инро фаро мегирад. Баденёт, сухани адабӣ ба сари худ натиҷаи ҳамин тарзи гузориш, услуб ва дар ниҳоят натиҷаи таҷриба ва камоли маҳорати эҷодкор аст. Дар

---

[1] Дар адабиётшиносии тоҷик мафҳумҳои инъикосу тасвир ҷун муродиф истифода мешаванд, ки ҷандон дуруст нест. Вазифа ва моҳияти истилоҳии онҳоро муайян кардан лозим аст.

ин чо як ходисаи пародоксалие мушоҳида мешавад: он чи ки дар замоне мақсади асосии суханварӣ дониста мешуд ва аз он сарчашмаҳои шууру тарзи маърифатро бояд ҷустуҷӯ кард, дар замоне дигар, яъне имрӯз, фақат натиҷаи ибрози шуур ва маърифати бадеӣ аст. Ҷои баҳсу таъкид нест, ки чунин табдили назар революцияи дар завқу шуур ва маърифати ҷамъиятии мост.

Усули таҳлили адабиёти гузашта ва имрӯза, аз рӯи ин принципҳои мутафаррики эҷодкорӣ як хел шуда наметавонад. Ба назари мо дар таҳлили адабиёти гузашта, аз кушодани ҷузъиёти шакл ба моҳияти мундариҷаи он рафтан лозим аст.

Барои муайян кардани ин масъала принцип ё тарзи инъикоси бадеии гузаштаву имрӯзаро омӯхтан лозим аст, ки мо онро методи эҷодӣ меномем. Ин ҷо баҳси методи эҷодии адабиёти гузаштаву имрӯза нест, лекин аз рӯи мулоҳизаҳои Шамси Қайс як масъаларо хотирнишон кардан лозим аст. Дар тарзи тасвири бадеии гузаштаву имрӯза як фарқи ҷиддие ба назар мерасад, ки агар ҳамин тафовут намебуд, шояд гузоришоти Шамси Қайс ранги дигаре мегирифт. Дар шеъри гузашта сабабият нест. Подшоҳ (дар қасида) кишваркушо, донишманд, тавоно ва ғайра, шахс (шоир) ошиқ, нотавон ва ғайра (дар ғазал, «Лайлӣ ва Маҷнун»), барои чӣ? Дар ин ҷо натиҷа ҳаст, сабаб нест. Сабабро ёфтан маънои пайванди андешаи шоирро ба воқеият дарёфтан ва ҳақиқати гуфтаи ӯро фаҳмидан аст. Дар мавриде, ки шоир «муаммои вуҷудро» нагуфта, сабаби чунин мавҷудият ва андешаву ороро меҷӯяд, мулоҳизаи вай ба олами воқеӣ бисёр наздик аст ва сухани ӯ натиҷаи ҷустуҷӯи ҳақиқати воқеӣ, на ҳосили кадом як тасаввурот ва шуури осмонист. Намунаи чунин навъи эҷодиёт ашъори Умари Хайём шуда метавонад. Дар тасвири имрӯза сабаб ва натиҷа тавъам аст, ки ин ҳам натиҷаи тарзи нави маърифати ҳаётист. Аз ҳамин мавқеъ ба масъалаи поэтикаи адабиёти гузашта, анъанаҳои он ва поэтикаи шеъри имрӯза наздик шудан лозим аст.

Адабиёт ҳамчун тарзи махсуси маърифати ҳастӣ ва чун тарзи баёни системанок дорои қонунҳои хоси худ мебошад. Ин ё он усули шарҳу таҳлили процесси эҷодӣ, агар дар дохили худ ихтилофҳо надошта, нуқтаи назари системаноке бошад, дар ниҳоят ба фаҳмиши умумии моҳияти шеър вобаста аст. Мулоҳизаҳои Шамсиддин бинни Муҳаммад Қайси Розӣ низ ба таърифе,

ки ӯ ба шеър додааст, тамоман мувофиқанд. Шамси Қайс мегӯяд: «Бидон ки шеър... аз рӯи истилоҳ сухане аст андешида, мураттаби маънавӣ, мавзуни мутакаррар, мутасовии ҳуруфи охирини он ба якдигар монанда...» (Ал-мӯъҷам..., саҳ. 196.)

Ин таърифи Шамси Қайс дар таърихи адабиёт, нав нест. Лекин вай ба он нуктаи назаре, ки муаллиф ба сохти шеър ва тарзи эҷоди он дорад, ба пуррагӣ мувофиқат мекунад, яъне шеър сухани андешида, дорои тартибе, мавзун ва такроршаванда (як вазн на дар як мисраъ, балки дар байт такрор мешавад) ва дорои қофия (ҳуруфи охирини он монанда) аст. Аз ҳама муҳимаш ин аст, ки шеър на инъикоси воқеият, олами ботинии шахс ва ғайра, ки мо имрӯз тасаввур мекунем, балки фақат сухани андешидаи дорои низому тартиби муайянест. Процесси эҷоди шеър ҳам аз андешаи сухан ва низому тартибу таҳрири он иборат мебошад.

*Соли 1977*

## УЛУМИ АДАБӢ, ТАЪРИФ ВА ТАСНИФИ ОН

Адаб ё улуми адабӣ мувофиқи шарҳи муаллифони фарҳангу луғатҳо маънои васее дорад. Маънои луғавии калимаи адаб ба фаҳмиши «адаб» ё «одоб»-и тоҷикӣ мувофиқат карда, мӯҳтоҷ ба шарҳу тафсири зиёдтаре нест. Аммо фаҳмиши истилоҳии он хеле васеъ буда, ба истилоҳи имрӯзаи адабиёти бадеӣ ҳам мувофиқ намеояд. Адаб, ё улуми адабӣ дар гузашта маҷмӯи илмҳоро мегуфтаанд. Барои мисол шарҳи мафҳуми «одоб»-ро аз луғати машҳури «Ғиёс ул-луғот»-и Ғиёсиддин Муҳаммад ибни Ҷалолиддин бинни Шарафуддини Promпурӣ-иқтибос менамоем:

«Одоб — ҷамъи адаб... ва ба маънии илми арабӣ ва инро аз он адаб гӯянд, ки бад-ин нигоҳ дошта мешавад, худро аз халал дар каломи араб ва он дувоздаҳ қисм аст».[1]

Баъд муаллиф навъҳои зерини илми адабро номбар менамояд: луғат, сарф, иштиқоқ, наҳв, маонӣ, арӯз, қофия, расмулхат, илми қарзушшеър, илми ин-

---

[1] Ғиёсиддин Муҳаммад. Ғиёс ул-луғот, ҷ. I,—Теҳрон, 1342, саҳ. Н.

шои наср, илми муҳозирот ва таърих. Пеш аз он ки сарчашмаҳои пайдоиши ин илмҳо, ягонагӣ ва сабаби чунин табақабандиро шарҳ дода бошем, боз чанде аз гуфтаҳои олимони гузаштаро дар боран миқдору тартиби онҳо иқтибос менамоем.

Донишманди асри XIV Шамси Фахрии Исфаҳонӣ низ улуми адабиро аз дувоздаҳ навъ иборат дониста, шиносоии аҳли шеъру адабро бо он зарур медонад. Ин муаллиф дар китоби «Меъёри Ҷамолӣ ва мифтоҳи Абӯисҳоқӣ» менависад:

«Бидон... ки улум, ки асҳоби бароат ва арбоби балоғатро аз таҳсили он чора набошад, дувоздаҳ аст, ки фузало онро адабиёт хонанд. Аввал, илми матни луғат. Дуввум — илми абнияи калом аст. Сеюм, илми иштиқоқ. Чаҳорум, илми аъроб аст. Панҷум, илми маонӣ аст. Шашум, илми баён аст. Ҳафтум, илми арӯз аст. Ҳаштум, илми қофия аст. Нӯҳум, илми иншои наср. Даҳум, илми иншои назм аст. Ёздаҳум, илми китобат аст. Дувоздаҳум, илми муҳозирот аст ва шоири комил он аст, ки аз ин улуми хаттӣ вофир бошад».[2]

Яке аз донишмандони асри XV, муаллифи «Арӯзи Ҳумоюнӣ» Абдулқаҳҳор ибни Исҳоқ мулаққаб ва мутахаллис ба Шариф низ улуми адабиро дувоздаҳ навъ дониста, онҳоро ба таври саҳеҳтаре тасниф менамояд. Таърифи улуми адабӣ (олат бошад дар нигоҳ доштани зеҳн аз ғалат дар калом аз ҳайсияти назму наср) мушобеҳи таърифи дигар муаллифон аст. Шарҳи хусусият ва вазифаҳои улуми адабӣ дар асари ин муаллиф хеле мухтасар бошад ҳам, аз лиҳози баёни мақсад муҳиму пуркимат мебошад. Табақабандии улуми адабӣ аз тарафи ин муаллиф чунин аст:

«Аввал — илми матни луғат, яъне маърифати афрод ва ҷузъияти калима ва авзои он. Дуввум, илми абния, яъне маърифати биноҳои калима... Сеюм, илми иштиқоқ, ки иборат аст аз сағиру кабир ва акбар. Чаҳорум, илми аъроб, ки наҳв аст. Панҷум, илми маонӣ. Шашум, илми баён. Ҳафтум, илми арӯз. Ҳаштум, илми қофия. Нӯҳум, илми иншои наср. Даҳум, илми қарзушшеър. Ёздаҳум, илми китобат, яъне истилоҳи хат.

---

[2] Шамси Фахрии Исфаҳонӣ. Меъёри Ҷамолӣ ва мифтоҳи Абӯисҳоқӣ дастнависи В 651. Инст. шарқшиносии АФ СССР, шӯъбаи Ленинград, саҳ. 2.

2—1751

Кокчетавская
центральная районная
БИБЛИОТЕКА

Дувоздаҳум, илми муҳозирот, яъне эроди котиби шайи муносиби ҳол».[3]

Аз муқоисаи ин се муаллиф возеҳ аст, ки онҳо миқдори улуми адабиро дувоздаҳто дониста бошанд ҳам, дар баёни тартиби онҳо муттафиқ нестанд. Ҳамин номуттафиқии муаллифони китобҳои луғат, масалан, аз таърифу тасnифи китоби «Шамс ул-луғот» низ равшан мешавад. Ин муаллиф ба гурӯҳи улуми адаб фикҳро ҳам дохил кардааст. Муаллифи «Шамс ул-луғот», ҳамон навъе дар «Ғиёс...» ҳам мушоҳида мешавад, чаҳор намуди ин илм — илми расмулхат, қарзушшеър, иншои наср ва муҳозиротро фаръӣ дониста, дигар ҳашт навъро усул ҳисоб менамояд ва бо ҳамин чаҳор навъи ахирро ба гурӯҳи ёридиҳанда, дохил менамояд.[4]

Бояд гуфт, ки миқдори навъҳои улуми адабӣ аз тарафи филологҳо ва донишмандони охир хеле вусъат дода мешавад. Баъзе муаллифон миқдори онҳоро аз понздаҳ ҳам мегузаронанд. Ҳамин тавр муаллифи «Нафоис ул-фунун фӣ ароис ул-уюн» ба ҷумлаи улуми адабӣ фанҳои зеринро дохил кардааст: илми хат, луғат, тасриф, иштиқоқ, наҳв, маонӣ, баён, бадеъ, арӯз, қавофӣ, тақриз, амсол, давовин, иншо ва истифоъ.[5] Қотиби Чалабӣ (Ҳоҷӣ Халифа) дар китоби «Кашф уз-зунун» улуми адабиро тасниф намуда, понздаҳ навъи онро шарҳ медиҳад.[6]

Аз ин тақсимот маълум мешавад, ки уламои гузашта ягонагии тамоми ин навъҳои илмро аз вобастагии онҳо ба қонунҳои забон, таркиботи лафзӣ ва усули истифодаи он медиданд. Таърифи улуми адабӣ аз тарафи онҳо низ ба ҳамин далолат мекунад. Муаллифи зикршудаи «Арӯзи Ҳумоюн» дуруст қайд менамояд, ки «адаб олат бошад дар нигоҳ доштани зеҳн аз ғалат дар калом ва калима аз ҳайсияти назму наср».[7] Бо ҳамин сабаб онҳо чунин илмҳои аз назари имрӯзаи мо

---

[3] Арӯзи Ҳумоюн мизон ал-авзон лисон ул-калам (арӯз ва қофия, мухтасари «Ал-муъҷам», таълифи Шамс Алӣ ибни Муҳаммад ибни Қайси Розӣ), таълифи Абдулқаҳҳор ибни Исҳоқ мулаққаб ва мутахаллис ба Шариф, бо ҳавошӣ, таълиқот ва тасҳеҳи донишманди муҳтарам оқои Муҳаммад Ҳасан Адибӣ Ҳаравии Хуросонӣ.— Теҳрон, 1338, саҳ. 8.

[4] Шамс-ул-луғот.— Калкатта, 1806, саҳ: 48.

[5] Нафоис ул-фунун фӣ ароис ул-уюн.— (Теҳрон), 1317, саҳ. 10.

[6] Ҳоҷӣ Халифа. Кашф уз-зунун ан-асомӣ ил-кутуб ва фунун, аҷ-ҷузъ ул-аввал.— Истамбул, 1310, саҳ. 81—82.

[7] Арӯзи Ҳумоюн, саҳ. 8.

аз ҳам дурро, ба мисли таърих ва сарфу наҳв ба як даста табақабандӣ карда, онҳоро ба гурӯҳи илмҳои адабӣ дохил кардаанд ва ҳол он ки таърих, ба фаҳми имрӯзаи мо, таҳқиқи таърихи тараққиёти ҷамъият, муносибатҳои ҷамъиятӣ ва амсоли онро дар формацияҳои гуногуни инкишофи таърихӣ мавзӯи баҳси худ қарор дода, доираи муҳокимаи сарфу наҳв қонуну қоидаи дохилии забон аст. Ҳамин кӯшиши аз мавқеи забон, тасниф шудани улуми адабӣ, ки ҳар яке аз онҳо гоҳо воситаи баён ва гоҳо объекти муҳокима аст, сабаб шудааст, ки доираи анвои улуми адабӣ дар муҳокимаи муаллифони ҷудогона тағьир ёфта, дар бисьёр маврид аз андоза ҳам мегузарад.[8] Баъзе муаллифон миқдори улуми адабиро ҳатто аз понздаҳ ҳам гузаронида, ба ҳафтдаҳ расонидаанд ва ба анвои боло илмҳои ҳуруф, аҳволи шуаро (тазкиранигорӣ), анвои ашъор, таворих, луғз, муаммо ва ғайраро зам кардаанд.[9] Бо вуҷуди ин ғолиби донишмандон миқдори улуми адабиро дар ҳудуди 10—12 навъ қарор додаанд. Шарҳи мухтасар ва хусусияти онҳо чунин аст:

1. Илми сарф — илми маърифати калом мебошад. Вай чигунагии аҳволи абнияи калимаҳоро дарбар гирифта, фаҳмиши он ба маънои морфологияи имрӯза наздик аст.

2. Илми иштиқоқ — ин илмро илми калимасозӣ номидан мумкин аст. Ба таъбири қудамо илми иштиқоқ баҳс мекунад аз кайфияти хориҷ шудани калимот аз баъзе дигар ба воситаи таносуби ҷавҳари мобайни онҳо, ё ин ки таносуби байни ду калима дар асли маънӣ ва таркиб ба мисли сӯхту сӯз, хуньё ва хиню ва ғайра. Иштиқоқ сағир, кабир ва акбар мешавад.

3. Илми луғат — маърифати мадлулоти калимаҳоро бо кайфияти авзои мухталифи луғатҳо мегӯянд.

4. Илми баён — илмест, ки ба воситаи он матлаберо бо роҳҳои гуногун метавон баён кард. Ин илм дар бораи бадеиёт баҳс менамояд ва бинобар ин дар бисьёр маврид илми бадеъро ҳам ба ин илм ҳамроҳ кардаанд.

5. Илми маонӣ — дар хусуси ҳолати лафз аз рӯи

---

[8] Ҷалолиддини Ҳумой. Таърихи адабиёти Эрон, ч. 1, чопи дуввум.— Теҳрон, 1340, саҳ. 11.

[9] Муҳаммадҳусайни Беҳрӯз. Шаръ уш-шуаро,— «Ориёно», давраи бисту якум, 6—7.— Қобул, 1342, саҳ. 19.

чоӣ истифода баҳс мекунад. Фасоҳат ҳам ба баён ва маонӣ дохил мешавад.

6. Илми бадеъ — тобеи маонӣ ва баён аст. Ба воситаи он ваҷҳи каломи бадеъ омӯхта мешавад.

7. Илми наҳв — илме аст, ки ба воситаи он шинохта мешавад аҳволи калима ва калом. Ин фанро бештар ба маърифати каломи араб нисбат медиҳанд.

8. Илми арӯз — маърифати буҳур ва авзони шеърро дар бар мегирад.

9. Илми қофия — маърифати хусусияти охири байтҳои шеър.

10. Илми нақди шеър ё қарзушшеър ва ё илми тақриз — иборат аст, аз кайфияти донистани иншои шеър аз шоистагӣ ва адами шоистагӣ. Ҳарчанд аҳамияти ин илм нисбат ба арӯзу қофия барои таърихи адабиёт бузургтар аст, то ҳол вай ҳаматарафа тадқиқ нашудааст. Ин илм воситаи асосии муайян кардани ҳиссу завқи адабии замони гузашта мебошад.

11. Илми иншо — иншо дар луғат ба маънии шурӯъ ва эҷод аст. Дар истилоҳ илме аст, ки ба василаи он кайфияти баёни маонӣ равшан мешавад. Баъзе муҳаққиқон ин илмро ба ду ҷудо кардаанд: илми иншои назм ва иншои наср, вале дигарҳо иншоро ба ҳамаи илмҳо нисбат додаанд.

12. Илми хат, ё китобат — ба воситаи он усули навиштан ва дигар қавоиди он омӯхта мешудааст. [10]

Ба ҷуз ин дувоздаҳ илм боз якчанд намуди дигар ҳам ҳаст, ки онҳоро ба улуми адаб дохил кардаанд. Яке аз онҳо илми муҳозирот аст, ки маънои истилоҳии он муносиб ва дар мавриди лозим сухан гуфтан аст. Зоҳиран, ҳозирҷавобӣ ва бадеҳагӯӣ низ ба ҳамин илм дохил мешудааст. Илми ансоб низ як соҳаи дониши адаб буда, вазифаи он шинохтани равобити хешовандони қабоилу авлод будааст.

Таърих ва ҳар гуна қиссаҳо ҳам аз намудҳои илми адаб ба шумор мерафтаанд. Вазифаи ин илм маърифати аҳволи гузаштагон будааст. Лекин ба ақидаи Деҳхудо илми таърих муштақ аз адаб аст. [11] Инчунин илми амсолу ҳикам, мамолик ва масолик (ҷуғрофия), давовин, муаммо, таворих (таърихот, ки бо ҳисоби абҷад навишта мешуданд) ва моҳори ҷулҳуруф низ дохили улуми адабӣ будаанд.

---

[10] Нафоис ул-фунун фӣ ароис ил-уюн, саҳ. 26.

[11] «Луғатнома»-и Деҳхудо.— Теҳрон, 1328, саҳ. 1546.

Барои дарьёфтани улуми адабӣ гузаштагон доштани якчанд сифатҳоро зарур медонистаанд. Ин сифатҳо аз рӯи фаҳмиши имрӯза ҳамон талаботе мебошанд, ки барои пайдо кардани маҳорати эҷодӣ заруранд. Аввал қувваи фитрии ақлӣ. Қувваи ақл аз панҷ чиз ибораг донистa мешавад: заковат, хаёл, хофиза, ҳис, завқ. Дуюм, донистани қонун ва усули назму наср, ҳусни таълиф дар иншои шеър ва хитоба. Сеюм, донистани таснифоти булаго ва мутолиаю татабӯъ дар кулли онҳо. Чаҳорум, донистани сабки удабо ва булағои қадим.[12]

Шахсе, ки дар тамоми анвои ин улум ё якеи онҳо тахассус пайдо мекардааст, ӯро адиб мегуфтаанд. Гоҳо ихтисоси ашхоси ҷудогона ҳамчун лақаб ва ё тахаллуси ӯ ҳам қарор гирифтааст. Монанди, Низомии Арӯзӣ, Хатиби Табрезӣ ва дигарҳо. Гузаштагон дар байни адиб ва олим фарқ мегузоштаанд. Ҷурҷӣ Зайдон дар ин хусус менависад:

«Ва фарқ мобайни адиб ва олим он аст, ки адиб аз ҳар чизе беҳтар ва хубтарашро интихоб менамояд ва олим танҳо мақсадро гирифта, дар он маҳорат меёбад».[13]

Муҳаммади Қазвинӣ ба китоби «Мӯъҷам ул-удабо» ишора карда, дар бораи фарқи адибу олим мегӯяд:

«Адиб ва олим ва фарқ байни он ду, аввалӣ ба маъни мутталеъ (огоҳ) аз ҳар ҷо ва ҳар илме то андозае ва дуввумӣ ба маънии мутахассис».[14]

Пеш аз ҳама лозим аст, ки ба таърихи пайдоиши ин илмҳо ишораи иҷмолие бинамоем, то ин ки мақоми назарияҳои шеърӣ дар дохили онҳо ва арзиши онҳо барои ташаккули афкори адабию назарӣ равшан гардад.

Ягона тасвифи дурусту илмии навъҳои фан аввалин бор аз тарафи Фридрих Энгельс дода шудааст. Аз назари Ф. Энгельс таърихи дониши башар се давраро дар бар гирифтааст: замони эҳсоси бевосита (дараҷаи аввал, предмети маърифат ягона ва тақсимнашаванда ба назар мерасад), анализ — дараҷаи дуюм ва синтез — дараҷаи сеюм.[15] Дар асрҳои миёна ва аз ҷумла дар

[12] Луғатнома, саҳ 1548.
[13] Ҳамон китоб, саҳ. 1547.
[14] Ёддоштҳои Казвинӣ, ҷ. 1, ҳарфи алиф, ба кӯшиши Эраҷи Афшор.— Теҳрон, 1337, саҳ. 40.

давраҳои аввали инкишофи адабиёти тоҷик тамоили асосӣ ба анализи донишҳои башарӣ мушоҳида мешавад. Аммо як навъ кӯшиши дар ягонагӣ ва вобастагии умумӣ дидани тамоми донишҳои башар низ барои ин замон бегона нест. Ҳамин ҷиҳат донишмандони шаркро ба мавқеи олимони юнони қадим, аз ҷумла Аристотель наздик менамояд. Таснифи улум ба ҷаҳонбинии муаллифон вобаста буда, нуқтаи назари замонро равшан менамояд Таснифи улум ва ба системаи ягона даровардани он мантиқи мавзӯи баҳсшавандаро муайян менамояд ва нуқтаи назари ягонаро оид ба он тавлид мекунад.[16]

Пайдоиш ва такомули улуми адабӣ, дар фаҳмиши боло, дорои роҳҳои хеле гуногун аст, чунки онҳо доираи васеи фаъолияти илмӣ, эҷодӣ, бадей ва дигар навъҳои таҳқиқу эҷодкориро дар бар мегиранд. Бинобар ин, сарчашмаи ягонаи пайдоиши улуми адабиро ҷустуҷӯ кардан кори ниҳоят мушкил ва доманадорест. Таҳқиқи таърихии ин донишҳо маънои омӯзиши процесси бaркароршавии онҳоро низ дорад. Бо ҳамин сабаб, қайду шарҳи мо дар ин ҷо хеле мухтасар буда, асосан ишораҳое мебошанд, ки албатта таърихи ин ё он соҳаи улуми дар боло зикршударо ба пуррагӣ равшан намекунанд.

Тамоми донишҳои башар мувофиқи тасаввуроти гузашта ду навъ аст. Яке илмҳои маъқул ва дигаре манқул, яъне улуми ақлӣ ва нақлӣ ё саҳеҳтар-табииёту илоҳиёт. Навъи якумро аз рӯи фаҳмиши он замон инсон бо ёрии андешаю ақли худ дармеёбад ва бинобар ин ҳам онҳоро илми ақлӣ номидаанд. Ба ин гурӯҳ илмҳои фалсафӣ дохил мешаванд, ки донишҳои табииро низ фаро гирифта, инсон қодир аст, бо ёрии андешаи худ аз моҳияти онҳо огоҳ шавад ва ба асл пай барад[17].

Навъи дуюми улум, ба назари Ибни Халдун, улуми нақлӣ мебошад ва онҳоро илми илоҳӣ ҳам мегӯянд. Ҳамаи онҳо мустанад аз возеи шаръӣ мебошанд ва бинобар сабаб ақлро гӯё дар идроки асли онҳо маҷоле нест, магар, дар пайванд додани фаръиёт. Асли ин илмҳо иборат аз умури шаръӣ, яъне китоби «Қуръон» ва «Суннат»-и пайғамбар иборат аст, ки гӯё аз худо ва

---

[15] Б. М. Кедров. Классификация наук, т. 1.— М., 1961, саҳ. 5.

[16] Б. М. Кедров. Классификация наук, саҳ. 6.

[17] Абдураҳмон Ибни Халдун. Муқаддима, тарҷумаи Муҳаммад Парвини Ганободӣ, ҷ. 2.— Теҳрон, 1337, саҳ. 832.

пайғамбар омадаанд ва илмҳои дигар воситаи омодаи онҳо мебошанд. Аз ин ҷиҳат барои фаро гирифтани ин улум донистани забони араб, ки «Қуръон» ба он забон эҷод шудааст, шарт мебошад. Ҳамин тавр, омӯзиши «Қуръон» хусусияти забон ва ривоёти он илми тафсирро тавлид кард. Вале тафсири «Қуръон», ки ба забони араб аст, гӯяндагонро ба омӯзиши қонунҳои забони арабӣ оварда расонд. Тафсири «Қуръон» аз ду ваҷҳ амалӣ мешуд, яке барои шарҳу тасдиқи мақосид, ояту сураҳо ва нақл дар боби рафтору кирдор ва омоли саҳоба ва тобеони он муроҷиат кардан. Дуюм, тафсири масъалаҳое, ки ба забон дахл дорад, монанди шинохтани луғат, балоғат, маънӣ аз ҳайси мақсад ва услуб.[18] Ин равиши таҳлилу омӯзиш баъдҳо барои омӯхтани асарҳои адабӣ татбиқ шудааст. Навъи дуюм, ба назари Ибни Халдун, аз якум ҷудо шуда, соҳаи мустақили донишро ташкил дод.

Навъҳои дигари дониши илоҳӣ (нақлӣ) аз ҳадис, фиқҳ, калом, тафсир, таъбири хоб ва монанди ин иборат аст, ки мо аз шарҳу баёни тафсилоти онҳо худдорӣ мекунем. Илми қироат ва расмулхат низ дар асл ба ҳамин сарчашма вобаста карда мешаванд.

Дар асри X чанде китобҳо таълиф шудаанд, ки ин табақабандии илмро низ дар бар мегиранд. Яке аз ин асарҳо китоби «Ал-феҳрист»-и (соли таълифаш 988) Абдулфараҷ Муҳаммад ибни Исҳоқи Варроқи Бағдодӣ мебошад, ки бештар ба Ибни Надим маъруф аст. Китоби дуввум «Мафотеҳ ул-улум»- и (таълиф — 976) Абӯабдуллоҳ Муҳаммад бинни Юсуф ал-Котиби Хоразмӣ мебошад. Ниҳоят, асари саввум расоили «Ихвон ус-сафо» мебошанд, ки низ ба мисли ду асари дар боло зикр шуда, хусусияти энциклопедӣ дорад, вале қимати библиографии он камтар аст.

Аз хусусиятҳои муҳимми китобҳои «Ал-феҳрист» ва «Мафотеҳ ул-улум» ин тақсими илмҳо ба улуми арабӣ ва аҷамӣ ё исломӣ ва ғайри исломӣ мебошад. Аммо дар китоби «Ал-феҳрист» китобҳои ҳар як навъи дониш ба арабӣ ва аҷамӣ тақсим шуда бошанд, дар «Мафотеҳ ул-улум» вазъият каме дигар хел аст. Ба назари Котиби Хоразмӣ ҳамаи илмҳо аз арабӣ ва аҷамӣ иборат буда, улуми илоҳӣ ва лисонӣ хоси араб ва ақлӣ ба аҷам (Юнон, Сурия, Эрон) нисбат доранд. Дар

[18] Муқаддима, ч. 2, саҳ. 900.

ин маъний тамоми донишҳои ба фаҳми имрӯза табиӣ ғайри арабӣ дониста мешаванд.

Китоби «Ал-феҳрист» асари библиографист, вале таснифоти он ва шарҳи асарҳо барои таърихи таҳаввул ва пайдоиши улуми адабӣ қимати калон дорад. Фанни аввал аз мақолаи аввали китоби «Алфеҳрист» дар бораи хутути миллатҳои гуногун аз араб, форс, Суғд, Ҳинду Чин ва мамолики ғарб хабар медиҳад.[19] Фанни дуюми ҳамин мақола кутуби дини ислом ва дигар мазҳабҳоро дар бар гирифтааст. Ниҳоят, фанни саввуми мақолаи мазкур ба ахбори уламои «Қуръон», номи китобҳои онҳо бахшида шудааст. Ин қисмати мақолаи аввал, таърихи таҳрирот, усули қироат ва беҳтарин кутуби ба ин масъала бахшида шударо дар бар мегирад. Албатта, чуноичи дар боло зикр шуд, баҳсу кашмакаш дар ин боб барои ривоҷи минбаъдаи филологияи араб бетаъсир намонд.[20] Инчунин муаллиф даҳҳо китобҳоро номбар мекунад, ки дар тафсир, ғариб, луғат, қироат ва ҳатто нукта, вақф, ҳиҷо, аҷзоъ ва дигар ҷиҳатҳои маънию луғат ва қироати «Қуръон» таълиф шудаанд. Онҳо барои вусъати минбаъдаи илми филология замина нашуда наметавонистанд.

Ҷузви (мақолаи) дуввуми китоби «Ал-феҳрист» ба масъалаи мо бештар дахл дорад ва пайдоиши наҳву луғатро дар бар мегирад. Аз он шарҳе, ки муаллиф ба аввалин шахс — «поягузори арабият» медиҳад, ибтидои тараққии ин илмро тасаввур кардан мумкин аст:

«Саълаб гӯяд: — Ибни Лаҳийя аз Абунаср нақл намуд, ки Абдураҳмон ибни Ҳурмуз аввал касест, ки поягузори арабият буд, зеро беш аз ҳар касе ансоби Қурайш ва ахборашонро медонист ва худаш ҳам яке аз қурроп «Қуръон» буд».[21]

Аз қарори боло барои поягузори арабият будан донистани ахбору ансоб ва қории «Қуръон» будан кифоя будааст. Ибни Надим, мувофиқи анъанаи асрҳои миёна, таърихи инкишофи наҳви арабиро ба ду ҷудо мекунад. Якум наҳвиёни Басра, ки асосгузори ин мактаб Абуасвади Дуалӣ мебошад. Аз мӯътабартарин наҳвиёни Басра Исо ибни Умар мебошад, ки марде нобино ва қории «Қуръон» будааст. Ӯ устоди Халил ибни Аҳмади

[19] Муҳаммад ибни Исҳоқи Надим. Ал-феҳрист, тарҷумаи М. Ризо Таҷаддуд.— Теҳрон, 1342, саҳ. 7.
[20] Ал феҳрист, саҳ. 41.
[21] Ал феҳрист, саҳ. 69.

машхур ва муаллифи «Китоб ул-ҷомеъ» ва «Китоб ул-мукаммал» будааст. Дигар аз донишмандони Басра Юнус ибни Хабиб мебошад, ки аслан аз мардуми аҷам будааст. Аз асарҳои ӯ «Китоби маонӣ ул-«Қуръон», «Китоб ул-луғот», «Китоб ул-амсол» ва ғайраро ном-бар мекунанд.[22] Мухтареи арӯз Халил ибни Аҳмад (вафоташ 170 х.) низ аз ҳамин гурӯҳи наҳвиёни Басра буд ва гӯё китоби азими «Китоб ул-айн» аз таълифоти ӯст. Зимнан дар байни наҳвиён намояндагони дигар халқҳо аз ҷумла эрониён бисьёр будаанд ва Себӯя (Себӯя — бӯи себ) яке аз онҳост, ки мӯътабартарин олими ин соҳа дониста мешудааст.

Аз наҳвиён ва луғавиёни Кӯфа Муҳаммад ибни Абдусора Равосӣ, Абулҳасан Алӣ Қисоӣ ва ғайраро ном бурдан мумкин аст. Дар охир ин ду гурӯҳ ба ҳам пайвастанд, ки онро мактаби Бағдодии наҳвиён ҳам меноманд.[23] Барҷастатарини онҳо Ибни Қутайбаи Денаварӣ (вафоташ 270 х.) мебошад. Ибни Қутайба даҳҳо асар дар соҳаҳои мухталифи филология таълиф кардааст. Ба ҷуз китобҳои зиёде оид ба тафсири «Қуръон», наҳв, адабулкотиб ва ғайра таълифоти ниҳоят муҳим дар бораи шеър ва назарияи он дорад. Китобҳои «Ал-маротиб вал-марокиб мин уюн-уш-шеър» ва «Аш-шеър ваш-шуаро» ҳам ба қалами ӯ тааллуқ доранд. Махсусан муқаддимаи назари асари дуюми ӯ дар таърихи назарияи шеър таъсири ниҳоят калоне дорад.

Маълум аст, ки дар ибтидо филологияи араб бо гирд овардани ривоятҳо ва насабҳо, ки дар шарҳи «Қуръон» лозим буд, машғул мешудааст. Бинобар ин мақолаи саввум (ҷузъи саввуми китоби «Ал-феҳрист») ба баёни номгӯи осор ва шарҳи аҳволи муаллифони ҳамин соҳа бахшида шудааст. Илми таърих ҳам дар ибтидо ба ҳамин қисмати улум дохил мешудааст. Ҳамчунин ба ҳамин гурӯҳ осори тарҷумонҳо (Ибни Муқаффаъ), ахбори шоирон ва дигар таълифоти илмӣ ба мисли осори Ибни Мӯътаз дар бораи балоғат дохил карда шудаанд. Чи хеле гуфтем, дар байни ин донишмандон намояндагони вилоятҳои шарқии хилофат бисьёр будаанд. Аз ҷумлаи онҳо Ибни Муқаффаъ, Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Уммон Марзбонӣ (аз Хуросон),

---

[22] Ал-феҳрист, саҳ. 74.

[23] Ниг.: Карл Брокелман. Таърих ул-адаб ил-арабия, накла ила-л-арабият доктор Абдулҳалим ан-Наҷҷор, ҷузъи сонӣ, Дорулмаорифи Бамако, 1962, саҳ. 123.

Абузайди Балхӣ ва дигарҳо мебошанд, ки дар таърихи филологияи араб таъсири ниҳоят калоне доштаанд.

Ниҳоят, ҷузъи чаҳоруми китоби «Ал-феҳрист» ба шарҳи ҳол ва номгӯи осори шоирон бахшида шудааст. Муаллиф шеърро ҳамчун навъи дониш дониста, ахбори шуаро ва номи осори онҳоро ба асари худ дохил менамояд. Мақолаҳои ҷузъҳои минбаъдаи асар ба илмҳои калом, фиқҳ, фалсафа, хурофот, мазҳабҳо бахшида шудаанд. Истилоҳи адаб (адибон) дар ин китоб фақат дар фанни сеюми мақолаи саввум истифода шудааст ва ба истилоҳи надим ҳаммаъно мебошад. [24]

Дар ин китоб асарҳои Аристотель тасниф шудаанд ва инчунин муаллиф аз тарҷумаи осори юнонӣ ва номи тарҷумонҳои онҳо хабар медиҳад. [25]

Таснифи Котиби Хоразмӣ, чунончи дар боло гуфтем, соддатар аст. Ӯ илмҳоро ба ду ҷудо мекунад. Яке улуми шаръӣ ва арабият (наҳву луғат, шеър ва ғайра), ки асли он ҳам бо баромади худ ба улуми шаръӣ қаробат дорад. Дигаре улуми Аҷам, яъне юнонӣ, эронӣ ва ғайра. [26] Ба гурӯҳи улуми илоҳӣ фиқҳ, калом, ҳадис ва монанди ин дохиланд. Зимни ҳамин улуми илоҳӣ улуми арабият — илмҳои лисонӣ-адабӣ шарҳ меёбанд, ки инҳо мебошанд: наҳв, шеъру арӯз, киноя, ахбор, қофия, нақд уш-шеър ва монанди ин. [27] Ба ин ҳам бояд эътибор диҳем, ки ин муаллиф зимни шарҳи мантиқ риторика (хитоба) ва поэтикаро ҳамчун анъанаи асарҳои энциклопедия аерҳои миёна шарҳ додааст.

Дар ин китоб ҳам улуми адабӣ ба таври мустақил ва алоҳида шарҳу тафсир нашудаанд ва муаллиф сарчашмаи онҳоро бо таҳқиқи «Қуръон» ва дигар осори динӣ як медонад. Тамоман равшан аст, ки вай ҳам дониши адабро аз шохаҳои мустақили илм, ки объекти ҳамагониаи маърифат дошта бошад, намешуморад.

Дигар аз осори энциклопедия ин давра ҳамоно расоили «Ихвон ус-сафо» мебошанд. Муаллифони ин рисолаҳо тамоми аноми улумро иборат аз се навъ донистаанд. Риёзӣ, шаръӣ ва фалсафӣ. Аз ҷумла дар шарҳи улуми риёзӣ муаллифони расоил менависанд:

---

[24] Ал-феҳрист, саҳ. 283.
[25] Ал-феҳрист, саҳ. 434.
[26] Абу Абдуллоҳ Муҳаммад ибни Юсуф ал-Хоразмӣ ал-Котиб. Мафотеҳ ул-улум, Lugduni-Batavorum, 1895, саҳ. 5.
[27] Мафотеҳ ул-улум, саҳ. 23.

«Риёзӣ илме бувад, ки ҷиҳати талаби маош ва салоҳи умури дуньявӣ бошад ва он нӯҳ навъ бувад: Аввал илми китобат аст ва қироат ва он чи бад-он монад. Ва дуввум — илми луғат ва наҳв ва иъроб. Сеюм — илми ҳисоб ва муомала. Чаҳорум — илми шеър ва арӯз аст. Панҷум — раҷаз ва фолу сеҳр ва азимат аст, Шашум илми кимиё ва ҳил аст. Ҳафтум — илми нуҷум аст. Ҳаштум — санъатҳо, илми байъ ва шаръ ва тиб аст. Нӯҳум — илми ахбор ва таворих, мовароуттабиат аст ва... он низ шаш илм аст...». [28]

Дида мешавад, ки муаллифони расоил ба гурӯҳи улуми риёзӣ он илмҳоеро ҳам дохил кардаанд, ки улуми адабӣ, лисонӣ ё арабӣ номида мешуданд. Як ҷиҳати дигари аз анъанаи давр дур шудани онҳо ҳангоми шарҳи илми мантиқ дар ҷои аввал гузоштани шеър ва хитоба мебошад, ки барои кулли муаллифони дигар хос нест. Онҳо менависанд:

«Аммо улуми мантиқӣ панҷ навъ аст: аввал — маърифати қиёси саноати шеърӣ. Дуввум маърифати саноати хитоба...». [29]

Аз машҳуртарин таснифоти улум дар Шарқ таснифоти Форобӣ ва Сино мебошанд. Махсусан таснифоти Ибни Сино ва тартиби баёни «Шифо» минбаъд пайравони зиёде дошт. Дигар энциклопедистҳои Шарқ системаи таснифоти Ибни Синоро, ки дар «Шифо» ва «Рисолаи мантиқ»-и «Донишнома» додааст, ба асос гирифта, сармашқи кори худ қарор додаанд. Вале Ибни Сино ва Форобӣ ҳам пешомадони худро доштаанд, ки яке аз онҳо ал-Киндӣ (800—860/879) — файласуфи арабҳо мебошад. Ӯ аз аввалин файласуфони шарқ аст, ки оид ба миқдори китобҳои Арасту баҳс карда, риторика ва поэтикаро мутобиқан ҳафтумин ва ҳаштумини китоби (фасли) мантиқ донистааст. Дар таснифоти Форобӣ (китоби «Ихсо ал-улум») боби аввал ба улуми лисонӣ бахшида шудааст. Дар боби дуюм, ки оид ба мантиқ баҳс менамояд, ба ҳукми анъана, хитоба ва риторика шарҳ ёфтаанд. [30]

Таснифоти Ибни Синоро ба воситаи осораш шарҳ додан мумкин аст. Агар таснифоти Сино нишондиҳан-

---

[28] Тарҷумаи расоили «Ихвон ус-сафо» муштамил бар панҷоху як рисола, (табъи Бамбай), 1304, саҳ. 40.

[29] Ихвон ус-сафо, саҳ. 40.

[30] Дар бораи таснифоти Форобӣ ва Ибни Сино ниг.: Расул Ходизода. Сино ва адаб.— «Садои шарқ», 1979, № 9.

дан доираи донишҳои замон ва фаҳми эчодкунандаи онҳо бошад, пас ӯ дар тамоми навъҳои улуми замонаш асар эчод кардааст. Ибни Сино, ба эътирофи умум энциклопедист мебошад. Вай дар тафсир, меъроч, дар боби ҳуруф ва луғат, дар баробари мантиқ, тиб, метафизика ва дигар навъҳои илм асарҳо таълиф намуда, кӯшиш кардааст, ки ба ҳамаи анвои донишҳои замонаш чавоб гӯяд. Бо ҳамин сабаб, зӯфунунии Ибни Сино на фақат дар он аст, ки юнониён ва махсусан Арастуро нек пайравӣ карда, бо ӯ рақобат намуда, аз ӯ ҳам пеш гузаштааст, балки чузъитарин масъалаҳои афкори илмии давр аз назари ӯ дур намондаанд. Дар таснифи Ибни Сино илми мантиқ муқаддимаи донишҳост ва барои ҳамин дар чои аввал меистад. Дар чои дуюм Ибни Сино илмҳои табииёт, саввум ҳайат, чаҳорум мусиқӣ ва ниҳоят панчум илми он чи берун аз табиат аст ва ғайраро мегузорад. Агар таркиби «Донишнома» ва «Шифо»-ро ба эътибор гирем, онҳо аз се қисми асосӣ иборат мебошанд: мантиқ, табииёт ва илоҳиёт. Дар ин чо сухане аз улуми адабӣ ва навъҳои он намеравад, вале дар ин хусус поёнтар таваққуф мекунем.

Ба ин тариқ мо дидем, ки муаллифи «Ал-феҳрист» китобҳои дар ин боб таълифшударо номбар мекунад. Соҳиби «Мафотеҳ ул-улум» ҳам ин илмҳоро таҳти муҳокима қарор дода, хусусияти онҳоро тавзеҳ медиҳад. Дар «Ихвон ус-сафо» бошад, онҳо бе шарҳу баён дар қатори илмҳои риёзӣ номбар шуда, воситаи таъмини маош диниста мешаванд. Се файласуфи барчаста — Ал-Киндӣ, Форобӣ ва Сино дар табақабандии худ, аз тафсилоти ин масъала худдорӣ кардаанд.[31] Ин тарафи масъала боз аз он вачҳ ҳам қобили таваччӯҳ аст, ки онҳо бояд бо сабаби махсусе аз шарҳу баёни он сарфи назар карда бошанд. Чунончи, дар боло дида баромадем, мартабаи ин илмҳоро муаллифони «Ихвон

---

[31] Дар бораи табақабандии улум аз тарафи ал-Киндӣ, Форобӣ ва Ибни Сино дар муқоиса бо Юнону Аврупо нигл.: Б. М. Кедров. Классификация наук, 1, изд. ВПШ и АОН при ЦК КПСС.— Москва, 1961, стр. 54; Е. И. Шамурин. Очерки по истории библиотечно-библиографической классификации, т. 1, изд. Всесоюзной книжной палаты.— Москва, 1955, стр. 28, 57; Чашнномаи Ибни Сино, ч. 2, шомили хитобаҳои аъзои кунгураи Ибни Сино ба забони форсӣ, дар бораи зиндагонӣ, давра, ақоид, ороъ ва осори Ибни Сино.— Теҳрон, 1334 шамсӣ, саҳ. 438.

ус-Сафо» ҳам баланд намедонистаанд. Сабаби ин ҳолатро суханони зерини муаллифи асри XIV Ибни Халдун қаму беш равшан менамояд. У менависад:

«Ин дониш дорои мавзӯе нест, ки дар исботи авориз ё нафйи он баҳс кунад, балки мақсуд аз он дар назди донишмандони улуми забон самара ва натиҷаи он аст, ки иборат аз маҳорат ёфтан дар ду фан — назму наср, бар ҳасби услубҳо ва мақосиди забони араб аст».[32]

Равшан аст, ки ин гуна баён ба мавқеи ба ин илмҳо додани мусаннифони «Ихвон ус-сафо» қаробате дорад, зеро дар ин маврид ҳам вазифаи ибтидоии илм, ки чун дастуре хизмат кардан аст, қайд шудааст. Лекин дар таҷрибаи эҷодии худ олимони ин соҳа аз вазифаи боло чуқуртар рафтаанд. Бо вуҷуди ин, чунин нуктаи назар, чунон ки дидем, дар шарҳи ҳар яке аз ин илмҳо дида мешавад. Эҳтимол ҳамин натиҷаи дониши адаб, ки онро муаллифони боло ба дараҷаи пешаи косибонае паст задаанд, сабаби хориҷ шудани он аз таснифоти Ибни Сино ва дигарон шуда бошад. Дар воқеъ сабаби ин ҳолатро муаллифи «Табақабандии улум аз назари Шайхурраис Абӯалӣ Сино» доктор Ҳасани Манучеҳр тасдиқ менамояд.[33] Хулосаи мулоҳизаҳои муаллифи мақолаи мазкур чунин аст:

Маълум аст, ки таснифи Ибни Сино бо табақабандии Арасту мувофиқати муайяне дорад. Чунончи дар боло омад, Ибни Сино мантиқро аз ҳадди ҳамаи илмҳо боло мегузорад. Вай ба таснифи онҳо даҳл надошта, дар зуҳури ҳаққу ботили анвои улум ҳукмрон аст. Аммо фалсафа, ба фаҳмиши васеи он замон ва аз ҷумла Арастую Ибни Сино аз ду қисм иборат аст, фалсафаи назарӣ ва фалсафаи амалӣ. Фалсафаи назарӣ ба мисли фалсафаи амалӣ аз се қисм иборат аст: 1. Вай дар бораи маъқулот ва муҷаррадот баҳс мекунад, ки мавзӯи илмҳои илоҳӣ ва мобаъдуттабиа аст. 2. Баҳс дар боби ҷисм аз рӯи шакл ва миқдор, ки мавзӯи илми таълимӣ ва риёзист. 3. Баҳс дар бораи тағйир ва таҳаввулоти ҷисмҳо, ки мавзӯи илми табиӣ аст.

Қисматҳои фалсафаи амалӣ инҳост: аввал он чи аҳкоми он ба низоми иҷтимоӣ вобаста аст ва онро сиёсат меноманд. Дуввум, он чи ба таъмини ҳаёти фард

---

[32] Муқаддима, ҷ. 2, саҳ. 1178.
[33] Ҷашнномаи Ибни Сино, ҷилди 2, саҳ. 438.

алоқа дорад, ки онро тадбири манзил ҳам мегӯянд. Сеюм, он чи аҳкоми он саодати фардро таъмин менамояд, ки ин илми ахлоқ аст.[34]

Дар ин табақабандӣ илмҳои оид ба ҳунар ва зебоӣ, ки улуми адабӣ аз ҷумлаи онҳост, дохил нашудаанд, лекин онҳо дар таснифи Арасту мавҷуданд. Сарфи назар шудани онҳо, ҷузъи улум диниста нашудани санъату ҳунар мебошад. Ин як навъ эътирозест ба табақабандии улум аз тарафи Арасту, ки чизҳои натиҷаи эҳсосоти инсонӣ илм дониста нашудаанд. Сабаби ин ҳолат, метавон гуфт имрӯз то ҳадде маълум аст, зеро назарияи санъат дар Юнон хусусияти нормативӣ дошт ва ҳам медонем, ки то асрҳои XVII дар Европа принципҳои назарияи эстетика бо амалияи он як будаанд. Фақат донишманди немис Баумҳартен ҷои эстетикаро дар байни илмҳои фалсафа равшан кард.

Масъалаи дигаре, ки ин ҷо барои мо муҳим аст, аз назари Ибни Сино афтидани дониши адаб аст. Албатта, ҷои гап ҳам нест, ки ӯ ин илмҳоро нек медонистааст ва дар луғат, арӯз, илми ҳуруф таснифот ҳам доштааст. Сабаб, эҳтимол, дар ҷои дигар аст. Ба ақидаи доктор Манучеҳр Ибни Сино ин илмҳоро аз ду қисм иборат медонистааст: Яке ин ки барои ҳамаи даврy замон ва табиат хос мебошанд ва дигаре илмҳое, ки дар қисмате аз замон ҷорӣ шуда ва дар қисмате соқит мемонанд. Ба ақидаи ин муаллиф Ибни Сино улуми адабиро эҳтимол ба гурӯҳи охир дохил мекардааст. Дар асоси ҳамин ақида ӯ ҳақ доштааст, ки онҳоро дар таснифи худ ҷой надиҳад.[35] Дар ҳар сурат ин масъала қобили таваҷҷӯҳи махсус аст ва барои равшан кардани нуқтаи назари Сино, аз як тараф ва дигар донишмандон аз тарафи дигар, ба улуми адаб муҳим мебошад.

Аз қарори боло улуми адабиро аз се қисмати асосӣ иборат донистан лозим аст:

1. Илмҳое, ки ба таҳқиқи забон аз ҷиҳати маънои луғавӣ, калимасозӣ ва тарзи баёну хусусиятҳои услубии он машғул мешаванд. Ба ин гурӯҳ илмҳои луғат, иштиқоқ, сарфу наҳв, баён, илми хат ва илми қироат дохил мешаванд.

2. Илмҳое, ки дар бораи сиҳати назм ва унсуру

---

[34] Ҷашнномаи Ибни Сино, ч. 2, саҳ. 500.
[35] Ҳамон китоб, саҳ. 503.

шаклҳои он баҳс менамоянд ва анвои он инҳост: илми аруз, қофия, бадеъ карзушшеър. Ба тақриб илми муҳозиротро ҳам ба ин гурӯҳ метавон ҳамроҳ кард.

3. Илмҳое, ки ба усули нигориши назм, наср ва таърих дахл доранд. Илмҳое, ки ба ин гурӯҳ метавон дохил кард, илми иншо, китобат, таъриху қисас, илми ансоб, амсолу ҳикам, давовин ва монанди ин мебошад.

4. Ниҳоят, хитоба (риторика) ва поэтика (бутиқо), ки дар осори файласуфон ба мантиқ алоқаманд аст, гурӯҳи алоҳидае мебошанд, ки аз ҷиҳати гузориши масъала ба талаботи илмҳои ба онҳо наздик дар осори адибон фарқ мекунанд. Инчунин хитоба ва поэтика дар осори файласуфон ба анъанаҳои Юнон ва махсусан Арасту асос ёфта ва рисолаҳои ба ин масъала бахшидаи Форобӣ, Ибни Сино ва Ибни Рушд, ки то замони мо омада расидаанд, ба саҳву хатоҳо ва каҷфаҳмиҳо нигоҳ накарда, як навъ шарҳе ба «Поэтика» ва «Риторика»-и Аристотель мебошанд.

Аз тафсилоти боло равшан аст, ки бисьёре аз донишмандони гузашта назарияи эҷодии илмиро бо амалияи он омехтаанд. Гурӯҳе аз донишмандон ва чунончи зикр шуд Ибни Халдун ба ин гуна саҳв пай бурдаанд. Бинобар ин, дар бисьёре аз осори илмии гузашта майли (тенденцияи) муайян кардани ҳадди илмҳое, ки ба шеър ва ё наср дахл доранд, мушоҳида мешавад. Аз ҷумла, кӯшиши муайян кардани ҳадди илмҳое, ки ба шеър дахл дорад, дар бисьёр муаллифон дида мешавад. Масалан, ба ақидаи Қудома таълимот дар бораи шеър аз панҷ фан — аруз, қофия, луғат, мазомин ва нақдушшеър иборат аст.[36] Ҳамин гуна майли маҳдуд намудани доираи баҳс оид ба шеър дар асарҳои олимони тоҷик ҳам дида мешавад. Масалан, Низомии Арӯзӣ барои шахсе, ки шоириро пешаи худ қарор медиҳад, омӯзиши илми аруз, қофия, нақди маонӣ, нақди лафз, сароқоти тароҷимро дар баробари дигар илмҳо шарти зарурӣ медонад.[37]

Муаллифи «Меъёри Ҷамолӣ», ки дар боло иқтибос шуд, баъди номбар кардани улуми адабӣ ва барои шоир ҳатмӣ донистани онҳо, менависад:

---

[36] Китоби нақд уш-шеър, таълифи... Қудома ибни Ҷаъфар.— Кустантания, 1302, саҳ. 2—3.

[37] Низомии Арӯзии Самарқандӣ. Чаҳор мақола, Лайдан, 1909, саҳ. 30.

«Шоири комил он аст, ки ӯро аз ин улум хате вофир бошад. Хоса, аз ин чаҳор илм, ки ба фанни шоирӣ тааллуқ доранд: Аввал, илми арӯз. Дуввум, илми қавофӣ. Сеюм, илми баён. Чаҳорум, илми луғат».[38]

Маълум мешавад, ки дар гузашта ҳам аз доираи улуми адабӣ ҳамон қисматеро, ки мо имрӯз поэтикаи шеър меномем, ҷудо мекардаанд. Лекин баҳси адаб бо ҳамин ба поён намерасад. Ба ақидаи Ҷалолиддини Ҳумоӣ адабро ду хел фаҳмидан лозим аст: адаби дарс ва адаби нафс. Он чи мо дар боло гуфтем, мутааллиқ ба адаби дарс аст. Адаби нафсро Ҷалолиддини Ҳумоӣ чунин шарҳе додааст:

«Бояд донист, ки он чи дар таърифи илми адаб зикр шуд, роҷеъ ба адаби дарс мебошад, ки онро адаби иқтибосӣ низ меноманд, зеро ба дарсу ҳифз ва назар касб мегардад. Ва аммо адаби нафс ё адаби табиӣ, баъзе онро чунин таҳдид кардаанд, ки адаби табиӣ иборат аст аз ахлоқи ҳамида ва сифати писандидае, ки бо зоти инсон сиришта шуда бошад. Ва марҳум Закоулмулук Фурӯғӣ... адаби нафсро ба истилоҳи ҳукамо ва соҳибони маърифат иборат донистааст аз донишҳое, ки асбоби камолоти нафсонӣ шавад, аз қабили илм ва ҳақоиқи ашьё, ки аз он ба ҳикмат ва фалсафа таъбир намоянд ва соири улум ё донишҳоро адаби дарсӣ номидааст».[39]

Қайде дар «Ёддоштҳо»-и Қазвинӣ барои фаҳмидани моҳият ва фаҳмиши «адаб» хеле ҷолиб аст. Ӯ менависад:

«Адабро «Фароитоғ...» ҳама ҷо culture (культура) тарҷума кардааст ва ин тарҷума ба назари ман фавқулодда саҳеҳ ва дурусту матин аст».[40]

Дар ҳақиқат адаб, ки ҳам дониш аст ва ҳам ҳусни ахлоқи фард, ба маънои маданият (культура) дар фаҳмиши имрӯза наздиктар аст. Аз ин ҷиҳат мафҳуми адаб бо истилоҳи фарҳанг, ки аз замони Сосониён машҳур аст, мувофиқат мекунад.

*Соли 1970*

---

[38] Меъёри Ҷамолӣ..., саҳ. 2.

[39] Ҷалолиддини Ҳумоӣ. Таърихи адабиёти Эрон, саҳ. 5—6.

[40] Ёддоштҳои Казвинӣ, ҷ. 1, саҳ. 36.

## МАРҲИЛАҲОИ АДАБӢ ВА МЕТОДИ ЭҶОДӢ

Соли 1957 дар Москва баҳси адабие дар атрофи масъалаҳои реализм ва методи эҷодӣ баргузор шуд. Муҳимтарин натиҷаи ин баҳс он буд, ки доираи мафҳуми реализм аниқ нест. Тадқиқотчиён ва донишмандони адабиёт масъалаҳои асосии реализм, махсусан таърихи пайдоиш ва марҳилаҳои инкишофи онро ба таври гуногун ва гоҳо аз мавқеъҳои тамоман хилофи якдигар шарҳ додаанд. Баъд аз ин мубоҳиса дар адабиётшиносии советии рус чандин рисолаҳои тадқиқӣ таълиф шуданд ва дар онҳо назарияи ин проблема, асосан аз рӯи таърихи инкишофи амалияи эҷодии халқҳои Аврупо, аз давраи Интибоҳ (Ренессанс), тақрибан аз асрҳои XV то рӯзгори мо, асосиок карда шуд. Дуруст аст, ки дар адабиётшиносии рус ҳам ин масъала ба куллӣ ҳал нашудааст. Ин даъворо, масалан, гуногунии нуқтаи назарҳо дар бораи замони пайдоишу инкишофи реализм тасдиқ мекунад. Пайдоиши реализм аз тарафи қисми тадқиқотчиён аз даврaи Интибоҳ ва баъзе дигарон ибтидои асри XIX дониста мешавад. Бо вуҷуди ин дар адабиётшиносии рус ҳоло заминаи мустаҳками назарӣ барои тадқиқи минбаъдаи проблемаҳои реализм фароҳам омадааст.

Дар адабиётшиносии тоҷик солҳои охир чанд мақола доир ба реализм, ё майлҳои реалистии адабиёти классикӣ ба вуҷуд омад. Инҳо мақолаҳои профессорон Ш. Ҳусейнзода ва Х. Мирзозода, мақолаи адабиётшиноси сермаҳсули мо Атохон Сайфуллоев, Раҳим Мусулмонқулов ва Абдураҳмон Абдуманнонов, А. Абдуллоев буданд. Вазъи омӯзиши масъала дар адабиёти советии тоҷик андаке беҳтар аст. Лекин омӯзиши ҷиддии ин масъала ҳам дар адабиёти классикӣ ва ҳам советии тоҷик ҳанӯз дар пеш аст. Зарурати омӯхтани ин масъала низ худ аз худ равшан аст. Ба ҷуз ин ки методи эҷодии адабиёти гузаштаи мо ҳанӯз ба андозаи даркорӣ омӯхта нашудааст, зарурати тадқиқи масъаларо чизи дигаре — талаботи фаҳмидани методи эҷодӣ ва моҳияти адабиёти муосир, ки майли асосии он реализм аст, ба миён овард. Ба ифодаи дигар, агар мо методи эҷодии адабиёти гузаштаро наомӯзем ва ба дурустӣ нафаҳмем, баъзе масъалаҳои адабиёти муосир, ба монанди муносибати он ба адабиёти гузашта, диалектикаи анъана ва навоварӣ мубҳам ва но-

равшан мемонанд. Пас, масъалаи омӯзиши методи эҷодии адабиёти гузашта ба сари худ масъалаи маҳдуди адабиёти асрҳои гузашта не, балки проблемаи ҳаёти адабии имрӯзаи мост ва агар пешрафти адабиётамон ва фаҳмиши адабиро мехоста бошем, аз таҳқики он канора ҷустан наметавонем.

Азбаски масъалаи методи эҷодии адабиёти гузашта, чунон ки гуфтем, дар ҷузви масоили адабии имрӯза ҷойгир аст ва равиши асосии адабиёт ҳам имрӯз рӯй ба сӯи реализм гирифтааст, ҳар он чи дар гузашта ба реализм ё тасвири реалистӣ наздик бошад, дарҳол ба чашми мо бармехӯрад, ангуштнамо ва сабаби ишоратҳо мешавад. Зиёда аз он, мо дар чунин ҳодисаҳои адабӣ дарҳол заминаи адабиёти имрӯза ва нишонаи анъанаро мебинем. Албатта, ин ҷо ҳеҷ айбе нест, балки чунин анъанаҳоро ҳарчи бештар ҷустуҷӯ кардан даркор аст, то ин ки адабиёти муосири мо аз сарчашмаи фаёзи худ бебаҳра намонад. Аммо чунин муомилаҳо як хавф, ё ки сабуктар карда гӯем, номатлубие дорад. Гап дар сари он нест, ки адабиёти советии тоҷик маҳсули замони нав, замони социализм аст. Якбора аз олами маънавии феодалӣ ба социалистӣ гузаштан моҳиятан ҳодисаи басо мураккабе дар ҳаёти адабӣ буд. Ин гузариш давраи эволюционии дуру дарозеро аз сар нагузаронд, то ҷузъиёти маънавӣ дар ашколи тоза маҳлул шуда, оҳиста-оҳиста шакли наве гирифта бошанд. Дар чунин вазъият, ҷузъиёти муродифи шаклу образҳо ва тасвироти гузаштаву имрӯзаро заминаи аслии анъанаҳо ва аз ҷумла ҷанбаи тасвири реалистӣ ҳамл кардан, маънои намоиши соддакоронаи чунин заминаҳост ва ин кор ҳалли дурусти масъаларо на фақат наздик намекунад, балки моро аз асли мақсад дур мебарад. Мутобиқати ҷузъҳои зоҳирии шаклу маъноро нишонаи анъана донистан, моҳиятан тақлид ва тақлидкориро ба адабиёти гузашта тарафдорӣ кардан ва анъанаву навовариҳи ҳақиқиро ба тақлидчигӣ табдил додан аст, ки дар амалияи эҷодӣ хеле кам рӯй медиҳад. Анъана ва навоварӣ дар сурати тақлиди маҳз набудан, ҳама вақт хусусияти диалектикӣ дорад. Анъанаи гузашта аз тарафи субъект — шахс қабул мешавад ва дар шуури шахсе, ки маҷмӯи муносибатҳои нави ҷамъиятист, ҳама вақт ба таври нав идрок шуда, шакли тозае мегирад. Бинобар ин зу-

хури анъанаҳо дар адабиёти муосир ҳама вақт ғайричашмдошт хоҳад буд.

Ба фикри мо, ҷустуҷӯи сарчашма ва заминаҳои реалистии адабиёти гузашта сабаби дигаре низ дорад ва он аз тасаввуроти носаҳеҳу афкори як қатор донишмандони Европа оид ба адабиёти Шарқ рӯй додааст. Адабиётшиносӣ ва шарқшиносии марксистӣ зидди чунин тенденцияҳо баромаданд ва то дараҷае теша бар решаи чунин андешаҳо задаанд, аммо қувваи одат ва анъана расми аҷибе дорад, ки решакан кардани он фақат дар дастбурди замон аст. Ҳамин тавр, Гегель дар «Лекцияҳо доир ба эстетика» муносибати шакл ва ғояро дида баромада, тараққии шеъри шарқиро зинаи аввали инкишофи шеър ва шакли онро рамзӣ (символӣ) медонад. Ба фикри вай камбудии бузурги ин шакл номувофиқии ғоя ва тасвири предметӣ аст. Таносуби ҳақиқии образ ва шакл, ки гармонияро ба вуҷуд меорад, ба ақидаи Гегель фақат дар адабиёти Юнони қадим вуҷуд дошт. Чуноне ки маълум аст, мутафаккири бузурги немис адабиёту санъати Юнони Қадимро дараҷаи олии инкишофи адабӣ медонист ва санъату адабиёти даврахои дигарро дар муқобили он гузошта, схемаи ягонаи таълимоташро доир ба санъат ба вуҷуд овард, ки ба системаи маълуми фалсафии ӯ вобаста буд. Мо намегӯем, ки имрӯз ҳам тарзи фаҳмиши Гегель тамоман қуввват дорад, вале тасаввуре дар бораи як навъ номувофиқии шаклу маъно ё ғоя ва тасвири предметӣ, мавҷудияти тасвироти воҳинҷору шаклпарастона ва ғайра дар адабиёти Шарқ то ҳол идома дорад ва онро дар асарҳои илмии хеле ҷиддӣ ҳам дучор шуда метавонем. Аз ин ҷо майли дар ҳама гуна тасвирҳои воқеӣ асоси реалистӣ дидан натиҷаи талаботи эътирозомези шуури мост, ки чунин тасаввуроти манфӣ то андозае пушти сар карда шавад ва ба дараҷае худи таърихи адабиёт, аз чунин нақши манфӣ тозаву «сафед» гардад. Лекин вазифаи мо таҳқиқи ҳақиқат аст, на рангомезиҳои субъективона дар таҳқиқи адабӣ ва худи таърихи адабиёт ҳам эҳтиёҷ ба ин чизҳо надорад. Ба ифодаи дигар, мо худамонро дар назари бинанда аз он камбудие, ки надорем, пок кардани мешавем. Аз тарафи дигар, кӯшишҳои ҷустуҷӯи реализм ё майлҳои реалистӣ тарзи муайяни маънидоди муносибати адабиёт ва воқеияти замон аст. Азбаски адабиёт, ба сабаби таърихияти ногузири худ, реша дар

ҷуйбори зиндагӣ дорад, вай ба ин ё он навъе бо ҳаёт алоқаманд аст ва кӯшиши маҳзи дар ин алоқаву пайвастагӣ реализм дидан ҳақиқати масъаларо, ки муайян кардани махсусияти инъикоси воқеият дар адабиёти гузаштан мо мебошад, равшан намегардонад.

Оё ҳамаи ин гуфтаҳо чунин маъное дорад, ки мо тадқиқи методи эҷодии адабиёти гузаштаамонро кори нолозим ё номумкин медонем? Албатта не. Мо аслан омӯхтани методи эҷодии адабиётро ташвиқ карда истодаем, на реализми холиси онро. Дар ҳақиқат методи асосии адабиёти асрҳои миёнаро надониста, дар дохили он реализм, ё тасвироти реалистӣ ҷустуҷӯ кардан кори бебуньёд ва камфоидаест. Ин масъаларо — методи эҷодии адабиёти гузаштаро, фақат бо гузориши куллии масъала ҳал кардан мумкин аст ва ягона роҳи дурусти он низ ҳалли ҳамаҷониба мебошад.

Мафҳуми методи реалистӣ ба мисли истилоҳи романтикӣ маҳсули тафаккури адабии халқҳои Аврупо ва аз ҷумла халқи ба мо аз ҳама наздик — рус аст. Худи ин ки мо ин истилоҳҳоро нисбат ба адабиёти худамон истифода мекунем, як қатор шарту шароитро ба вуҷуд меоварад. Истифодаи ин истилоҳҳо ё ҷустуҷӯи ҳолатҳои адабие, ки дар он мутобиқати маънои истилоҳии таърихии онҳо ҳам аз ҷиҳати муҳокимаи рационалӣ ва ҳам аз лиҳози шароити инкишофи таърихӣ бошад, дар назди мо як қатор масъалаҳоеро мегузоранд, ки характери методологӣ доранд. Ҳар як мафҳуми адабӣ, ба сабаби характери таърихии инкишофи адабиёт, ногузир ҷанбаи таърихию назарӣ дорад. Вақте ки мо дар таърихи адабиётамон реализм ҷустуҷӯ мекунем ва ё таърихи инкишофи реализми онро таҳқиқ мекунем, ки ҳардуи ин як гап нест, аз рӯи зарурат аз мавқеи муайяни фикрӣ ба масъала наздик мешавем. Яъне ҳодисаҳои мавҷудаи адабиро дар тарозӯи маълуми фикрӣ мегузорем ва аз он натиҷа мегирем. Чунин гузориш ҳамчун натиҷа характери тадқиқоти моро муайян мекунад, ки он ба ҷуз омӯзиши муқоисавӣ-типологӣ чизи дигаре шуда наметавонад. Назарияҳои мавҷудаи реализм дар асоси таҷрибаи адабии халқҳои Европа ташаккул ёфтааст. Дараҷаи имрӯзаи ин такомулот натиҷаи тараққии иҷтимоӣ, инкишофи адабӣ ва ҷустуҷӯйҳои фикрии ақалле панҷ асри охири халқҳои ин сарзамин, бо иловаи эстетикаю адабиёти Юнони қадим аст. Вақте ки мо назариёти мавҷудаи реа-

лизмро, ки дар заминаи мазкур рӯидааст, ба адабиёти гузаштаи худамон татбиқ менамоем, як номувофиқие ба вуҷуд меояд. Вай ба зинаҳои инкишофи ҳаёти иҷтимоӣ, шуури ҷамъиятӣ ва марҳилаҳои асосии инкишофи адабии мо мувофиқат намекунад. Бинобар ин тадқиқоти мо аз ҷустуҷӯи лаҳзаҳои ҷудогона, шабоҳат ба ҳолатҳои адабӣ, тасвироти реалистӣ ва гоҳе бо роҳи маҷбурӣ ба схемаҳои мавҷудаи назарӣ кашола кардани ҳодисаҳои тамоман дигари адабӣ табдил меёбад. Ба ҳама маълум аст, ки романтизми адабиёти Аврупо дар замоне, ки даврони авҷи инкишофи капиталистӣ шурӯъ шуд, яъне асри XVIII ва аввали асри XIX ба вуҷуд омад. Адабиёти моро қариб ки аз асри X сар карда романтикӣ мегӯянд. Оё дар ин вақт ва умуман тамоми асрҳои миёна нишонаҳои капитализмро дар ҳаёти иҷтимоии Шарқи Миёна дида метавонем? Ба ин суол албатта касе ҷавоби мусбат додан наметавонад.

Мумкин аст, шахсоне пайдо шаванд, ки роҳи тамоман мустақили омӯзиши методи эҷодии адабиёти гузаштаро бидуни муқоисаи типологӣ бо адабиёти дигар халқҳо ва назариёти мавҷуда талқин мекарда бошанд, аммо ин коре тамоман бе буньёд буда, аз ҷиҳати методологӣ низ нодуруст аст. Ҳодисаҳои адабӣ, ба мисли илмҳои дақиқ ба таври муқоиса омӯхта мешаванд. Мақсад аз донистани методи эҷодӣ муайян кардани тарафҳои хоси тарзи маърифат ва инъикоси адабӣ мебошад. Донистани ин ҷиҳатҳо фақат дар муқоиса бо процесси инкишофи адабии дигар халқҳо мумкин аст. Мо ҳатто таърихи гузаштаро низ аз рӯи ҳамин принцип меомӯзем. Масалан, структураи иҷтимоии ҷамъиятро ба мисли таҷрибаи таърихии халқҳои Аврупо, ки онро Карл Маркс ва Фридрих Энгельс муайян кардаанд, меомӯзем; аввал таърихи инкишофи иҷтимоии ҷамъиятро ба сохти ибтидоӣ, ғуломдорӣ, феодалӣ ҷудо карда, пас давру шаклу ҷиҳатҳои хоси ин структураҳои ҷамъиятиро дар муҳити муайяни ҷуғрофии таърихӣ муайян месозем.

Дар масъалаи омӯзиши метод ё методҳои эҷодии адабиёти гузаштаамон муносибат бояд ба мисли ҳамин ё чизе ба ҳамин монанд бошад. Лекин аз ҳамин ҷо душвории асосии масъала сар мешавад. Ҳангоми муқоиса маълум мешавад, ки сохти иҷтимоие, ки дар он адабиёти реалистии Европа сабзидааст, ба инкишофи таърихии ҳаёти иҷтимоии мо ҳеҷ шабоҳат надорад

ва ин, чунон ки мегӯянд, дуньёи тамоман дигарест. Адабиёти классикии мо дар замони феодализм ва асрҳои миёна ба вуҷуд омада, нашъунамо ёфтааст. Дар Европа бошад, асрҳои миёна аз сарҳади адабиёти реалистӣ берун мемонанд. Аз ин ҷо дар масъалаи адабиёт як хулоса баровардан мумкин аст, дар асрҳои миёна ва замони феодализм реализм ҳамчун ҷараёни ҳукмрони адабӣ вуҷуд доштан наметавонад, ё умуман мавҷуд нест. (Ин ҷо сухан дар бораи ҷузъиёти реалистона намеравад). Масъалаи омӯзиши реализм, аз рӯи ҷунин муқоиса, моро гӯё ба кӯчаи сарбастае меорад ва кори таҳқиқи романтизм ҳам бо ин принцип боз ҳам душвортар аст: аз қиёси замони ба вуҷуд омадани романтизми мо ва Европа ба ҳам ҳеҷ мувофиқат намекунанд, ки дар ин хусус болотар сухан рафт. Пас, дар ихтиёри мо фақат як воситаи дигар мемонад, муқоисаи ҷиҳатҳои хоси адабиёти бадеӣ, ки онро ҳамчун навъи махсуси маърифат ва шакли хоси зуҳури шуури ҷамъиятӣ муайян мекунанд. Тадқиқи мо сурати ҳақиқии назариявӣ бояд гирад, ки он нишондиҳандаи спецификаи адабиёти ҳар як миллат аст.

Агар аз нуқтаи назари замони инкишофи таърихӣ марҳилаҳои асосии тараққиёти адабиёти мо бо адабиёти халқҳои Аврупо номувофиқ бошад, ба ҷустуҷӯи ҳақиқати масъала аз мавқеи дигар наздик шудан лозим аст. Ба ҳама маълум аст, ки адабиёти бадеӣ дар баробари таърихият ва вобастагӣ ба инкишофи таърихии ҷамъият, қонунҳои дохилии инкишофи худро дорад. Ҳамин қонунҳо сабаб шудаанд, ки инкишофи адабӣ характери марҳилавӣ пайдо кунад. Дар таърихи адабиёти халқҳои олам як қатор дараҷаҳои инкишофи адабӣ ҳаст, ки онҳо аз нуқтаи назари шароити таърихӣ ба ҳам мувофиқат накунанд ҳам, аз лиҳози принципҳои тасвир ва қонунҳои хоси адабӣ ба якдигар як навъ рабт ва ҳамоҳангие доранд. Ҳамин умумиятҳо марҳилаҳои асосии адабиёти халқҳои ҷудогона ва дар айни замон қонунияти инкишофи адабии оламро таъмин кардаанд. Ҳамаи ин марҳилаҳоро аз сар гузаронидани адабиёти ин ё он халқ шарти зарурӣ нест, вале аксар халқҳои мутамаддин ин марҳилаҳои инкишофи адабиро аз сар гузаронидаанд. Аз нуқтаи назари гносеология марҳилаҳои пешрафти адабӣ ба дараҷаҳои инкишофи шуури ҷамъиятӣ мувофиқат мекунанд. Дигар хел шуданаш ҳам мумкин нест, таърихи адабиёт

таърихи шуур ва мафкураҳои ҷамъият аст. Ба ин тарик, омӯзиши типологии адабиёт, типологияи марҳилаҳои инкишофи адабӣ ва шуури ҷамъиятиро ҳам дар назар дорад. Як чизи дигарро ҳам гуфтан даркор: умумияти типологии марҳилаҳои инкишофи адабии адабиётҳои гуногунро ҷустуҷӯ кардан дар айни замон махсусияти ин адабиётро муайян кардан аст, чунки кулл ҳама вакт таркибе иборат аз аҷзост. Масалан, ҷустуҷӯи ба ном «Ренесанси Шаркӣ» дар назари аввал татбики ин ҳодисаи маданӣи Ғарб ба Шарк бошад ҳам, дар асл аз талаботи муайян кардани тарафҳои норавшани адабиёти Шарк сар задааст.

Марҳилаҳои асосии инкишофи адабиёти тоҷик кадомҳоянд? (мо таҳлилу шарҳу баёни тасинфоти мавҷудаи давраҳои инкишофи таърихи адабиёти тоҷикро ба мавриди дигар мегузорем). Дар маҷлисе, ки Шӯъбаи танкиди Иттифоки нависандагони Тоҷикистон ва идораи маҷаллаи «Садои Шарк» ташкил карда буданд, профессор Шарифҷон Ҳусейнзода ба таври ҳакконӣ қайд кард, ки аз рӯи тасаввуроти мавҷуда адабиёти классикии тоҷик аз асри XI то нимаи асри XIX романтикӣ, баъд реализми маорифпарварӣ ва пас аз Инкилоби Октябрь реализми социалистӣ дониста мешавад. Тасаввурот дар бораи адабиёти асрҳои X—XI ниҳоят норавшан аст. Мувофиқи таҳкики М. Н. Усмонов асоси адабиёти асри X низ романтикист. Дар ҳолати ба эътибор гирифтани ин нукта, ки адабиёти асри X ҳам принципи тасвири романтикӣ дорад, кариб тамоми адабиёти асрҳои миёна романтикӣ шуда мемонад ва дар он факат тамоюлоти дигар принципҳои эҷодиро ба эътибор гирифтан даркор асту бас. Лекин то ин адабиёти романтикӣ чӣ буд ва он бо кадом сабабҳои адабӣ, иҷтимоию таърихӣ ба вуҷуд омад, маълум нест. Агар хато накунем, нахустин маротиба ё аз аввалинҳо шуда истилоҳи романтизмро нисбат ба адабиёти забони форсӣ Ҳерман Эте ба кор бурд ва китоби ӯ — «Таърихи адабиёти форсӣ» як навъ намоиши майли романтикии адабиёти гузаштаро дорад. Аз он пештар, чунон ки гуфтем, Гегель адабиёти Шаркро рамзӣ — символистӣ дониста буд ва дар зимни он бегумон адабиёти забони форсиро низ дар назар дошт, зеро вай борҳо аз эҷодиёти намояндагони бузурги ин адабиёт иктибос кардааст. Истилоҳи символизмро Саид Нафисӣ низ истифода мекунад, вале факат дар муносибат ба адабиёти тасавву-

фӣ. Аммо дар ин тасаввуроти мавҷуда оид ба методи эҷодии гузашта фақат натиҷае ҳаст, ки сабабҳои инкишофи таърихӣ ба эътибор гирифта нашуда, ҳодисаи адабӣ бо контексти таърихӣ ва адабӣ асоснок карда нашудааст. Ба таъбири дигар вай аз таҳқиқ ва тасдиқи илмӣ маҳрум аст.

Аммо инкишофи адабӣ дар таърихи адабиёти мо ҳамон тавре ҷорӣ шудааст, ки барои дигар халқҳо низ хос буд. Аввал албатта адабиёти ҷамъияти ибтидоӣ, баъд, аз рӯи таҷрибаи адабиёти дигар халқҳо ва Юнон ҳам, замони асотир, пас давраи ба вуҷуд омадани эпоси миллӣ, асрҳои миёна ва замони нав. Дар ин ҷо се масъаларо бояд ба эътибор гирифт. Якум, адабиёти ҳар давру замон дар давру замони дигар сарфи назари қатъӣ намешавад ва решаҳои ҳар як марҳилаи нав аз гузашта об хӯрда, дар дараҷаи муайяни тараққиёт сифатҳои он ба дараҷае мерасанд, ки онро марҳилаи нав гуфтан лозим мешавад. Масалан, бисьёр асотири «Шоҳнома» дар «Авесто» дида мешаванд, лекин замони ташаккули эпоси миллии халқҳои эрониро замони ба вуҷуд омадани «Авесто» донистан ҳаргиз дуруст нест. Дуюм, марҳилаҳои ҷудогонаи инкишофи адабӣ дар айни як зинаи тараққии инкишофи ҷамъиятӣ ба вуҷуд наомадаанд. Чунончи, эпоси миллии Юнон дар замони бостонӣ ва баъзе халқҳои туркзабон дар асрҳои охири эраи мо шакл гирифтаанд. Сеюм, дар масъалаи инкишофи таърихии адабиёт ва марҳилаҳои он ба ғайр аз омилҳои дохилӣ, ки асосӣ мебошанд, омилҳои хориҷиро ҳам сахт ба эътибор гирифтан лозим аст.

Инкишофи таърихии адабиёт, дар ҳақиқат, хусусияти марҳилавӣ дорад. Агар мо дар омӯзиши таърихи адабиётамон фақат зинаҳои инкишофи таърихии ҷамъиятро ба эътибор гирифта, қонуни дохилии тараққиёти адабиётро аз назар соқит намоем, бисьёр масъалаҳои адабӣ норавшан мемонанд. Адабиёти гузаштаи мо давраи ибтидоии инкишофи адабӣ, ё ин ки замони синкретизми санъат, замони ташаккули адабиро дар шакли миф — асотир, давраи ташаккули эпоси миллӣ ва асримиёнагиро аз сар гузаронидааст. Масъалае, ки ҳоло мавриди муҳокимаи мост, замони ташаккули эпоси миллӣ ва асримиёнаро дар бар мегирад ва мо вобаста ба мақсади аслии ин мақола, дар атрофи ҳамин ду марҳилаи инкишофи адабӣ гуфтугӯ мекунем.

Ташаккули эпоси миллии халкҳои эронӣ аз асри панҷи эраи мо шурӯъ мешавад. Решаҳои таърихии ин ҳодисаи адабӣ хеле кадимтаранд. Онҳо аз усули таълифи навиштаҷоти ҳахоманишӣ, мифҳои «Авесто» ва дигар маъхазҳои халқию таълифӣ сарчашма мегиранд, вале майли ба вуҷуд овардани достонҳои бузурге дар асоси тасаввур ва далелҳои таърихӣ маҳз аз ҳамин вақт шурӯъ мешавад. Ба вуҷуд омадани китобҳои «Ёдгори Зарирон», «Корномаи Ардашери Бобакон» ва боз як силсила асарҳои дигар майли ба вуҷуд овардани эпоси миллиро тасдиқ мекунанд. Дар матнҳои суғдӣ порчае ҳаст, ки аз корнамоии Рустам гуфтугӯ мекунад ва ин порча тасдиқ менамояд, ки шохаҳои ҷудогонаи эпоси миллӣ дар байни қавму қабилаҳои гуногуни эронӣ интишор ёфта буданд ва ин процесс, бо вуҷуди тафовути забону лаҳҷаҳо, хосияти умумӣ дошт. Дар ин давра як тенденцияи дигар ҳам мушоҳида мешавад, ки барои ба вуҷуд омадани эпоси миллӣ маъмулан хос аст: аз як тараф, таърихнависӣ (дар шакли онвақтаи солномаинигорӣ) аз доираи маҳдуди чорчӯбаи таърихӣ баромада, шакли бадеӣ мегирад. Аз тарафи дигар, силсилаи асотир ва достонҳои қаҳрамонӣ, ки ба фаҳмиши муайян худ таърихи халқ аст, бо тасаввури таърихии инкишофи ҷамъият алоқаманд карда мешавад. Дар натиҷа, синтези ин ду ҳодиса-инкишофи таърихӣ ва тасаввури халқии гузаштаи қаҳрамонона ҳамон дараҷаи инкишофи шуури адабист, ки эпоси миллӣ — қаҳрамониро ба вуҷуд меоварад. Ба назари мо таълиф шудани «Худойнома» дар асри VI мелод ҳамин вазифаро анҷом дода, анъанаҳои китобатӣ ва фольклориро ба ҳам пайваст. Ин ҳодиса сабабҳои таърихии иҷтимоӣ дошт, вай бояд ҳокимияти феодалии акнун ташаккульёфтаро мустаҳкам мекард ва тасаввуроти оммаи беш аз пеш гирифтори нобаробариҳои иҷтимоӣ шударо, ки гӯё ҳамаи бузургию шукӯҳу шаҳомат дар гузашта буд, кавитар мегардонд. Ҳамаи далелҳои мавҷуда тасдиқ мекунанд, ки давраҳои охири ҳукмронии Сосониён ибтидои ташаккули эпоси миллӣ буд. Зоҳиран ҳатто сурудҳои Борбад, ки Хусравонӣ ном доштанд, ситоиши нерӯ ва бузургманишӣ будаанд. Шеър ҳамчу суруд вуҷуд дошт ва шинохта мешуд.

Ин процесс то куҷо ва ба кадом равиш бояд мерафт, ҳоло ба ҷуз тахмин кардан имкони дигаре нест. Ба ҳар ҳол як чиз мусаллам аст, ки агар ҳамин рави-

ши ичтимоӣ давом мекард, процесси ташаккули эпоси миллӣ дар як ду карни дигар ба поён мерасид. Аммо замони рушду камоли эпоси миллӣ дар натичаи истилои араб ба таъхир афтод, маҳз таъхир ёфт, вале боз намонд. Мудохилаи хоричӣ ба ҳаёти сиёсию ичтимоӣ ва маънавии халкҳои Эрону Осиёи Миёна процесси инкишофи сохти феодалиро, аз ғайричашмдошт, тезонд. Ҳарчанд арабҳо, ҳангоми хуручи ба ин сарзаминҳо, дар дарачаи пасттари инкишофи чамъиятӣ буданд, онҳо на фақат инкишофи феодализмро дар мамлакатҳои тахти тасарруфи худ тезонданд, балки худашон ҳам ба зинаи болотари тараққиёт, чунон ки борҳо дар таърих рӯй додааст,— феодализм баромаданд. Қайду шарҳи ҳодисоти таърихӣ аз вазифаи мо дур аст, аммо процесси адабӣ, бо вучуди тағйироти зиёд — дигар шудани оину мазҳабҳо ва ҳатто забон, аз анъанаҳои худ канда нашуд. Процесси ташаккулу ба вучуд омадани эпоси миллӣ ё халқӣ ба дарачаи олии инкишофи худ расид. Вазифаҳои асосии он низ кам тағйир ёфтанд: мақсади ҳимояи давлати ягонаи муктадир, ки шакли подшоҳӣ дорад, шакли олии ин гуна сохтро дар гузаштаи таърихӣ чустучӯ кардан ва ғайра. Дар замони нав устувории давлати ягона албатта мустақилиятро аз истибдоди хоричӣ низ дар назар дошт. Аз чиҳати тенденцияи ташаккул ҳам равиши тоисломӣ идома ёфт, яъне ба вучуд омадани эпоси халқӣ дар асоси анъанаи тасаввури таърихӣ ва фаҳлавиёт. Ба як маънӣ дар ин давра процесси такомули эпоси халқӣ зинаҳои аввали инкишофи худро бори дигар такрор кард. Азбаски ҳамаи «Шоҳномаҳо» то замони мо нарасиданд, имрӯз ба куллӣ тасдиқ кардан душвор аст, ки аз онҳо кадоме ба ин равишҳо нисбат дорад. «Шоҳномаи Абӯмансурӣ», масалан, аз рӯи муқаддимаи маҳфузмондаи он ва баъзе далелҳои дигар такья ба заминаҳои халқӣ дошта ва «Таърихи Балъамӣ» тарчумаи («Таърихи Табарӣ»), ки замони таълифаш ба асари якум наздик аст, ба фаҳми нигоранда, китоби таърихист. Аз ин чо маълум мешавад, ки процесси ба вучуд омадани эпоси халқӣ дар замонҳои пеш аз ислом шурӯъ шуда, бо тақозои замони нав дар шакле мукаммалтар такрор ёфт. Қуллаи олии давраи эпоси халқӣ замони ба вучуд омадани «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ буд ва он ба замони камолоти сохти феодалӣ рост омад. Азбаски ин давраи инкишофи феодализм буд, аристократияи феодалӣ, чунон-

ки дар ҳаман давраҳои гузариш дида мешавад, ҳамчун ҳимояттари доираи нисбатан васеи аҳолӣ баромад мекард. Дар назари оммаҳои заҳматкаш роли мусбати аристократияи маҳаллӣ дар муқобили истибдоди хориҷӣ боз ҳам меафзуд, истибдоди моддию маънавӣ ва мазҳабии хеле тӯлкашидаи арабҳо, хавфи тохту този қабилаҳои ғоратгари бодиянишин, зарурати як давлати мутамарказ ва бонизому тартиберо талқин мекард. Аз ин ҷост, ки дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ равияҳои аристократӣ ва халқӣ ба ҳам омехта шуда, ин пайвастагӣ ба омезиши ду сарчашмаи асосии асар, балки равиши иҷтимоии замони Фирдавсӣ вобаста буд. Алҳақ, асари безаволи Фирдавсӣ қуллаи баландтарини замони эпоси халқӣ дар адабиёти мост ва мушоҳидаю таҳқиқи ин қулла ҳам аз зинаҳои болоравӣ ва ҳам аз ҷониби нишебу нузули он шоёни ибрат аст. Ҳамчуноне ки роҳи паймуда моро бар қуллаи олӣ бурда, баъди он нишеб шурӯъ мешавад, мисраъҳои охирини «Шоҳнома» ҳанӯз аз нӯги хомаи Фирдавсӣ нарехта буданд, ки шароити иҷтимоии нашъунамои эпоси халқӣ аз байн рафт, феодализм дараҷаи баланди инкишофи худро ёфт, мавқеи иҷтимоии синфҳо ба куллӣ равшан шуд. Барои адабиёт чандон муҳим нест, ки давлати Сомониён аз байн рафт, онҳо дар солҳои охири ҳукмронии худ он сомониҳои давраи аввал набуданд ва дарбори Ғазнавиён ҳам Фирдавсиро на барои он гунҷонидан натавонист, ки султон Маҳмуд турк буд ва шоир гузаштаи эрониёнро сутудааст. Феодал акнун ҳокими мутлақ буд ва аз рӯи табиати иҷтимоии худ манфиати табақаҳои дигар ва махсусан заҳматкашонро дидан наметавонист. Шоҳномаҳое, ки баъди асари безаволи Фирдавсӣ навишта шуданд, ҳама бар асари нузул ва инқирози давраи эпоси миллӣ гуфта шудаанд ва ин ки онҳо ҳаргиз ба пояи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ нарасидаанд, нишони камҳимативу бекобилиятии муаллифони онҳо нест. Азбаски шароити таърихӣ дигар шуда буд, ин шоҳномаҳо сюжетҳои анъанавиро дар шакли афсонавӣ даровард, қаҳрамони асосии онҳо аксар як ҳокими мутлақи феодалии замони феодализмро ба хотир меорад, ҳамчуноне ки дар «Гаршоспнома»-и Асадӣ рӯй додааст. Вақтҳое ки шоҳаҳои ҷудогонаи шоҳномаҳо чунин вазифа надоштанд, дар онҳо мотивҳои афсонавӣ афзудаанд.

«Шоҳнома»-и Фирдавсиро мақсадҳои олӣ ва вази-

фаҳои бузурги ҷамъиятӣ — истиклол, осоишу осудагӣ, нашъунамо ва ободии мамлакат, ки манфиати доираи васеи мардумро дар назар дошт, ба вуҷуд овард. Вазифаи «Гаршоспнома» бо киссаи қаҳрамонӣ дар шакли идеалӣ иззати нафси ҳокими мутлақро, ки номи он подшоҳ ва аз он болотар султон аст, дар рӯҳи шикастнопазирӣ, музаффарияти том бояд тасдиқ мекард. Чун ин гӯи бозӣ тиҳӣ аз мағзи зиндагонӣ буд, пуч ва дар қиёси ҳастӣ бебасар менамояд.

Ҳоло, пеш аз он ки риштаи суханро, бар сабили мулоҳизаҳои боло, ба асли мақсади худ, масъалаи методи эҷодӣ оварда бошем, равишҳои дигари эҷодии адабиёти ин даврро дида мебароем, ки дар қиёси эпоси халқӣ чӣ гуна мақом дошта, арзи вуҷуди онҳо аз куҷост. Фирдавсӣ дар тасвири гузашта муносибати объективона дорад. Аз ин ҷо равиши тасвир дар асари ӯ тасвироти мазҳабу оинҳои гузашта дар муқобили мазҳаби ҳукмрони замони ӯ — ислом ҷой нагирифта, заминаи ихтилофи мазҳабӣ нашудаанд. Аммо таркиби иҷтимоии ҷамъият дар Фирдавсӣ бо тасаввури воқеии давр ба пуррагӣ мувофиқат мекунад. Сохти ҷамъият дар «Шоҳнома» аз ҷиҳати структураи иҷтимоӣ ҳамон ҷамъияти феодалист. Ҷамъият аз подшоҳ, муқаррабони ӯ дар сурати сарони лашкару мазҳаб ва халқ иборат аст. Аз ҳамаи онҳо болотар ҳурмузу аҳримaн — ду қувваи фавкуттабиа меистанд. Асоси таълимоти ислом низ дар бораи ҷамъият ҳамин тавр аст, аввал худо, баъд подшоҳ, сипас, муқаррабони ӯ, дар охир аввом ё халқ. Худо дар фалсафаи дин ҳам як чизи абстрактии мавҳум аст ва ин ки аз рӯи таълимоти ислом бо муҳокимаи ақлӣ вуҷуди ӯро тасдиқ кардан мумкин нест, мавҷудияти мавҳуми ӯро бори дигар тасдиқ мекунад. Аз рӯи фаҳми он замон дарки модда ба воситаи сифот аст, худо сифот дорад ва зоти он бечун аст, яъне чизест, ки нобобаста аз дарки ҳақиқати худ бояд тасдиқ карда шавад. Ин муҳокимаронӣро агар давом диҳем, бемаънигии чунин таълимот ба осонӣ равшан мегардад, аммо вазифа ва мақсади мо ин ҷо чизи дигарест. Худоро ба нобудии худ, ба сари худ во мегузорем, аз он пас дар ҷамъият подшоҳ ва дигарон ё шахс ва ҷамъият мемонад. Ҳама инсонҳо тобеи як шахсанд, яъне подшоҳ. Ин шахс — подшоҳ дар муносибати муайянест бо ҷамъият. Аз рӯи фалсафаи дин подшоҳ сояи худост дар ҷамъият, яъне вай ҳокими мутлақ ва

фармонравон молу чони мардум аст. Азбаски авзои рӯҳии ҷамъият ин ё он тарзи фаҳмиши муносибатҳои ҷамъиятӣ буда, шуури ҷамъиятиро ҳамин муносибатҳои иҷтимоии муайян мекунанд, дар адабиёт, бо фардияти предметии он, таносуби муносибатҳои ҷамъиятӣ асоси ғоявию бадеиро ташкил медиҳад. Яъне ҳастии воқеӣ — реша ва бунёди шуури ҷамъият, бо ҳастии адабӣ — воситаи ифодаи шуури ҷамъиятӣ дар муносибати муайянест ва ҳамин муносибат принципи инъикоси бадеӣ ва ё методи эҷодӣ мебошад. Дар адабиёти асрҳои X—XI тасвири таркиби воқеияти адабӣ бо ҳастии реалӣ умуман мувофиқат дорад, ҷамъият дар адабиёт аз подшоҳ, бузургони динӣ давлат ва авом иборат аст. Чунин фаҳмиши структураи ҷамъият бешубҳа андешаеро талаб мекунад, ки асоси ҷамъият аз ин ду қисм шахс (шоҳ ва ғайра) ва омма кадом аст? Қисми асосии адабиёти ин давра мувофиқ омадани ҳардуи ин аҷзои ҷамъиятро шакли асосӣ донистa, чун реша ва бунёди сохти феодалӣ сарвару пешвою пешбарандаи ҷамъият шахсеро медонад, ба шарт ин ки рафтору муносибат ва муомилаи вай бо авзои омма мухолиф набошад. Дар ҳамон лаҳзае, ки байни шахс ва ҷамъият номувофиқӣ ба вуҷуд омад, гармонияи муносибатҳои ҷамъиятӣ вайрон мешавад, ҳамчуноне ки дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ҳангоми ҳукмронии Заҳҳок рӯй додааст. Умуман, мотиви асосии адабиёти ин давра ташвиқи гармонияи ҷамъиятӣ мебошад ва ҳар чи ки ин гармонияро вайрон мекунад, сабаби эътирози сахте шудааст. Тасдиқи инро мо дар қасида, дигар навъҳои адабӣ ва ҳатто тасвирҳои табиӣ ҳам дидан метавонем. Аз нуқтаи назари иҷтимоӣ чунин тамоили адабӣ ба сохти феодалии рӯ ба тараққӣ ниҳода мувофиқат мекард. Иллюзияи гармонияи ҷамъиятӣ ба мақсад ва манфиати синфҳои мустасмире, ки акнун дар сари ҳокимият устувор мегарданд, хизмат кардааст. Аммо вусъати афкори ҷамъиятӣ, бо ин ки қувваи асосии пешбарандаи омма аст, аз доираи манфиати гурӯҳи хурде берун баромада, барои пешравии шуури давр хизмат кардааст.

Оё чунин тарзи тасвирро, ки ба сохти мавҷудаи ҷамъиятӣ ва тасаввури воқеии сохти иҷтимоӣ мувофиқат дорад, ба кадом навъи метод бояд дохил кард? Бояд бигӯем, ки методҳои асосии эҷодӣ — реализм ва романтизм шарҳу тафсири ягонае надоранд, лекин ҳа-

ман онҳо ба ду принципи асосӣ бунъёд ёфтаанд: якум, асари адабӣ дар қиёси ҳастии воқеӣ гузошта мешавад ва аз он ҷо ки ин ду воқеият — реалӣ ва адабӣ чӣ гуна муносибате доранд, методи асар муайян мешавад. Дуюм, методи эҷодӣ ба тарзи маърифат вобаста дониста мешавад, яъне агар маърифати бадеӣ ба биниши материалистӣ асос меёфта бошад, вай моҳиятан хусусияти реалистӣ пайдо мекунад. Инсофан, ҳангоме сухан аз боби метод меравад, се нуқтаи асосӣ ҳаст, ки бояд дар мадди назар дошта шаванд: воқеият, эҷодкор ва асари адабӣ, ё объекти таҳқиқи адабӣ, субъекти омӯзандаи ин объект ва натиҷаи таҳқиқ.

(Чунин қолаб, бидуни шубҳа, ҳамаи нозукиҳои маърифати бадеӣ ва аз ҷумла процесси маърифатро дар бар намегирад ва мо ноилоҷ ин ҷо аз баъзе ҷузъиёти масъала сарфи назар мекунем). Ба ин тариқ диалектикаи эҷоди бадеӣ дар таносуби ин меҳвар аст ва принципи эҷодиро аз муносибати онҳо бояд ҷустуҷӯ кард: принципи эҷодӣ натиҷаи даврани муайяни таърихист ва асари адабӣ низ чун шакли маърифат ва воситаи ифодаи шуури ҷамъият маҳсули ҳамон давр мебошад. Бинобар ин, ин ё он қолаби мавҷудаи реализм ё романтизмро гирифта, ба он адабиёти ин давраро ҷо кардан, чунон ки баъзе рафиқон кардаанд, ҳадди ақалли рафтори метафизикӣ мебуд. Дар адабиёти асри Х таркиб (структура)-и воқеияти реалӣ ва асари адабӣ мувофиқат мекунад. Гармонияи шахс ва ҷамъият, ки дар адабиёт мавҷуд аст, албатта идеали ҷамъиятист, ки дар ҳаёти воқеӣ кам рӯй медиҳад. Ба мисраъҳои зерини устод Рӯдакӣ таваҷҷӯҳ фармоед:

Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме,
Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме.
Реги Омуву дуруштии роҳи ӯ
Зери поям парниён ояд ҳаме.
Оби Ҷайҳун аз нишоти рӯи дӯст
Хинги моро то миён ояд ҳаме.
Эй Бухоро, шод бошу дер зӣ,
Мир наздат шодмон ояд ҳаме.
Мир моҳ асту Бухоро осмон,
Моҳ сӯи осмон ояд ҳаме.
Мир сарв асту Бухоро бӯстон,
Сарв сӯи бӯстон ояд ҳаме...

Дар ин мисраъҳо амири Бухоро, чунон ки маъмулан дар қасидаҳои баъдина дида мешавад, як қувва ва шахсияти фавқуттабиа нест. Вай «ёри меҳрубон», «меҳмо-

ни Бухоро», «сарви бӯстон» буда, шахсияти ӯ на танҳо аз муҳити ҷамъиятӣ, балки аз муҳити табиӣ низ ҷудо нест. Вай «сарви бӯстон» ва «моҳи осмон» аст ва моҳу сарв дар осмон ва бӯстон аз ҳама назарработар бошанд ҳам, боз ҷузъи ҳамин бӯстон ва осмони нопайдоканоранд.

Идеали халқии подшоҳи одил дар ин вақт ҳанӯз ба зуҳур наомадааст. Тарзи маърифати воқеият дар мавриде, ки шахсро (аксаран ҳукмронро) ба ҷамъият тобеъ медонад, ба материализм наздик мебошад. Бо ҳамаи ин мулоҳизаҳо, ба фикри мо, адабиёти асри X-ро як навъи тасвири реалистӣ донистан мумкин аст. Ин навъи тасвир бо реализми сирф ҳамранг нест, вале анвои дарахтон шабоҳати мутлақе бо якдигар надоранд, аммо ин ба мо чунин ҳуқуқ намедиҳад, ки ин ё он навъи дарахтро аз ҷинси ашҷор нашуморем. Аз ҷиҳати воситаҳои тасвир ва тарзи ифодаю инъикос ин адабиёт чизи якрангу яклухт нест. Сабаби гуногунии оҳанг (мотив)-и тасвир ба анъанаҳои асотирӣ, афсонавии он, гуногунии манфиатҳои табақавии ҷамъият вобаста буд.

Кризис ва нишонаҳои инқирози сохти феодалӣ хеле зуд ба вуҷуд омад. Султон Маҳмуд бозии халқпарварӣ намекард, вай онни ҷабру ситам ва муфтхӯрии як дастаи хурд — исломро дар нӯги ханҷари хунрезу қаттоли хӯд нигоҳ медошт. Вай мисли Исмоили Сомонӣ намегуфт, ки то бозе ман зиндаам, баҳри ҳимояи мардуми Бухоро ҳисоре лозим нест. Вай фақат худро медид ва дигар ҳама бояд ё дар гирди пои ӯ ва ё дар зери пояш мебуданд. Ҳама фаҳмишҳои дигари муносибати байни одамон бояд ба кӯи фаромӯшӣ гузошта шуда, сарҳое, ки оламро дигар тарз медиданд, маҳкуми ҷудоӣ аз тан буданд. Феодализм симои ҳақиқии худро бе пардаву ҳиҷоб намоиш медод. Аммо симои зиштихудро феодализм намехост, ки дар оинаи адабӣ намоиш диҳад. Вазифаи адабиёт бо риёкорӣ ва дурӯғгӯӣ мардумро барои сари итоат фуруд овардан дар пеши қисмати ногузири мавҷуда даъват кардан буд. Адабиёт, махсусан дар дарборҳо, ҳамин гуна рольро бозид. Равиши инъикоси бадеӣ асоси реалистӣ дошта бошад ҳам, ҷои тасвири гармонияи ҷамъиятро ситоиши шахси мутлақ гирифт. Дар девони Фаррухӣ чунин мисраъҳоро дучор мешавем:

Худойгоно, мадҳи ту чун тавонам гуфт?
Ки бартар аст аз гуфтори ман туро кирдор.

Шунидаам, ки Фаромурз Рустам андар Синд
Бикушт мору бад-он фахр кард пеши табор,
Аз он сипас, ки гахи куштан аз камони баланд
Ҳазор тир бар ӯ беш бурда ба кор.
Ту подшох, яке гург куштӣ ба Ҳинд,
Чунин далерӣ накутар аст аз он сад бор.

Мақсад аз ин муқоиса албатта чизи дигарест. Шоир кӯшиш мекунад, ки шуҷоати қаҳрамонони қиссаҳои қадимро як навъ бозии ҳавас ва бемақсад нишон диҳад, ки яъне агар чунин коре шуғли ҳақиқии мардонагӣ мебуд, ту аз онҳо хеле болотар мебудӣ. Шоир дар қиссаҳои гузашта мағзи маънавиро намебинад ва ё дидан намехоҳад. Шоирони дарбори Ғазнавиён кӯшиш кардаанд, ки корномаҳои Рустам, Искандар ва дигар образҳои эпоси халқиро то ҳадди имкон ҳамчун афсонаи ғайривоқеӣ ба қалам диҳанд. Дар шеъри онҳо ва пайравонашон, то асрҳои XII мадҳу ситоиши ҳокими мутлақ ҷои асосиро ишғол кард. Тасаввури шоирона ба фаҳмиши сохти ҷамъиятӣ мувофиқат мекард, вале асоси ҷамъият, балки тақдири он фақат дар тобеияти мутлақи ҳоким, ба иродаи як шахси ҳукмдор устувор дониста мешуд. Тасдиқи ҳақиқати шахсияти ҳукмрони мутлақ асоси шеър ва мадҳу ситоиш шакли асосии он шуда буд. Аммо масъаларо чунон тасаввур кардан лозим нест, ки гӯё шоири маддоҳ чашмро пӯшида тӯтивор мамдӯҳи худро ситоиш мекарда бошад. Харчанд шоири дарбор дар воқеъ бозичаи дасти замон ва тақдир буд, ба гумон аст, ки ҳукмронони давр ӯро фақат барои иҷрои ҳамин вазифа нигоҳ медошта бошанд. Шеърҳои шоирони дарбор тенденцияи бисьёр пурқувватти иҷтимоӣ доштанд. Дар шароити асрҳои XI—XII, ки муборизаҳои фикрӣ дар ниҳояти шиддат ва тундӣ мегузаштанд, шоирони дарбор, ин ҷокарони мафкураи ҳукмрон, фақат саногӯёни тӯтимизоҷу масхарабоз шуда наметавонистанд. Беҳуда нест, ки аксар шоирони дарбории ин давра шахсони дар суханварӣ ниҳоят муктадир ва аз лиҳози вусъати дониш хеле тавоно будаанд. Дар ин ҷо як чизи дигарро бояд таъкид кунем, ки инкишофи қасидасароӣ, алалхусус тенденцияҳои ғоявии он дар асрҳои XI—XII бисьёр кам омӯхта шудааст. Сабаби чунин вазъият аз ин ақида сар задааст, ки қасида фақат аз мадҳу ситоиши ашхоси ҷудогона иборат буда, ҷанбаи ғоявию эстетикии он бисьёр нахиф ва барои ҳамин омӯзиши он барои илм ҳеҷ гуна арзише надорад. Дар натиҷа қайду шарҳи қасидаҳои ин давра

асосан ба тарафҳои шаклию услубии онҳо дахл кардааст. Ҳол он ки тенденцияи ғоявии қасидаро дар ин давра наомўхта, мубодила ва мухолифати равияҳои ғоявиро дар ҳаёти адабӣ ба пурраги фаҳмидан мумкин нест. Дар айни замон фақат ҳаминро гуфтан лозим аст, ки роҳи бо тақозои замон пеш гирифтан қасидасароӣ, яъне ситоиши фарди мутлақ, ногузир доираи мавзўи онро маҳдуд карда, оқибат ба кризиси қасидасароӣ бояд меоварад ва дар ҳақиқат ҳамин тавр ҳам шуд. Шахси мамдўҳ ба сари худ арзиши инсонӣ (самоценность) ҳам надошт, чунки арзиши инсон дар муносибатҳои ҷамъиятӣ равшан мегардад, вай бошад, аз ҳадди ҳама гуна муносибатҳои ҷамъияти инсонӣ болотар гузошта мешавад. Дар натиҷа шахсияти конкретии адабӣ аз доираи назари гўянда дур монда, тозагию навии воситаҳои тасвир дар мадди аввал ҷой мегиранд. Содда карда гўем, формализм ҳамчун асоси тасвир ва мақсади эҷодии адабиёти дарбор шуда монд. Ба ин тариқ, дар шеъри асрҳои XI—XII тенденцияҳои реалистии шеъри асри X идома ёфта, таҳаввули мавзўъ ва идеали иҷтимоӣ, касодии ғоявӣ ба шаклпарастӣ бурда расонд, ки ҳама вақт аломати маҳдудият ва афсурдагии проблематикаи эҷодӣ мебошад.

Акнун феодализм тамоми имкониятҳои маънавии худро то охир истифода карда буд. Аммо қувваҳои дохилии ҷамъияти мавҷуда ба дараҷае насабзида буданд, ки идеали нави ҷамъиятиро ба вуҷуд оварда тавонанд, феодализм ҳоло мавҷудияти худро нигоҳ медошт, вале идеали феодалӣ оммаҳои васеъро қаноат кунонидан наметавонист. Танқиди сахти адабиёти феодалӣ сар шуд, ҳадафи асосии танқид ситоиши шахс ва умуман мадҳ буд. Интиқоди шеъри мадҳӣ бо танқид ва шубҳа кардан дар дурустии муносибатҳои мавҷудаи ҷамъиятӣ якҷоя ба майдон омад. Танқиди шеъри дарбории феодалӣ ва умуман аркони расмии давлатию динӣ аз мавқеи равияҳои гуногуни мазҳабию фалсафӣ, ки нисбат ба тартиботи мавҷуда мавқеи оппозициониро ишғол карда буданд, ба амал оварда мешуд. Пеш аз ҳама ба муқобили адабиёти дарбор шоирони мутасаввиф баромад карданд, ки шайх Абдуллоҳ Ансорӣ аз ҷумлаи онҳо буд. Носири Хисрав дигар «қимати дурри лафзи дариро дар пои хукон рехтан» нахост. Бузургтарин шоирони дарбор низ бефоидагии кори худ — мадеҳасароиро пай бурда, аз он пойро кўтоҳ карданд. Шоирони бу-

зурги давр Саноӣ, Анварӣ ва Хоқонӣ, яке бармаҳалтар ва дигаре дертар, аз вазифаи чокарии дарбор нафрат карданд. Кор ба дараҷае расид, ки баъзе шахсони майл ба тафаккури рационалӣ дошта, ба мисли Анварӣ, умуман арзиши шеърро зери шубҳа гузоштанд. Анварӣ, шояд дар поёни умр бошад, шеърро «ҷафои нафс ва ситами ақл» доништа мегӯяд, ки «дар камоли Бӯалӣ нуқсони Фирдавсӣ нигар». Рафта-рафта дар доираҳо табақаи миёнаи аҳолии шаҳр адабиёти берун аз дарбор ба вуҷуд омад, ки аз ҷиҳати ғоя ва моҳияти иҷтимоӣ муқобили адабиёти дарборӣ буд. Омилҳои асосии пайдоиши ин адабиёт ноустувории сохти иҷтимоӣ, ҷабру зулми беандоза, маҳрумият аз ҳама гуна ҳуқуқҳои инсонӣ, дар оянда умеди беҳбудие надидан ва амсоли инҳо буд. Азбаски феодализм хеле барвақт моҳияти мустасмирӣ доштанашро ошкор сохт, аломатҳои равияи нави адабӣ низ пештар шурӯъ шуданд, лекин давраи — камолоти он ба асри XII рост омад. Идеали халқии шоҳи одил асоси равиши нави адабиёт шуд. Мардум, ки аз воқеияти мавҷуда озурда шуда буданд ва аз он роҳи халосиеро ҳам намедиданд, дар хаёл орзуеро дарбораи шоҳи одил ва мамлакати осуда, халқи хушҳол ва амсоли ин мепарвариданд. Чунин мамлакату мамлакатдорӣ албатта дар амал вуҷуд надошт ва ба вуҷуд омадан ҳам наметавонист. Ин навъ мулки хаёлӣ бояд саодати инсониро таъмин мекард. Сурати хаёлии идеали иҷтимоӣ шакли романтикии тасвири бадеиро тавлид кард. Дар натиҷа шоҳи одил ва халқпарвар идеали асосӣ ва мутараққии адабиёти минбаъда гардида, принципи асосии тасвир характери романтикӣ гирифт. Тасвири романтикӣ дар эҷодиёти Низомии Ганҷавӣ ба дараҷаи камолот расид. Подшоҳи золиму одил, халқ ва шоҳи золиму одил масъалаҳои асосии адабиёт шуда монданд. Азбаски тасвири воқеияти зиндагонии халқ сурати халқӣ дошт, осоишу саодати мардум дар адабиёт акси доманадоре пайдо накард. Бинобар ин, минбари ҷилваи адабӣ бештар мубориза ва мӯътаризоти идеали пешқадам бо ҳама гуна носозгориҳои зиндагӣ шудааст. Характери қаҳрамони романтикӣ ба андозаи кофӣ, аз ҳайси камолоти ботинӣ ва амалиёт динамикист. Дар ин маврид образи Баҳром аз «Ҳафт пайкар» ва Хусравро аз «Хусраву Ширин»-и Низомӣ ба хотир овардан мумкин аст. Мустасно аз ҳамаи тарафҳои мусбат ва пешқадами худ идеали мазкур реша дар

хастӣ мавҷуда надошт ва чунин шоху ҷамъиятро дар вокеият интизор шудан мумкин набуд. Бинобар ин, аксар вақт тасвироти идеалӣ сурати рамзе ва тимсолеро гирифтааст. Бо ҳамин сабаб, дар адабиёт ҷанбаи танқидӣ низ аз миён бардошта нашуд, ки вай гоҳо характери эътирозу норозигӣ, инкори асосҳои муҳити мавҷуда, ҳаҷв ва гоҳо шакли шикоят ва озурдахотириро гирифтааст. Ин гуна мӯътаризот ва фақру шикоят дар бисьёр маврид майли реалистӣ пайдо кардаанд, чуноне ки дар эҷодиёти Убайди Зоконӣ зиёдтар ба назар мерасад.

Дар ин ҷо чанд сухан дар бораи тасаввуф, ки равияи хеле пурқуввати адабии гузашта буд, гуфтан лозим меояд. Ба фикри мо шеъри тасаввуфӣ фақат дар заминаи адабии романтикӣ ба вуҷуд омада метавонист. Романтизм дар адабиёт ба муқобилгузорӣ асос меёбад. Вусъати хаёлии тасвир дар амал муқобил гузоштани шароит ва муносибатҳои одамии дигареро бо муҳити мавҷуда дар назар дорад. Муқобилгузорӣ на фақат дар қиёси хастӣ барои асари романтикӣ хос аст, балки дар дохили худ ҳам ин навъ асар моҳиятан аз тазодҳои характер, шароит ва ҳатто воситаҳои тасвир иборат аст. Ҳамин гуна тасвири тазодиро мо аз ҷумла дар асарҳои Низомӣ дидан метавонем. Тасаввуф аз ҳамин имконияти тасвири романтикӣ истифода кард. Маърифати орифона, ки асоси шавқӣ дорад, бе намоиши предметӣ номумкин буд. Марди ориф сухан ё аз таҷаллии ҳақиқат мегӯяд ва ё аз гирифтории худ дар қайди ҷудоӣ аз он ҳақиқате, ки ваҳдати он асли мақсади ӯст, шикоят мекунад. Ҳамин ихтилофу нисбияти маърифат ҷанбаи тазодии шеъри тасаввуфиро ба вуҷуд овардааст. Аммо дар шеъри тасаввуфӣ иборотн шеърӣ ба маънии аслии калима ва калом наомадаанд. Бинобар ҳамин номувофиқии асли мақсад ва маънои предметии гуфтор ҷанбаи рамзӣ-символӣ дар шеъри орифона ба дараҷае вусъат ёфтааст, ки методи асосии эҷодии онро рамзӣ (символистӣ) номидан мумкин аст.

Хулоса, равияи романтикӣ дар адабиёти классикии форс-тоҷик тақрибан аз нимаҳои асри XI оҳиста-оҳиста шакл гирифта, дар асри XII принципи асосии инъикоси бадеӣ шуда монд. Дар асрҳои минбаъда вай ба тағьиру такомули муайяне дучор шуд, шеъру адаб алалхусус аз лиҳози услуб нумӯе дошт, вале принципи асосии инъикос ба дараҷае, ки равиши тозаеро гирифта

бошад, тағьир наёфтааст. Даъвои моро, ки шеъру адаб аз асри XII бо равиши романтикӣ мерафт, ин ҳам тасдиқ мекунад, ки адибони баъди асри XII аз давраи қабл аз он асосан ҳамон шоиронеро пайравӣ кардаанд, эҷодиёти онҳо асосҳои романтикӣ дошт. Бо вуҷуди нуфузу шӯҳрати беандозаи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ пас аз асри XII касе ӯро пайравӣ накардааст ва баракс, эҷодиёти Низомӣ мавриди истифода, пайравӣ ва ҳатто тақлиди шоирони баъдина қарор гирифтааст. Саъдӣ равияи шайх Ансорӣ, Саноӣ ва Низомиро пеш бурд. Ҳанӯз дар асри XII Низомӣ Арӯзии Самарқандӣ назира гуфтанро ба шеъри Рӯдакӣ «Бӯи ҷӯи Мӯлиён» кори номумкин ва аз доираи иқтидори суханварони дигар берун мешуморад. Дар асл ин ҷо гап дар сари иқтидори шоирӣ набуда, дар принципҳои тағьирёфтаи эҷодӣ мебошад. Аз ҳамин ҷост, ки Давлатшоҳи Самарқандӣ низ сеҳри қудрати шоирии Рӯдакиро намефаҳмад ва дар ҳайрат аст, ки бар асари чӣ гуна ҳунаре ҳамон қасидаи «Бӯи ҷӯи Мӯлиён» ба подшоҳ ин қадар таъсир кардааст, ки дарҳол ба тарафи Бухоро фирор кунад. Бузургии шеъри Рӯдакӣ ва ҳақиқати онро аз замонаи ӯ ҷустуҷӯ кардан лозим аст.

*Соли 1979*

## НАСР, НАВИСАНДА ВА МАҚСАДИ НАВИСАНДАГӢ

Адибону донишмандони гузаштаи мо дар бораи ҳунари нависандагӣ сухани фаровоне гуфта ва китобҳои бисьёре таълиф кардаанд. Аммо ба онҳо, бараксн он чи дар бораи шеър аст, кам эътибор дода мешавад. Сабаби чунин тафовути назару муносибат дар ин аст, ки он чи тааллуқ ба шеър дорад, аз ҷиҳати бебаҳсии масъалаи асари адабӣ будани шеър, гӯё худ аз худ арзиши илмии махсуси шеършиносӣ пайдо мекунад. Азбаски ҳамаи асарҳои мавҷудаи насрии гузаштаро асари бадеӣ гуфтан мумкин нест, баҳсу андешаи гузаштагон дар бораи он ҳам аз чунин қимату арзиш маҳрум аст. Чунин тарзи муносибат доир ба назарияҳои наср чанд иштибоҳи асосӣ дорад. Аввало, ҳар чӣ дар шакли наср навишта мешавад, хоҳ илмӣ ва хоҳ бадеӣ, ногузир

конунҳои умумии таълифу таснифро доро хоҳад буд. Ин конунҳо объективан ба забон, анъанаҳои хату таълиф ва ғайра вобастаанд. Дигар, адибону донишмандони гузашта ба дараҷаи имрӯзаи фаҳмиши асари адабӣ, яъне сохти образноки асари бадеӣ, нарасида бошанд ҳам, фарқе байни тарзҳои тасвир мушоҳида кардаанд. Хулласи калом, таърихи назария ва таълимотҳо дар бораи наср ҷузъи муҳими афкори адабии гузаштаи мост ва омӯхтани оиҳо ҳам барои фаҳмидани адабиёти гузашта ва ҳам шинохтани баъзе масъалаҳои насри адабии имрӯза ёрӣ хоҳад расонд. Дар ин мақола мухтасаран дар атрофи ҳамин масъалаҳо сухан ронда мешавад.

Калимаи наср дар луғатҳои тоҷикӣ шарҳи ба тафсиле дорад. Аз ҷумла дар «Фарҳанги Онандроҷ» наср чунин шарҳ дода шудааст:

«Наср-пароканда ва сухани пошида ва пароканда кардан ва сухан бисьёр гуфтан ва фарзанди бисьёр овардан ва зиреҳ андохтан аз тани мард. Ва каломи наср, ки онро иншо, гӯянд, муштамил аст бар чанд фасл».

Дар ин ҷо бар ҳасби мавзӯи баҳси мо ду тарзи фаҳмиши наср аст. Яке, сухани пароканда, яъне сухани бенизом, ки эътибори он аз воқеаи мавҷуд буданаш аст. Дуюм, каломи наср, ки эътибори он аз воқеияти гӯянда ё нависанда вобаста аст. Дар мавриди якум наср тасаввур мешавад, ҳамчун чизе мавҷуд дар қиёси шеър ва дар мавриди дуюм ҳамчун натиҷаи амалу фаъолияти шахс. Ҳолати якум ба моҳияти наср дахл дорад ва дуюм ба сифати он, ки асоси шаклу услуби наср мебошад.

Инак, бо ҳолати якум, яъне фаҳмиши моҳият ва асли воқеии наср муроҷиат мекунем.

Наср аз рӯи таълимоти гузаштагон ва амалияи эҷодӣ чанд навъ аст. 1. Мураҷҷаз — он аст, ки калимот бештар ҳамвазн, вале бидуни риояти саҷъ мувофиқи якдигар меоянд: «Фақирӣ сабаби роҳату тараб мебошад ва амирӣ ҷиҳати заҳмату тааб мегардад». 2. Мусаҷҷаъ — калимаҳо ҳамвазн нестанд, аммо саҷъ, яъне ҳамоҳангии охири ҷумла ва иборот риоя мешавад, ки инро шартан насри қофиядор метавон шумурд, зеро қофия низ аксар вазифаи ҷамъбасту ваҳдати оҳангу ҷумла мебошад. Мисол: «Пардаи номуси бандагон ба гуноҳи фоҳиш надарад ва вазифаи рӯзихоронро ба ха-

тои мункир набурад». 3. Орӣ ё содда — яъне ғайри мураҷҷазу мусаҷҷаъ, ки онро «мурсал» ва «орӣ» ҳам мегӯянд. Мисол: «Корвони суғдиҳо аз сафари дусолаи бозаргонӣ баргашта, дар баҳори соли 675 ба диёри худ расид». 4. Насри маснӯъ ва он чунин навъ аст, ки сухан бо санъатҳои бадеӣ, саҷъ зебу ороиш дода мешавад. Насри мураҷҷазро ҳам як навъи насри маснӯъ медонанд. Мисол: «То рӯзи ғандапире, ки дасти камонгари рӯзгор ниҳоли қадашро ба камон бадал карда буд ва деҳқони айём бар мавзеи лолазораш донаи заъфарон рехта ва бар чамани сунбулаш гарди кофур бехта, бар ҷавон гузашт, дар вай назар кард, ки тароввату равнақи гулбоғи ҷамолаш пажмурда дид ва ранги арғувони руxсораш ба заъфарон бадалшуда ёфт». 5. Насри мутакаллиф — насре, ки илова ба маснӯъ будан, бо ёрии кинoя, маҷоз ва истиорот ба равиши муайяни услуби даровардa мешавад. Ба иборaи дигар ҳамои насри масиӯъ аст, бо стилизация (майли услуби)-и маҳз. 6 Насри шикаста — як навъ зуҳуроти насри орӣ аст ва бо ин истилоъ тарзи баёнро дар муколамаю мунозараҳо ва асарҳои хурди насрии лирикӣ, ки ҷумлаҳо аксар дар онҳо нотамомaнд, мефаҳманд.

Албатта навъҳои мазкур тафовути услубии насрро нишон медиҳанд; бо вуҷуди ин онҳо ҳамчун зуҳури объективии он тасаввур мешуданд на услуби субъективӣ. Шояд ин дуруст ҳам бошад, чунки ҳамчун навъ онҳо маҳруми шахсу замон шинохта намешаванд.

Масъалаи моҳияти сухан дар гузашта бештар ба доираи баҳси мантиқиён дохил шудааст. Қадимтарин асари тоҷикӣ-форсӣ доир ба мантиқ рисолаи «Мантиқ»-и китоби «Донишнома»-и Ибни Сино мебошад. Дар ин рисола ва дигар асарҳои Ибни Сино масъалаи моҳияти шеъру наср умумият ва тафовути онҳо ба миён гузошта шудаанд. Гузаштагони мо ва аз ҷумла Ибни Сино умумияти назму насрро мефаҳмиданд, вале на ба он дараҷае, ки мо имрӯз медонем, яъне дар байни онҳо аз рӯи моҳият фарқи куллие мавҷуд нест. Доир ба ин масъала ҳоло дар адабиётшиносии тоҷик тадқиқоти мукаммале мавҷуд аст. Ибни Сино чунин ақида дорад, ки ҷои татбиқи муқаддамоти қиёсии мухайялот шеър аст. Бинобар ин, шеър каломи мухайял аст. Қиёси шеърӣ муқоиса дораду натиҷа не ва дарёфти он завқию ҳиссӣ мебошад, ки ин дар айни замон натиҷаи он ҳам аст.

Ибни Сино ҷои татбиқи муқаддамоти қиёсии машҳурот ба зоҳир, мақбулот ва мазнунотро хитоба медонад ва онҳоро муқаддамоти хитобӣ меномад. Муқаддамоти мазкурро ӯ инчунин шарҳ додааст.

«**Мақбулот.** Ва аммо мақбулот муқаддамоте буванд, ки пазируфта шаванд аз касе фозилу ҳаким ва устувор дошта бошанд ва на аввалӣ бошанду на маҳсус.

**Машҳурот ба зоҳир.** Ва аммо машҳурот ба зоҳир он муқаддамот буванд, ки ба аввали шунидан чунин ваҳм уфтад, ки эшон машҳуранд ва чун ба ҳақиқат бингарӣ на машҳур буванд...

«**Мазнунот.** Ва аммо мазнунот муқаддамоте буванд, ки ба ғалабаи гумон пазируфтаанд ва худ донад, ки шояд дуруст набувад...»

Пазируфтани ҳақиқати сухан аз шахсе боваринок, сухани дар зоҳир машҳуру дар асл на, сухани бо ғалабаи гумон пазиро омада ишора ба ду ҷиҳати чизи гуфта ё навишта мекунад: якум, эътимод ба шахси гӯянда ва дуввум, сухане ба маънии чуқур, вале бо вуҷуди ин ҳақиқати мутлақ на. Ин навъ сухан, албатта, метавонад, сухани адабӣ бошад, ҳарчанд ба доираи ин фаҳмиш вазъи динию хитобии маҷолис ва амсоли онро низ метавон ҳамроҳ кард, ки низ аз унсурҳои сухани бадеӣ холӣ нестанд. Ибни Сино фоидаи хитобаро «андар сиёсати мардум ва андар шохаҳои шариат ва андар машварат ва хусумату итоб ва андар ситоишу накӯҳиш ва андар бузург кардани сухан ва хурд кардан ва ҳарчи бад-ин монад», мебинад. Ситоишу накӯҳиш, бузургу хурд кардани сухан, чуноне ки маълум аст, ҷузъҳои муҳимми сухани бадеӣ мебошанд, ки бо муболиға, тавсифу ташбеҳ ва ташхис ба вуҷуд меоянд. Дар ин ҷо сифатҳои асосии сухани бадеӣ мушоҳида шудаанд, лекин насри бадеӣ дар он замон ҷузъи шинохташуда ва мустақили адабиёти китобӣ набуд ва барои ҳамин ба мисли шеър мавриди баҳсу таърифи алоҳида қарор нагирифтааст. Ҳатто муаллифи «Оташкада» миёни сухани манзуму мансур ба ҷуз вазн фарқе надида мегӯяд:

«Ва дигар дар назари таҳқиқ миёни каломи манзум ва мансур ба ҷуз вазн фарқе нест. Пас, ҳар гоҳ фасоде дар зимни назм маассубат мӯҳтамал аст, дар каломи наср низ, ки ба суҳулот адо шавад, ба тариқи аввалӣ мутасаввир аст».

Муаррихони бузурги гузашта дар таснифи асарҳо ва

қиссаи ашхосу таърихи ходисот ва мамолики дигар ба таълимоти мантиқиён такья кардаанд. Хоча Абдулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайни Байҳақӣ таърихнависи аввали асри XI дар ҳақиқати ахбор чунин мегӯяд:

«Ва ахбори гузаштаро ду қисм гӯянд, ки онро се дигар нашиносанд. Ё онро аз касе бибояд шунид ва ё аз китобе бибояд хонд. Ва шарт он аст, ки гӯянда бояд, ки сиқт ва ростгӯй бошад ва низ хирад гувоҳӣ диҳад, ки он хабар дуруст аст ва нусрат диҳад каломи худо онро ки гуфтаанд... Ва китоб ҳамчунон аст, ки ҳар чӣ хонда ояд аз ахбор, хирад онро рад накунад, шунаванда онро бовар дорад — ва хирадмандон онро бишнаванд ва фаросита онанд».

Ин суханони Хоча Абулфазли Байҳақӣ дар боран ҳақиқати баёни ахбори гузашта гуфта шудаанд. Мулоҳизаҳои боло комилан дар асоси таълимоти мантиқиён гуфта шудаанд ва ба шартҳои яке аз муқаддамоти мантиқ — мутавотирот мувофиқат доранд. Ибни Сино дар ҳамон рисолаи «Мантиқ» мутавотиротро чунин шарҳ додааст:

«Мутавотирот. Аммо мутавотирот он муқаддамоте бувад, ки ба гувоҳии бисьёр кас дуруст шуда бувад мар хирадро, чунончи донистем, ки андар чаҳон Миср асту Бағдод, ҳарчанд надидаем. Ва шарти таватур он аст, ки андар вай шак наюфтад... Ва таватур ба ҳақиқат худ яқин афтад, чунон ки мар шунавандаро ҳочат наёяд, ки андар гӯяндагон таъаммул кунад».

Ин мулоҳизаҳо бо сухани Абдулфазли Байҳақӣ мувофиқат доранд ва дар асоси онҳо дар шинохти ҳақиқати таърихӣ ва ҳодисоти гузашта тачриба ва ақлу зако бояд маҳаки асосӣ бошад. Ҳамин таълимоти барои шинохтани ҳақиқати гузашта ба фаҳмиши мантиқӣ такья кардан аз тарафи муаррихи машҳури асри XIII Рашидаддин Фазлуллоҳ бо мулоҳизаҳои доманадортар ва ишораи бевосита ба истилоҳи мантиқии «мутавотир» таъкид мешавад. Мулоҳизаҳои ӯ, дар атрофи ин масъала — чунин баён шудаанд:

«Ва чун муҳаққақ аст, ки муаррих қазоё ва ҳикоёте, ки нависад ва тақрир кунад, ҳеч кадом ба раъй илнин мушоҳида накарда бошад ва аз он чамоат низ, ки соҳиби ҳодиса ва қазият бошанд ва таърих аҳволи эшон бувад, ки зикр равад, ба мушоҳида нашунида, илло он ки ба нақли ровиён нависад ва гӯяд. Ва нақл ду навъ аст: яке мутавотир, ки мавчиби илм бошад ва дар

он шубҳате на, чунон ки моро ба тавотири вуҷуди пайғамбарон ва подшоҳон ва шареъ ва адьён бар нақли мутавотир аст. Ва ин нақли мутавотир дар баъзе қазоё назди умуми халқ эътибор дорад ва дар баъзе назди тоифае махсус. Ва навъи дувум нақли ғайри мутавотир аст, ки онро оҳод хонанд ва он мӯҳтамали сидку кизб бошад ва маҳалли ихтилофи низоъ. Ва бештари аҳвол ва ҳикоёт, ки мардум ихтиёр кунанд, бад-ин тариқ ғайри мутавотир бошад ва ҷиҳати он ки ба таҷриба ва маҳсус маълуму муҳаққақ аст, ки қазияе, ки дирӯз воқеъ шуда, агар соҳиби воқеа такрири он кунад, қатъан камоҳии он бар хотир надошта бошад».

Дар ин ҷо, бо ҷуз он ки ҳангоми гузориши воқеоти таърихӣ ба нақли мутавотир такья карданро Рашидаддин зарур медонад, ба ду масъалаи дигар эътибор бояд дод. Яке ин ки ҳам Абулфазли Байҳақӣ ва ҳам Рашидаддини Фазлуллоҳ ҳангоми баҳо додан ба ҳодисот эътибори эътиқодотро фаромӯш накардаанд. Барои ҳамин Байҳақӣ мегӯяд, ки ахбори гузаштаро бояд «каломи худо нусрат диҳад» ва андешаи Рашидаддин Фазлуллоҳ дар ин боб боз ҳам возеҳу равшантар аст:

«Ва чун шарҳ дода шуд, ки ҳар синфе аз аснофи мардум ва ҳар тоифае аз тавоифи халоиқ нақли ахбор ва ривояти аҳвол бар ҳасби мӯътақиди хеш кунанд ва оинаи онро бар мӯътақидоти дигарон роҷеъ донанд ва дар боби ҳақиқати он муболиғаи балеғ намоянд ва мумкин на ки маҷмӯи халоиқ дар ҷамеи қазоё муттафиқулкалима бошанд».

Мантиқ ва назари мантиқӣ ҳамчун бурҳони ҳақиқат шинохта шаванд ҳам, муаллифон назари шахсӣ (субъективӣ) ва муносибати тенденциявию таъсири мафкураи замону ҷамъиятро ҳам дар шинохтани ҳолату воқеоти гузашта хуб шинохтаанд.

Масъалаи дуюм дар гузориши муаллифони мазкур ин аст, ки онҳо ахбори гузаштаро ба ду дастаи асосӣ ҷудо кардаанд. Яке, ба қавли Рашидаддин «нақли мутавотир», ки ба назари мантиқӣ ва аз мавқеи таҷрибаю мафкураи худ дидани ҳақиқат аст. Навъи дуюм, «нақли ғайри мутавотир аст, ки онро **оҳод** хонанд». Нақли ғайри мутавотир, ки истилоҳи онро Рашидаддин «оҳод» гузоштааст ва маъноаш ба мафҳуми маъмулии «омиёна» наздик аст ва худи мусанниф низ бо ин истилоҳ ҳикоёту гуфтори мардумро дар назар дорад.

Акнун давоми суханони дар боло қайд шудаи Аб-

дулфазли Байҳақиро меорем: «Ва бештари мардум онанд, ки ботили мумтанеъро дӯсттар доранд чун ахбори деву парӣ ва ғули биёбон ва кӯҳу дарьё, ки аҳмақе ҳангома созад ва гурӯҳе ҳамчун ӯ гирд оянд ва вай гӯяд: «Дар фалон дарьё ҷазирае дидам ва поисад тан ҷое фуруд омадем дар он ҷазира ва нон пухтем ва дегҳо ниҳодем. Чун оташ тез шуд ва табаш бад-он замин расид, аз ҷой бирафт, нигоҳ кардем, моҳӣ буд». Ва ба фалон кӯҳ чунину чунин чизҳо дидем. Ва пиразане ҷоду мардеро хар кард ва боз пиразане дигар — ҷоду гӯши ӯро бо равғане биандуд, то мардум гашт ва он чи бад-ин монад аз хурофот, ки хоб орад нодононро, чун шаб бар эшон хонанд».

Ба ин тариқ, навъи дуюм, ба истилоҳи Абдулфазли Байҳақӣ, «ботили мумтанеъ» мебошад, ки аз рӯи мисолҳои худи муаллиф ҳамон қиссаю ҳикояҳо буда, имрӯз мо онҳоро асари бадей мегӯем. Абулфазли Байҳақӣ дар адами ҳақиқат дар афсона ва ахбори халқ сахт муболиға карда, ин муболиға бо тақозои тасдиқи ҳақиқатгӯӣ сабзидааст. Бо вуҷуди ин, аз рӯи инсоф бояд иқрор шавем, ки ӯ барои ҳадафи тардиди худ истилоҳи аҷибе аз таъбири «ботили мумтанеъ» сохтааст, ки чизе хилофи сифати машҳури шеър —«саҳли мумтанеъ» мебошад. Инак, ба назари ин муаллиф, ахбори ғайри ҳақиқӣ сухани беҳудаи ғайри имкон аст ва аз ин ҷо маҳаки асосии ҳақиқати аҳволу ахбори гузашта аз рӯи таҷриба ва тарозуи ақл муқаррар мегардад.

Сухани Рашидаддин Фазлуллоҳ барои фаҳмидани моҳияти асарҳои адабӣ ба ҳақиқат наздиктар мебошад. Ба қавли ӯ ғайри мутавотир мӯҳтамили сидқу кизб аст. Ин тарзи фаҳмиш, аз як тараф далолат ба фарзӣ будани шароит, воқеот, амалу кирдор ва умуман тасвири бадей менамояд, ки аз ин мавқеи назари вай «мӯҳтамили кизб»— дурӯғ аст. Аммо тасвири фарзӣ будани ҳолу воқеоти асари адабӣ далели маънию мақсад ва ҳақиқат аст ва «мӯҳтамили сидқ». Сидқи он ба тасаввури оммаи мардум дар бораи ҳақиқати ахбору гуфтори гузашта мувофиқат мекунад.

Ҳамин тавр, ҳам дар баёни мантиқӣ, яъне Ибни Сино ва ҳам дар гуфтори муаррихон мо эътирофи мавҷудияти ду навъи сухани насриро мебинем: яке, сухани бурҳонӣ, дигаре ғайри он, ки якум воситаи донистан, шинохтан ва тасдиқи ҳақиқат буда, дуюм воситаю тарзи баён (хурду бузург кардани сухан) аст,

ки ба ҳар ҳол эҳтимоли сидқу кизб дар асли он мавҷуд аст. Аз ин ҷо метавонем, тасдиқ кунем, ки дар асоси муҳокимаҳои мантиқӣ ва мушоҳидаҳои таҷрибӣ ду навъи наср тасаввур мешудааст. Пайванди онҳо, илова ба тарафҳои дигари масъала, нисбаташон ба гузашта ва ё хосияти хабарии замонию воқеӣ доштанашон мебошад. Лекин тарзи дуюм ҳамчун навъи хоси маърифату инъикос ба пуррагӣ идрок нашудааст, то ин ки истилоҳи сареҳе дошта бошад. Истилоҳи «хитобӣ» мансуби соҳаи дониш аст ва бо вуҷуди баъзе қавоиди дастурии насри бадеиро доро буданаш ба маънои он омада наметавонад. Истилоҳи «ботили мумтанеъ» бартардиди ҳақиқати ин навъ ахбор ва аз ин рӯ инкори ҳуқуқи мавҷудияти онҳо гуфта шуда, таъбири «насри ғайри мутавотир» хеле умумӣ ва аз ин рӯ норавшан аст. Ягона истилоҳи дақиқ — «оҳод» ба маънои оммаи мардум ва омиёна буда, нисбат ба маънии баҳси мо аст хеле умумӣ мебошад. Суханони ҳакими юнонӣ — Арасту дар бораи навъҳои шеъру ҳунари юнонӣ, ки исми воҳиде надоранд, ба насру адабиёти гузаштаи мо низ мувофиқ мебошанд. Дар ҳақиқат, барои ифодаи шеъру ҳикоёт, достону қисса ва масалҳо ҳанӯз мафҳуми ягонае набуд, ки онҳоро аз дигар соҳаҳои фаъолият эҷодии инсон фарқ намояд ва ин навъ мафҳум дар шакли «адабиёти бадеӣ» хеле баъд ба вуҷуд омад. Ба таври табиӣ донишмандон мавҷудияти насри бадеиро мушоҳида карда, дар таҳқиқи моҳияти он ба дараҷае нарасидаанд, ки истилоҳи ягонае барои он муқаррар карда бошанд ва дар замони онҳо ин коре номумкин буд, чунки тафовути функционалии онҳо дар маърифати ҳастӣ ва ғарзи инъикоси он дар он дараҷаи инкишофи иҷтимоию фикрии башар муқаррар нашуда буд. Мафҳуми адабу адабиёт ба маънои имрӯза не, балки ба маънии умумии адабӣ истифода шуда, моҳияти назарию дастурӣ доштанд.

Фаҳмиши мантиқиро Низомии Арӯзӣ ба наср татбиқ карда ҳунари дабириро чунин шарҳ додааст:

«Дабирӣ саноате аст муштамил бар қиёсоти китобию балоғӣ, мунтафеъ дар мухотиботе, ки дар миёни мардум аст бар сабили муҳоварат ва мушоварат ва мухосамат дар мадҳу зам ва ҳилату истеъмор ва иғроъу бузург гардониданӣ аъмол ва хурд гардониданӣ ашғол ва сохтани вуҷуҳи узру итоб ва аҳкоми соиқ ва изкори савобиқ ва зоҳир гардониданӣ тартиб ва низоми сухан

дар ҳар воқеа то бар ваҷҳи авло ва ухро адо карда оядъ.

Ин таърифи ҳунари дабирӣ моҳиятан шарҳу тафсири муқаддамоти хитобии мантиқ мебошад. Дабирӣ, ба ақидаи Низомии Арӯзӣ, аз қиёсоти хитобию балоғӣ муштамил аст. Дар мантиқ қиёсоти холиси балоғӣ нест ва дар таърифи боло мақсад аз қиёси балоғӣ ташбеҳу истиора барин аркони балоғат, ки асоси қиёсӣ доранд, дар назар дошта шудааст. Қиёсоти хитобӣ ҳамон муқаддамоти қиёсӣ аст, ки дар хитоба татбиқ мешаванд. Ин қиёсҳо барои хитобаҳои байни мардум нофеъ буда, ҳамчу муқаддимаю дастур истифода мешаванд. Оғози ин таъриф ба ҷуз ҳамин қиёсоти хитобӣ дигар чизе нест ва Низомии Арӯзӣ онро ба ҳунари дабирӣ мувофиқ донистааст.

Он қиёсоти хитобие, ки дар мухотаботи мардум нафеанд, чӣ тавр бояд бошанд? Ҷавоби ин савол шояд асоси сифати ҳунари дабириро кушояд. Аммо дар асл ин тавр нест, чунки дабир умуман дар нигорандагӣ бояд моҳир бошад, яъне гап дар сари дараҷаи ҳунари ӯ меравад ва ин мувофиқати сабки сухани дабир ба талаботи услуби замон мебошад. Талаботи ҳунари дабирӣ ҳамоно стилизацияи сухани ӯ мебошад, ки ба навъе фарқ кардани онро аз сухани муқаррарии гуфтугӯ ва хаттӣ тасдиқ менамояд.

Тафовути услубии таълимоти дабир, ки ин ҳунари вай ва умуман ҳунари дабирӣ аст, ба ҷуз воситаҳои забонӣ ба василаи дигаре ҳосил намегардад. Ин воситаҳо аз қабили мадҳу зам (ситоишу накӯҳиш) ҳилат (чорагарӣ) истеътоф (меҳрубонӣ хостан), иғроъ (водор кардан) бузургу хурд гардонидани аъмол, кору кирдор, сохтани ваҷҳи узру итоб (дуруштӣ), ҳукмҳои устувор ба хотир овардани гузашта, зуҳури низоми сухан дар ҳамаи воқеаҳо то бар ваҷҳе мувофиқ анҷом ёбад. Зоҳиран чунин ба назар менамояд, ки Низомии Арӯзӣ воситаҳои ифода ва амалу кирдорро ба ҳам омехтааст, чунки фаразан мадҳу зам ҳам кирдор ва ҳам гуфтори шахсе ба дигаре мебошад, ки дабир гуфтору раъй касеро менависад ва гуфтори ӯ амали кирдор ҳам мебошад. Пас, ҳунари дабир ба маънои том ҳунар аст, ки ба тақозои амалу кирдори шахсе вобаста мебошад. Мухотаботи байни мардумро Низомии Арӯзӣ се навъ донистааст: муҳоварат (муколама, гуфтугӯ, диалог) мушоварат (машварат) ва мухосамат (душма-

ий), ки ҷиҳатҳои гуфтугӯ дар айни замон ҳам шакли муомила ва ҳам тарзи гуфтугӯ мебошанд. Бинобар ин, метавон тасдиқ кард, ки Низомии Арӯзӣ масъалаи фарқи ҳунари дабириро аз олимӣ ё дигар касбҳои ба таълифу тасниф дахлдор ба миён нагузоштааст. Ӯ ҳунари дабириро, дар он шакле, ки фаъолияти дабир тобеи хоҳишу амале мебошад, шарҳ додааст. Ин тарзи фаҳмиши ҳунари дабирӣ моҳиятан ба фаҳмиши шеър аз тарафи ин муаллиф низ наздик аст ва стилизацияи махзи муомилоту муносибатҳои хаттии байни мардумро дар назар дорад.

Акнун ба таври мухтасар бубинем, ки каси бо ин касбу ҳунар машғул чӣ гуна шахс аст ва дар ҷамъият чӣ гуна мақому мартабае дорад.

Аз мулоҳизаҳои боло равшан шуд, ки адабиётн бадеӣ дар маънои тарзи шинохташудаи инъикосу маърифат набуд. Ба мисли ҳамин навнсандагӣ низ ба маънои ихтисоси таълифи холиси асарҳои бадеӣ низ вуҷуд надошт. Навнсандагон шахсони машғули касбе дар дарборҳо буданд ва аксар бо муросилоту мукотибати ҳукмронони замон машғул шуда ва чун аз пайи он ризқу рӯзӣ меёфтанд, ин корро бо камоли ҳунар ба ҷо меоварданд. Вобаста ба вазифа касбу ҳунари онҳо унвоне дошт, мисли дабир, котиб, муншӣ ва амсоли он. Аксарияти вазирҳо низ аз ҷумлаи ҳамин мардум буданд ва қисми зиёди таълифоти илмӣ, адабӣ, динӣ, таърихӣ ҳам маҳсули қалами дабирону вазирон буда, онҳо ба тарҷумаи осор аз юнонӣ, арабӣ, ҳиндӣ ва туркӣ низ машғул шудаанд.

Маъмултарин касби дарбор дабирӣ буд. Ин касбу вазифаи дарбор ҳанӯз аз замони Сосониҳо маъмул буд, ки ба ин маълумотҳо дар бораи мавҷудияти китобҳои дастурии котибон шаҳодат медиҳад. Калимаи дабир дар забони паҳлавӣ мавҷуд буд ва онро ба шакли «дайпир» менавиштанд ва ин касбро дайпурии (dipurīn), яъне дабирӣ ё навнсандагӣ мегуфтанд. Ин мафҳуми дар аввалҳо хеле маълум буда, зоҳиран дар қарнҳои минбаъда ҷои онро «муншӣ, котиб» ва «мирзо» гирифтаанд. Амир Муиззӣ — шоири охири асри XI ва аввали асри XII дар ин байт яқинан ба касби дабирӣ ишора карда мегӯяд:

Чун дабири ту нигорад ба қалам номи туро,
Осмон бӯса диҳад бар қаламу дасти дабир.

Шарҳу тафсири дабир дар луғату фарҳангҳо ҳам оварда шудааст. Аз он ҷумла муаллифи «Бурҳони қотеъ» калимаи дабирро чунин шарҳ додааст:

«Дабир — бар вазни вазир, муншӣ ва нависандаро гӯянд».

Калимаи нависанда дар ин ҷо ба маънои истилоҳии имрӯза нест. Шарҳи хеле ба тафсили калимаи дабир дар «Фарҳанги Онандроҷ» ба шакли зерин омадааст:

«Дабир — бар вазни вазир, нависанда ва муншӣ. Дар «Бурҳон» ва дар «Баҳори Аҷам» навишта, ки ба маънии муншӣ ва муҳосиби ҳарду омада. Ва дар «Сироҷ-ул-луғот» навишта, ки ин лафз назди аксар форсӣ аст ва назди баъзе арабӣ. Дар яке аз рисолаи муътабари ба назар даромада, ки «дабир» дар асл «дубир» буд, ба замми дол, чи маънии «бир» муҳофиз аст ва муншӣ ҳам соҳиб ва ҳофизи назму наср мебошад. Аз «Ғиёс ус-саҳоб», «Фарҳанги Носирӣ» навишта, дар асл дабир «дувир» буда, ки «давир» табдили он аст ва ба маънии ҳофизи назму насри форсӣ. Ва «вир» ба маънии дониш ҳам гуфтаанд. Асл ба порсӣ дубир аст ва шояд дабир муарраби он бошад, чи дабир дар арабӣ ба маънии котиб ва нависанда наёмада. Дабуру дабар ва дабиру дабор ҳеҷ як аз ин чаҳор ба ин маънӣ наёмада. Ва дубир (дубур), заммуamматайн, пушт ва мӯъкадро гӯянд ва пас ҳар чизеро низ гӯянд...

Дабир дар ашъори қудамо бисёр аст. Ҳакими Ғазнавӣ гуфта:

Ба бӯса додан номаш ба мадҳ дар унвон,
Фурӯ давад ба сар аз дида сӯи дасти дабир.

Ҳаким Носири Хисрави Алавӣ гуфта:

Мулкро устувор кардастӣ,
Ба вазире, дабири ботадбир,
Нест бар ақли мир ҳеҷ далел,
Роҳбартар зи пойҳои дабир.
Меҳтари хешро ҳақир кунад,
Сӯи доно вазири ботақсир.

Аз ин мулоҳизаҳои тӯлонӣ барои мо муҳим ин аст, ки калимаи дабир аз асли форсӣ буда, ба ғайр аз маънии касбу нависандагӣ ба маънои доноӣ — (ҳофизи) назму наср низ меомадааст. Носири Хисрав сифати шоистаи вазир «дабири бо тадбир» буданро медонад. Аз рӯи як мисоли ин китоб, ки аз Низомии Ганҷавӣ иқти-

бос шудааст, калимаи дабир бо маънои суратгару нигоранда низ истифода мешудааст.

Гузорандагихои килки дабир,
Барангехта мавҷ э-он обгир.
Нигорид э-он килки Мони дабир,
Саги мурда бар рӯи он обгир.

Устод Айнӣ калимаи дабирро чунин шарх медиҳад:
«Дабир —1. Иншонавис, дафтарнавис
2. Котиб
3. Ба маънии муаллим, мактабдор.
Дабирӣ-котибӣ».

Шарҳи калимаи дабир дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» чунин аст:

«Дабир —1. Мирзо, муншӣ, иншокунанда ва таҳриркунандаи мактубҳо ва ҳуҷҷатҳои давлатӣ.
Дабирӣ — амал ва машғулияти дабир».

Аз ин маълум мешавад, ки ба ҷуз калимаи дабир ба маъноҳои ба он наздик мафҳумҳои муншӣ, мирзо ва котиб истифода мешудаанд.

Муаллифи «Фарҳанги Нафисӣ» калимаи мирзоро чунин шарҳ додааст:

«Мирзо-шоҳзода ва амирзода ва мафҳуми шарифу покнажод. Ва мардуми шоду мағрур. Ва котибу нависандаю муншӣ».

Инак, яке аз маъноҳои калимаи мирзо котибию нависандагӣ будааст. Калимаи мирзо ба маънои шахси хушхат ё дорои ҳусни зебои хат низ истифода мешудааст ва асли луғати он кӯтоҳшудаи амирзода мебошад.

Калимаи котиб нисбат ба китобат дорад, яъне шахси машғул ба рӯйнавис ва таснифи китобҳо ва инчунин ба маъгни дабиру муншӣ низ меомадааст.

Калимаи муншӣ ба маънои иншонавис, яъне шахси машғул ба муншаот мебошад. Низ ба маънии дабиру котиб омадааст.

Ҳарчанд шарҳи ин истилоҳот дар луғатҳо аз ҳам қариб тафовуте надорад, дар асл дабирию муншигӣ ба ҷуз касбу ҳунар вазифаи расмии давлат буда, дар ин маънӣ онҳо синоним мебошанд. Котибу мирзо бештар нисбат ба ҳунару касб доранд ва дабирию муншигӣ ва котибаю мирзоӣ аз эҳтиёҷоти маъмурию давлатӣ ва маънавию адабии он замон касб шудаанд. Подшоҳону ҳокимон дар ирсоли мактубот, муомилоти давлатию сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ, инчунин маданӣ ба да-

бир эҳтиёҷ доштанд. Дар ҳоли набудани васоити чопӣ кори онҳо аҳамияти бузурги иҷтимоӣ ва таърихию маданӣ дошт. Бинобар ин, дар бораи сифату шахсияти дабирон аз замонҳои қадим суханҳои сазовору шоистае гуфтаанд.

Қадимтарин китобе, ки дар он роҷеъ ба ҳунари дабирӣ ба забони форсӣ сухан меравад, китоби «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус мебошад. Муаллифи ин китоб ба писари худ муроҷиат намуда, дар бораи сифатҳои дабир чунин мулоҳиза меронад:

«Бидон, эй писар, ки агар дабир бошӣ, бояд ки бар сухан қодир бошӣ ва хат некӯ дорӣ ва таҷовуз кардан дар хат одат накунӣ ва бисьёр набиштан одат кунӣ, то моҳиртар бошӣ дар навиштан».

Пеш аз ҳама дабирӣ ду шартӣ асосӣ доштааст, яъне қудрати суханварӣ ва ҳусни хатти хуб. Барои малакаю маҳорати хат бисьёр навиштан зарур аст, аммо ибораи «таҷовуз кардан дар хат» барои мо фаҳмо нест. Шояд муаллиф кӯшиши оройиши хат ё стилизацияи онро, ки ҳангоми мутолиа душворӣ пеш меорад, дар назар дошта бошад. Ҳамин тавр, асоси дабирию котибӣ қудрати сухан ва хатти некӯ мебошад. Дигар сифатҳои дабир ба такмилу тавзеҳи ҳамин ду сифати асосӣ равона шудаанд. Аз ҷумла қудрати сухан барои он зарур аст, ки «дар нома... бисьёр ғаразу маонӣ дар андак мояи сухан ба кор» рафта бошад. Ин шарт, албатта, бе қудрати суханварӣ ҳаргиз ба ҷо намеояд. Шартҳои дигари дабирӣ, ба ақидаи Кайковус, тезфаҳму нофаромӯшкор, мутафаҳҳис (ҷустуҷӯкунанда) будан, ёд доштани корҳои гузаштаю ҳозира ва фармудаю нафармуда мебошад.

Аз ин мулоҳизаҳо маълум мешавад, ки дабир шахси донишманди забон, хушхат, тезҳушу бо хотираи мустаҳкам ва муҳаққиқу бохабар бояд бошад. Чунин кас, агар як шахсияти фавқуллодда ҳам набошад, як одами аз дараҷаи муқаррарӣ баландтаре бояд мебуд. Илова бар ин, шароити дарбор, моҷароҳои шахсии арбобони он ва муносибати подшоҳон ва дигар ҳокимоне, ки дабир хизмати онҳоро адо мекард, бо дигар рақибону муқобилон аз дабир ҳушьёрӣ ва ахлоқу тарзи муносибати махсусро талаб мекард. Барои ҳамин ҳам масъалаи шахсияти дабир ҷузъи махсуси баҳси вазифа ва мақсади дабирӣ шудааст ва дар китобҳои ба ин масъала дахлдор фаслҳои бутунеро ишғол менамояд.

Дар боло гуфтем, ки Низомии Арӯзӣ мақолаи яку-

ми китоби «Маҷмаъ ун-наводир»-ро, ки ба исми «Чаҳор мақола» машҳур аст, бо унвони «Дар моҳияти дабирӣ ва кайфияти дабири комил ва он чи тааллуқ бадин дорад» ба баҳси дабиру дабирӣ бахшидааст. Чунон ки гуфтем, дар ин китоб шояд бори аввал таърифи ҳунари дабирӣ дода шуда ва дар он дабир ҳамчун соҳиби ҳунару касб қодир ба баёни хаттии аъмолу кирдори шахс шинохта мешавад. Пас аз таърифи ҳунари дабирӣ Низомии Арӯзӣ ба тавсифи шахсияти дабир мегузарад ва ин тавсиф то андозае тавзеҳи таърифи мазкур аст:

«Пас, дабир бояд, ки каримуласл, шарифулирз, дақиқунназар, амиқулфикар, соҳибуррой бошад. Ва аз адабу самароти он қисми акбар ва хати авфар насиби ӯ расида бошад. Ва аз қиёсоти мантиқӣ бегона набошад».

Каримуласл будани дабир лозим буд, чунки подшоҳи бо ҳама кибру ғурур наметавонист шахси аз табақаи заҳматро, ки дар он вақт «авомуннос» ном дошт, наздику роздори худ намояд. Каримуласл, яъне аз асле бахшандаю босаховат, албатта, шахси фақиру заҳматкашу бенаво шуда наметавонад, чунки мояи бахшиш ӯ надорад. Пас, чунин шахс метавонад, аз табақаи ҳокимон — ҳукмронони давлатию заминдорон ва ё сарони лашкар бошад. Аммо ин фақат аз рӯи фарз мумкин аст, чунки фарзанди чунин хонадон бо заҳмати дабирӣ ба гумон аст, машғул шавад. Ин амале пурзаҳмат, пурхатар ва дар айни замон тобеи дигарон будан аст ва фармонбардорию хизматгузориро ба ӯҳда дорад. Бинобар ин, дабирон аксар аз мардуми табақаи миёнаи шаҳр ва бештар аз гурӯҳи зиёиён буда, маъмулан касби худро ба мерос ба фарзандон низ таълим медодаанд. Аз ин рӯ, талаби асли авлодии дабир бешубҳа маънои иҷтимоӣ доштааст.

Талабот дар бораи шахсияти дабир низ, чунон ки дар боло гуфтем, аз рӯи зарурат ва мақому муносибати дарбору дарбориён аст. Инчунин гуфтем, ки ҳар гуна шахси камҳиммату камдониш вазифаи дабириро ба ҷо оварда наметавонист. Низомии Арӯзӣ сифатҳои конкретии шахсияти дабирро, мисли иззату обрӯ, дақиқназар ва амиқфикр, баландандеша таъкид менамояд. Ин сифатҳо насиби марде соҳиби иззати нафсу хештаншинос, ҳақиқатбину чуқурфикр ва соҳиби андешаи баланд шуда метавонанд, яъне шахсе доно ва ботад-

биру хуш. Беҳуда нест, ки аксари вазирон низ аз ҳамин табақаи мардум баромадаанд.

Аз адаб ва самароти он насиб шудан ба дабир маънои донистани улуми адабиро дорад, ки иборат аст аз маҷмӯи донишҳо дар бораи забон ва қонуну қоидаи таълифи назму наср, мисли луғат, қироату иншо, сарфу наҳв, маонӣ, баён, бадеъ, иштиқоқ, арузу қофия, нақди назму наср, анвои шеър ва ҳатто таъриху ҷуғрофия. Донистани ин илмҳо маънои маълумоти назарии аз қонуну қоидаи дастурии онҳо бохабар буданро не, балки фаҳму дониш дар асли онҳо ва татбиқи амалиашонро ҳам дар назар дорад. Маҷмӯи адаб ё улуми адабӣ ва ё арабият асоси донишҳои филологӣ ва филологияи он замон аст. Бинобар ин, адиб на фақат филолог, балки мусаннифу қодири таълифот дар ин соҳа низ ҳаст. Вай устоди маърифат ва амалияи ин соҳаҳо мебошад. Пайдост, ки дабир-шахси дар иншои сухан моҳир бояд аз ин соҳаҳо пурра бохабар мебуд.

Низомии Арӯзӣ суханашонро дар бораи ҳунари дабирӣ чунин давом медиҳад:

«Ва маротиби абнои замон шиносад ва мақодири аҳли рӯзгор донад ва ба ҳутоми (камо беши) дуньёвӣ ва ба музахрафоти (сухани беҳуда) он машғул набошад. Ва ба таҳсину тақбеҳи асҳоби ағроз ва арбоби ағмоз илтифот накунад ва ғарра нашавад».

Дар бораи заруратӣ донистани абнои замона ва қадри аҳли рӯзгор, дар боло, ҳангоми тавозеҳи андешаи Қайковус сухан рафт. Дигар сифати дабир дар талаботи моддӣ, каму беши дуньё ва ҳатто гуфтугӯ худдорӣ кардан, ба гуфтугӯи атрофиён эътибор надодан ва мағрур нашудан аст. Дабир дар рафтору кирдору гуфтор аз андоза берун маҳдуд аст. Ӯ соҳибихтиёр нест ва илова бар он бар дӯши худ масъулияти азиме дорад. Дабир марди доно, фозил, адиб, тезҳушу чуқурфаҳм ва дар айни замон мутеу дар амалу гуфтор пойбанди талаботи ҳокими худ мебошад. Чуния аст замонаю муҳити ӯ, ки ҳам ақлу донишу ҳуш мехоҳаду ҳам тамкину лаби хомӯш. Сабаби ин ҳолро то андозае давоми мулоҳизаҳои Низомии Арӯзӣ возеҳ менамоянд:

«Ва ирзи махдумро дар мақомати тарассул аз мавозеи нозил (фуруд оянда) ва маросими ҳомил (гумному фурӯмоя) маҳфуз дорад».

Ҳамаи гуфтугӯ дар бораи ҳусни ахлоқ ва рафтори дабир барои эҳтиёт кардани эътибори махдум, чунон-

чӣ дар боло омад, барҳазар будан аз шӯру нифоқ ва мувофиқи ҷоҳу мартабаи ҳар касе сухан гуфтан равона шудааст. Дабир муносибат ба инсонҳо дорад ва мардум ба ҷуз иззату эътибори инсонӣ, назокати ҳиссу ахлоқ боз мартабаи ҷамъиятиву табақавӣ доранд ва суханро бар ҳасби зоту ҳоли ҳар як аз онҳо бояд гуфт. Дар ин маънӣ дабир на фақат суханддону суханвар аст, балки бояд одамшиносу бохабар аз аввзою муносибат ва ҷоҳу манзалати мардум ҳам мебуд. Чунин шахсе бо тақозои касби худ ба мартабаи бузурги суханварию донои ва мардумӣ мерасид. Чунин одоби дабирро дар китобату тарассул-номанависӣ Низомии Арӯзӣ ба тариқи зайл шарҳ додааст:

«Ва дар асноли китобат ва масоқи тарассул бар арбоби ҳурмат ва асҳоби ҳашмат наситезад ва агарчи миёни маҳдум ва муҳотаби ӯ мухосамат бошад, ӯ қалам нигоҳ дорад ва дар ирзу (зот, обрӯ) вақиат (осеб, садама) накунад, илло бад-он кас, ки таҷовузи ҳад(д) карда бошад ва қадами ҳурмат аз доираи ҳашмат берун ниҳода, ки воҳидатун биваҳидат валбодию азламу (тарҷ: «мардумро ба ҳамон коре, ки анҷом додаанд, водош диҳанд ва касе, ки ситам оғоз карда бошад, ситамкортар ба шумор оянд»). Ва дар унвонот тариқи авсат нигоҳ дорад ва ба ҳар кас он нависад, ки аслу насаб ва мулку вилоят ва лашкару хазинаи ӯ бар он далел бошад, илло ба касе, ки дар ин бора музояҳате (сахтгирӣ) намуда бошад ва такаббуре карда ва хурдае фурӯ гузошта ва инбисоте фузуда, ки хирад онро мувофиқи мукотабат нашумурад ва мулоими муросилат надонад. Дар ин мавзеъ дабирро дастуре аст ва иҷозат, ки қалам бардорад ва қадам даргузорад ва дар ин мамар (роҳ) ба ақсои ғоят ва мунтаҳои ниҳоят бирасад... Ва албатта нагузорад, ки ҳеҷ ғуборе дар фазои мукотабат аз ҳавои муросалат бар домани ҳурмати маҳдуми ӯ нишинад».

Ҳамаи ин эҳтиёткорӣ барои эътибору хотири маҳдум буда, услубу мазмун ҳам бояд тамоман тобеи хоҳишу манфиати ӯ бошанд ва иззату манфиаташро биафзоянд. Пас аз ин Низомии Арӯзӣ риштаи суханро ба тарафи тарзи сухани дабир, ки ҳамон шакли баён аст, мекашад. Барои камолоти дабир дар шакли баёну ифода ба ҷуз дониши адаб ва қиёсоти хитобӣ Низомии Арӯзӣ шартҳои дигареро низ ба миён мегузорад ва мегӯяд:

«Аммо сухани дабир бад-ин дараҷа нарасад, то аз

ҳар илм баҳрае надорад ва аз ҳар устод нуктае ёд нагирад ва аз ҳар ҳаким латифае нашнавад ва аз ҳар адиб турфае иқтибос накунад. Пас, одат бояд кард бо хондани каломи рабулиза ва ахбори мустафо ва осори саҳоба ва амсоли араб ва калимоти аҷам ва мутолиаи кутуби салаф ва мунозираи суҳуфи халаф (аз паояндa), чун: тарассули Соҳиб ва Собӣ ва Қобус ва алфози Ҳаммодӣ ва Имомӣ ва Қудомат Ибни Ҷаъфар ва «Мақомоти бадеъ» ва Ҳарирӣ ва Ҳамид ва «Тавқеот»-и Балъамӣ ва Аҳмад Ҳасан ва Абӯнасри Кандарӣ ва номаҳои Муҳаммади Абада ва Абдулҳамид ва Саидурруъсо ва «Маҷолис»-и Муҳаммади Мансур ва Ибни Ибодӣ ва Ибн ан-Нисобат ул-Алавӣ. Ва аз давовини араб «Девон»-и Мутанабӣ ва Абевардӣ ва Ғаззӣ ва аз шеъри Аҷам ашъори Рӯдакӣ ва маснавии Фирдавсӣ ва мадоиҳи Унсурӣ. Ҳар яке аз инҳо, ки баршумурдам, дар саноати хеш насиҷи (бофта) ваҳада (ягона) буданд ва ваҳиди вақт. Ва ҳар котиб, ки ин кутуб дорад ва мутолиаи он фурӯ нагузорад, хотирро ташҳиз (тез) ва димоғро сиқол (зудудани занг аз чизе) диҳад ва табъро барафрӯзад ва суханро ба боло кашад ва «дабир» бад-ӯ маъруф шавад. Аммо чун «Қуръон» донад, ба як ояте аз ӯҳдаи вилояте берун ояд».

Ин иқтибос дар асли худ, яъне заруратти мутолиа лебарон дабиру дабирӣ ҳоҷат ба шарҳу тафсир нест. Лекин маълумоти бағоят муҳимме дар бораи доираи кутуби зарурии дабирӣ медиҳад. Низомии Арӯзӣ дар ҷои аввал мутолиаи «Қуръон» (каломи рабулиза), ахбори мустафо ва саҳобаро мегузорад. Ин мулоҳиза аз ду ҷиҳат шоёни эътибор аст. Аввало, ин ки аҳкоми кутуби дараҷаи аввали динӣ ҳукми қонунро доштанд ва дар радду бадали гуфтору кирдор далели қотее буданд. Аз ин ҷиҳат онҳо заминаи асосии ғоявию мафкуравии ҳар гуна тарассул ва китобу таълиф буданд ва барои ҳамин Низомии Арӯзӣ мегӯяд, ки «чун Қуръон нек донад, ба як ояте аз ӯҳдаи вилояте берун ояд». Ин пойбанди дигаре барои дабир мебошад, ки дар кори худ бояд истифода намояд ва аз ҳудуди он берун наравад.

Баъд, Низомии Арӯзӣ ақидаи ҳукмрони замонашро баён кардааст ва шарти зарурӣ будани истифодаи аҳкоми шаръӣ ба сабки наср таъсири бевосита ва бавосита дошт. Таъсири бевосита аз он иборат аст, ки аз «Қуръон» ва ҳадис оятҳои бутун, иборaю ҷумлаҳо бевосита истифода ва иқтибос мешуданд. Шакли бавоси-

тан таъсири он ба равиши сухани ин китобҳо сухани тоҷикӣ гуфтан аст, ки таъсири он дар услуби баён, махсусан истифодаи сачъу оройишоти сухан зоҳир мешавад.

Акнун ба таври мухтасар бо кутубе, ки Низомии Арӯзӣ мутолиаи онҳоро барои дабир зарур медонад ва муаллифи онҳо шинос мешавем. Ин соҳиб, ки Низомии Арӯзӣ аввал ӯро ном мебарад, Абулқосим Исмоил ибни Аббод ат-Толиқонӣ, маъруф ба Соҳиб (ваф. 986—87) мебошад, ки аз дабирони машҳури замони худ будааст. Собӣ, яъне Абӯисҳоқ Иброҳим ибни Ҳилол ал-Ҳарронӣ ас-Собӣ (ваф. 960—61), мақсад аз Қобус Шамсулмаолӣ Қобус ибни Вушмашр мебошад, ки тарассулоти ӯро Имом Абулҳасан Алӣ ибни Муҳаммад ал-Яздонӣ ҷамъ намудааст. Баъзе порчаҳои тарассулоти ӯ дар китоби «Таърихи Табаристон»-и Муҳаммад ибни Исфандиёр оварда шуданд. Шахсияти Ҳамодӣ ва Имомӣ маълум нест. Кудома ибни Ҷаъфар донишманди машҳур аст ва китобе бисьёре доир ба илми адаб дорад. Аз ҷумлаи китобҳои ӯ «Накд ун-наср», ки ба «Китоб ул-баён» машҳур аст ва дигаре «Қитоб уш-шеър» мебошад. «Мақомоти ҳарирӣ» китоби мақомоти муаллифи машҳури араб Абдулқосим Алӣ ва «Мақомоти Ҳамид», ки мақсад китоби машҳури Ҳоҷӣ Абӯбакр Умар ибни Маҳмуд Хамидаддини Махмуди Балхӣ (ваф. 1164) мебошад. Ин асар яке аз китобҳоест, ки бо такаллуф ва камоли маҳорати суханварӣ навишта шудааст. Мақсад аз Баъамӣ Абуалӣ Муҳаммад писари Абулфазли Баъамӣ аст, ки дар соли 997 вафот кардааст. Абӯалии Балъамӣ вазири Мансур ибни Нӯҳи Сомонӣ буд (967—978) ва ба фармони подшоҳи мазкур «Таърихи Табарӣ»-ро ба форсӣ тарҷума кард. Мақсад аз Аҳмад Хасан вазири дарбори Ғазнавиён Аҳмад Хасани Маймандӣ (ваф. 426 хиҷрӣ) мебошад. Абӯнасри Кандарӣ аз аввалин вазирҳои Салҷуқиён буд ва соли 1064 кушта шудааст. Аҳмади Абада вазири хонҳои турки Мовароуннаҳр буда, дар охири асри X ва аввали асри XI зиндагӣ мекард. Рашиди Ватвот ӯро Муҳаммади Абада меномад ва аз шеърҳояш намуна меорад. Ба ақидаи донишманди эронӣ Муҳаммад Қазвинӣ муроди Низомии Арӯзӣ аз Абулҳамид вазири халифаи охирини умавия Абулҳамид ибни Яҳьё ибни Саъд мебошад, ки дар балоғат машҳур будааст. Мақсад аз Саидурруъсо ноиби девони иншои Маликшоҳи Салҷуқӣ Абулҳасан Муҳаммад

ибни Фазлуллоҳ мебошад. Муҳаммади Мансур низ дабири дарбори Маликшоҳ Абӯсаъд Муҳаммад ибни Мансур ибни Муҳаммад мебошад. Шахсияти Ибни Ибодӣ ва Ибн-ун-Насобат ул-Алавӣ маълум нест.

Маълум мешавад, ки Низомии Арӯзӣ пеш аз ҳама омӯхтани таълифоту мактуботи дабирону вазирони гузаштаро шарти асосии маҳорат ёфтан дар таълифу сухан медонистааст. Ин назари Низомии Арӯзӣ на фақат такмили малакаи таълифу таснифро дар назар дорад, балки дабир аз гузаштагони бузурги худ тарики таълифро аз лиҳози одоби муоширату муомилат низ бояд биёмӯзад. Инчунин барои дабирию суханшиносӣ мутолиаи асарҳои устодони шеър ҳам зарур будааст.

Китобе дигар, ки аз ҷиҳати мавзӯи мо хеле муҳим аст, «Дастур ул-котиб фӣ таин ул-маротиб»-и Муҳаммад Ҳиндушоҳи Нахҷувонӣ мебошад. Дар ин асар муаллиф ба ҷои истилоҳи дабир котибро кор фармудааст ва ин маънои табдили вазифаю мақоми иҷтимоии дабир ва аз ин ҷо истилоҳи он ҳам мебошад. Мулоҳизаи ин муаллиф дар бораи зарурати шинохтани мартабаи ҳар шахс аз афроди ҷомиа чунин аст:

«Ҳазоқати (маҳорат, зиракӣ) котиб ва соҳиби иншо дар он фан вақте ба вуҷуҳ пайвандад, ки ӯ бар таини мартабаи ҳар фард аз афроди мулук ва салотину умарро ва акобиру асоғир ва аъёну маориф қодир тавонад буд. Ва алқобу дуою хитобе, ки мулоими ҳолу фароҳӯри қадру вазъи эшон бошад, таҳриру таҳрир тавонад кард. Ва ба итибобу эҷоз ва риояти ҳадди васат, ки хайрулумур аст ва таркиби ғароиби иборот ва тавшиҷи бадоеи истиорот иштиғол тавонад намуд».

Қисми аввали ин мулоҳизаҳо ба равиши андешаи Низомии Арӯзӣ мебошад. Аммо дар ин муносибату муомила ҳадафи Низомии Арӯзӣ эътибори мухотаб аз лиҳози хулқу атвор буда, Муҳаммад ибни Ҳиндушоҳ бештар тарзи таъбирро дар назар дорад. Бо ин кор ӯ бо итнобу эҷоз ва таркиби иборату истиорот машғул шуда метавонад, яъне бояд маҳорати муайяни суханварӣ ба кор барад.

Дар ҷои дигар ин муаллиф дар бораи фазилати котиб чунин мулоҳиза меронад:

«Ва гӯянд, вақте ки мулуки Аҷам дар девон омаданди куттоби девон аз баҳри эшон қиём накарданди ва дар он чи бад-он машғул буданди, як ламҳа (тез ни-

гариштан) иҳмол нанамуданд́й. Ва ҳам дар он рӯзгор ғайри арбоби улуми дақиқназари нуҷум ва тибу ҳисоб ва ҳандаса дигаре дар аспони раҳвор нанишастандӣ...Яъне эшон қавмеанд, ки воҷиб аст уқули эшонро ба роҳат доштан, чи эшон машғуланд ба сохтани корҳои бузург. Ва аз аҳди номаи Ардашери Бобак маълум мешавад, ки куттоб пеши мулуки Аҷам то чи ҳад мӯътабару муаззам буданд».

Мақсад аз ин далелу санадҳо аз «Қуръон»-у тафсир ва ахбори Аҷам албатта пеш аз ҳама таъкиду тасдиқи зарурати касби котибӣ, ки дар Аҷам ба истилоҳи дабирӣ шинохта мешуд, мебошад. Ривоят дар бораи ҳатто ба истиқболи подшоҳон нахестани нависандагон ва дар баробари олимони нуҷуму тибу ҳисоб ба аспон савор шудани онҳо муболиғаи маҳз аст. Аммо ин муҳобот ба хотири он гуфта шудааст, ки ақлҳои эшон ба роҳат бошанд. Дар ҳақиқат барои аҳли таснифу китоб осоиши хотир (ба маънии парешону асабонӣ набудан) албатта лозиму зарур аст. Барои тасдиқи бузургию шарофияти аҳли ин пеша муаллиф боз чанд далел аз ахбори қадими Эрон меорад. Аз он ҷумла номаи Ардашери Бобаконро иқтибос менамояд, ки дар он ин подшоҳи машҳури Сосонӣ нависандагонро «ороиши мамлакат» хондааст. Ниҳоят, Муҳаммад ибни Ҳиндушоҳ аз китоби «Уюн ул-ахбор»-и Ибни Қутайба дар сифати нависандагон ва мақоми онҳо дар назди подшоҳон чунин гуфтааст:

«Дар кутуби Аҷам хондам, ки мӯъбади мӯъбадон, яъне устоди ҳукамои фурс китобро васф кардааст ва гуфта, ки нависандагони подшоҳон ба масобати чашмҳои эшонанд, ки бад-эшон бинанд ва гӯшҳои эшонанд, ки ба эшон шунаванд ва забонҳои эшонанд, ки аз қибили эшон сухан гӯяду нависанд».

Аз хулосаҳои зерини муаллифи «Дастур ул-котиб» маълум мешавад, ки подшоҳ барои муносибатҳои дӯстонаю расмӣ, сиёсию иқтисодӣ ба котибон эҳтиёҷ доштаанд:

«Ва масдуқаи (сидқ, ростӣ) ҳол он аст, ки бе баракати қадами қалами эшон ҳеҷ матлуб қадам дар ҳайизи (ҷо, макон) вуҷуд нениҳад ва ҳеҷ мақсуд рӯй дар ниқоби тааззур накушояд, чи агар салотини рӯзгор хоҳанд, ки зикри таҳнияте, ё шарти таъзияте ба ҷой оранд, ё дили рамидаро дар дом кашанд, ё нафсе саркашро ром гардонанд, ё тахвифи аъдо ва мавли авлиё

кунанд, ё ба тамҳиди қавоиди истеъмор ва ташйиди мабонии эътироз иштиғол намоянд, ё қавонини андозу алъофро муҳаммад (густурда, омода) кунанд, ҷуз ба василати истионати қалам ва банон (ангуштон) ва бе воситаи истимдоди иборату баёни эшон муяссар ва мусаллам нагардад. Пас, бояд, ки бар салотини рӯзгор воҷибу лозим бошад, ки эшонро бо ҳусни риояту муҳофизат ва тақвияту тарбият фармоянд».

Чунон ки мебинем, мақсади ин муаллиф ҳам ба мисли Низомии Арӯзӣ таваҷҷӯҳи подшоҳонро ба зиндагӣ ва тақдири ҳамкасбони худ ҷалб намудан аст. Бо вуҷуди ин мулоҳизаҳои ӯ ҳам мавқеи иҷтимоӣ ва хусусиятҳои шахсию касбии дабиронро равшан менамоянд. Дар ин ҷо сухан асосан дар бораи арзиши касб меравад. Масъалаи дигар ин аст, ки асари заковату меҳнати нависанда чӣ гуна аҳамияте дорад?

Албатта, ҳар китобе бар ҳасби мавзӯю баҳси нависанда барои ин ё он мақсаде таълиф мешавад. Махсусан вақте таълифу тасниф бо мароми мазҳабию иҷтимоии мусанниф пайвастагӣ дошта бошад, муаллиф равиши худро аслу асоси сухану нависандагӣ медонад. Бо вуҷуди ин, қариб ҳамаи нависандагон дар масъалаи мақсаду вазифаи таълиф як хатти муштараке доранд, ки мақсаду талабот ё нависандаю хонанда (— шунаванда)-ро ба ҳам мепайвандад. Онҳо мефаҳманд, ки асар барои хонанда (шунаванда) таълиф мешавад ва ба қавли Хоҷа Абулфазли Байҳақӣ «хеҷ набишта нест, ки он ба як бор хондан наарзад ва охири ҳеҷ ҳикоят аз нукта, ки ба кор ояд, холӣ набошад».

Дар китоби «Таърихи Байҳақӣ»-и ҳамин муаллиф инчунин зарурати китобу таълиф барои мардум, ҳарчанд ӯ ахбори гузаштаро дар назар дорад ва аз ин рӯ марбути кутуби таърих аст, дар шакли бағоят нафису дилпазире шарҳ ёфтааст:

«Чунон дон, ки мардумро ба дил мардум хонанд ва дил аз бишнудан ва дидан қавию заиф гардад, ки то баду нек набинад ва нашнавад, шодию ғам надонад андар ин ҷаҳон. Пас, бибояд донист, ки чашму гӯш дидбонон ва ҷосусони диланд, ки расонанд ба дил он ки бубинанд ва бишнаванд ва вайро он ба кор ояд, ки эшон бад-ӯ расонанд. Ва дил аз он чи аз эшон ёфт, бар хирад, ки ҳокими адл аст, арза кунад, то ҳақ аз ботил ҷудо шавад ва он чи ба кор ояд, бардорад ва он чӣ наёяд, дарандозад. Ва аз ин ҷиҳат аст ҳирси мар-

дум то он чи аз вай ғоиб аст ва надонистааст ва нашунидааст, ва бидонад ва бишнавад аз аҳвол ва ахбори рӯзгор, чи он чи гузаштааст ва чи он чи наёмадааст, бидонад. Ва гузаштаро ба он ранҷ тавон ёфт: ба гаштани гирди ҷаҳон ва ба ранҷ бар хештан ниҳодан ва аҳвол ва ахбор боз ҷустан ва ё кутуби мӯътабарро мутолиа кардан ва ахбори дурустро аз он маълуми хеш гардониданд. Ва он чи наёмадааст, роҳ баста мондааст, ки ғайби маҳз аст, ки агар ин мардум бидонаде, ҳама некӣ ёбаде ва ҳеҷ бад-ӯ нарасаде».

Дар ин ҷо мақсади нависандагӣ бо камолоти шахсии инсон пайвастани ҷавҳари ақлӣ маъхази динӣ дорад. Аз он ҷумла дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» ин сатрҳо ба чашм мерасанд:

«Пас ҷон ба сари одам андар шуд: чашмро биёфарид, то ибратҳо бубинад ва ҷуфт аст ва гӯшро биёфарид, то илму ҳикмат бишнавад ва он ҷуфт офарид ва биниро биёфарид, то бӯйҳо бишнавад... Ва он гоҳ ба тани ту андар яке подшоҳ офарид ниҳонӣ ва ин андомҳо ҳама ба фармон ва фармонбардори ӯ кард, ин андомҳо ҳеҷ кор натавонад кард бе фармони ӯ. Ва ин подшоҳ дили ту аст, ки дили ту яке аст ва ба ӯ ҳеҷ анбоз нест ва ҳеҷ ҳамто нест».

Пайдост, ки дар ин мулоҳизаи худ Байҳақӣ ба заминаҳои илмию фикрии замони худ такья кардааст. Ибни Сино дар рисолаи «Муршид-ул-кифоя» баъди қайди ин ки офариниш аз «тан» ва «ҷон» мебошад, аъзои шарифи тани инсонро шарҳ медиҳад ва мегӯяд:

«Ва тан маркаб омаду ҷон савор. Пас он ҷон турост ва равнақи тан ба ҷон. Ва чун танро биофарид, се узви шариф аз вай баргузид ва андар ҳар яке рӯҳе ниҳод, чунон ки ҳайвонӣ андар дил бинихад ва табиӣ андар ҷигар ва нафсонӣ андар димоғ... Асл андар одамӣ нафсонӣ омад».

Аз муқоисаи ин ду иқтибос ба осонӣ фарқи онҳо ва қаробати сухани Байҳақӣ ба якум мушоҳида мешавад. Аммо мулоҳизаи Абулфазли Байҳақӣ фақат дар ибтидои сухан такья ба асли таълимоти мусулмонӣ дорад. Аз шунидану дидан қавию заиф шудани дил чунин маъни ҳам метавонад дошта бошад, ки тинати инсон бо дидаю шунида, донишу таҷриба андӯхтан тағьир меёбад, яъне дониш дар табъу сиришти одамӣ таъсир дорад, вай ниҳоди инсонро аз сӯи имконоти феълии қалбӣ тағьир медиҳад. Донистан аз қиёси таъсири қал-

бӣ моҳияти завқӣ дорад ва буньёди он некию бадӣ буда, бо ин роҳ аз дидаю шунида шодию ғам, яъне ҳиссиёти қалбии одам шинохта мешавад. Агар гапро кашол надиҳем, маънои сухани Байҳақӣ бо истилоҳи имрӯза асоси завқӣ доштаӣи маърифат мебошад, ки онро маърифати эстетикӣ меномаид. Аммо ин маърифат бевосита ба аъзои ҳис такья менамояд ва дар ин ҷо Байҳақӣ аз тарзи динии фаҳмиши олам дур мешавад. Азбаски ҳокими асосӣ дар шинохти ҳаққу ботил ақл аст, Байҳақӣ бешубҳа маърифати рационалиро тасдиқ менамояд. Ба ин тариқ, рағбати мардум барои донистану шунидан асоси завқӣ ва рационалӣ дошта, мақсади таълифу тасниф донистани неку бад ва ҳаққу ботил мебошад. Инак, мо ақидаи бағоят аниқу дақиқи мақсади навиcандагиро дар даст дорем, ки дар заминаи инкишофи илмии он замон ба вуҷуд омада ва ташаккул ёфтааст.

Дар бораи мақсаду вазифаи таълифу навиcандагӣ ақидаҳои дигар низ мавҷуд аст, ки онро «бақои ном (исм)» номидан мумкин аст. Бори аввал мо ин ақидаро дар «Муқаддимаи «Шоҳнома»-и Абӯмансурӣ» дучор мешавем, ки соли 958 таълиф шуда ва аз қадимтарин намунаҳои насри забони порсии дарӣ мебошад. Мулоҳизаи мусаннифони ин китоб дар бораи мақсади таълифу тасниф чунин аст:

«Ва чун мардум бидонист, к-аз вай чизе намонад пойдор бад-он кӯшад, то номи ӯ бимонад ва нишони ӯ гусаста нашавад, чи ободонӣ кардан ва ҷойҳо устувор кардан ва далерию шӯхӣ ва ҷон супурдану доноӣ беруи овардан мардумонро ба сохтани корҳои навоин, чун шоҳи ҳиндувон, ки «Қалила ва Димна» ва «Шонок» ва «Рому Ромин» беруи овард. Ва Маъмун, писари Ҳорунаррашид маниши подшоҳон ва ҳиммати меҳтарон дошт. Як рӯз бо меҳтарон нишаста буд, гуфт:

— Мардум, бояд ки то андар ин ҷаҳон бошанд ва тавоноӣ доранд, бикӯшанд, то аз ӯ ёдгоре бувад, то пас аз марги ӯ номаш зинда бувад.

Абдуллоҳи писари Муқаффаъ, ки дабири ӯ буд, гуфташ, ки аз Кисро Анӯшервон чизе мондааст, ки аз ҳеҷ подшоҳ намондааст.

Маъмун гуфт:

— Чӣ монд?

Гуфт:

— Номае аз Ҳиндустон биёвард, он ки Барзуяи та-

биб аз ҳиндуй ба паҳлавӣ гардонида буд, то номи ӯ зинда шуд миёни ҷаҳониён ва понсад хирвор дирам хазина кард.

Маъмун он нома бихост ва он нома бидид, фармуд дабири хешро то аз забони паҳлавӣ ба забони тозӣ гардонид».

Аз ин мулоҳизаҳо маълум мешавад, ки ёдгории инсон ин ба ҷо овардани корҳои нек буда, беҳтарин ёдгоре сухан ва нома ё китоб мебошад. Агар ин мулоҳизаҳоро аз тарафи дигар назар афканем, маънои онҳо воситаи ёдгорӣ ва бақои ном будани китоб мебошад. Лекин асар воситаи бақои номи кист? Аз худи муаллиф, ё шахсе ки таълифу таснифро мефармояд ва ё зикри воқеоту ашхосе, ки дар китоб сабт мешавад? Дар ин иқтибос таснифи китоб ҳамчу ҷузъи кори нек шинохта мешавад ва азбаски ин тасниф ба ҳидояти подшоҳон мебошад, номи онҳо ба ёдгор хоҳад монд. Китобҳое, ки шоҳи ҳиндувон берун овард, албатта, таълифоти ӯ нестанд. Инчунин Кисро Анӯшервон низ китоб таълиф накарда ва Маъмун низ тарҷумаи номаро аз паҳлавӣ ба тозӣ ба дабири худ месупорад ва ин корро ӯ ҳам барои боқӣ мондани номи худ мекунад. Мулоҳизаҳои минбаъдаи ин муаллифон низ тасдиқ менамоянд, ки ба ақидаи онҳо таълифот аз корҳои нек ва ёдгори ҳидоятгарони таълиф, яъне подшоҳону вазирон мебошанд. Аз он ҷумла Наср ибни Аҳмади Сомонӣ Балъамиро мефармояд, ки «Калила ва Димна»-ро ба форсӣ баргардонад ва ӯ Рӯдакиро барои ба назм овардани асар ҳидоят кард. Ба ин равиш Абӯмансур Абдураззоқ, яъне ҳокими Тӯс таълифи «Шоҳнома»-ро ба дастури худ Абӯмансур ал-Муаммарӣ мефармояд.

Лекин китобу таълиф ёдгоре аз мусанниф ҳам ҳаст ва ин ақида дар «Таърихи Байҳақӣ» чунин баён шудааст:

«Маро чора нест аз тамом кардани ин китоб, то номи ин бузургон бад-он зинда монад ва низ аз ман ёдгоре монад, ки пас аз мо ин таърих бихонанд ва муқаррар гардад ҳоли бузургии ин хонадон...»

Аз ин гуфтаҳо маълум мешавад, ки китоб воситаи зинда мондану тасдиқи шахси тасвиршудагон ва худи нависанда мебошад. Яъне китоб на танҳо воситаи ёдгор мондани номи подшоҳон (ҳидоятгарони таълиф), балки воситаи ситоиши абадӣ ва зинда мондани номи онҳо ҳам мебошад. Мақсади таълиф ҳамоно ситоиш

ва афзудани шуҳрати бузургону подшоҳон буда, дар айни замон ҳамчу ёдгоре аз мусанниф мемонад. Дар ин ҷо подшоҳ ҳамчу мамдӯҳ ба назар менамояд ва китоб ёдгории асосии худи мусанниф мебошад.

Рашидаддин Фазлуллоҳ бо камоли ҳиссу ҳаяҷон воситаи бақои ном будани сухани нависандагонро қайд карда мегӯяд:

«Аз чандин мамлакати ариз (паҳновар) ва хишмати мустафиз (истифодакунанда) ва неъмати фаровон ва амволи бегарон ва хазоини бешумору дафоини бисьёр, комронию танаумоти (ба нозу неъмат парвариш ёфтан) инчаҳонӣ, ки Султон Маҳмуди Ғазнавиро ҳосил буд, имрӯз номи неку зикри ҷалили ӯ ҷуз ба воситаи сухани Унсурию Фирдавсӣ ва Утбӣ намондааст. Шеър:

Боқӣ ба қайди қофия мондааст дар ҷаҳон,
Осори ҳусни сирати Маҳмуди Ғазнавӣ.

Ва аз ин ҷо маълум мешавад, ки суханварон ва муаррихон беҳтар дуогӯёнанд».

Ин суханони муаллифи «Ҷомеъ-ут-таворих» ба тарзи мулоҳиза ва сухани Низомии Арӯзии Самарқандӣ, ки дар бораи мақсади шоирию воситаи бақои умри мамдӯҳон будани шеър гуфтааст, монанду ҳамоҳанг мебошанд. Чуноне ки Низомии Арӯзӣ гуфтааст:

«Пас подшоҳро аз шоири нек чора нест, ки бақои исми ӯро тартиб кунад ва зикри ӯро дар давовин ва дафотир мусбит гардонад, зеро ки чун подшоҳ ба амре, ки ногузир аст, маъмур шавад, аз лашкару ганҷу хазинаи ӯ осор намонад ва номи ӯ ба сабаби шеъри шоирон ҷовид бимонад. Шариф Муҷалладӣ Гургонӣ гӯяд:

Аз он чандон наими инҷаҳонӣ,
Ки монд аз оли Сосон в-оли Сомон,
Санои Рӯдакӣ мондасту мадҳат,
Навои Борбад мондасту дастон».

Аз ин ҷо маълум мешавад, мақсаду вазифаи назму наср як хел тасаввур мешуд. Рашидаддин муаррих буда таълифоти таърихиро дар қатори шеър мегузорад ва нависандагони онро аз суханварон медонад. Аз ин ҷо таълифоти суханӣ ҳама арзиши муайяну баробаре дорад. Суханони зерини Рашидаддин низ ба тақвияти даъвои боло гуфта шудааст:

«Расму одати ҳукамо ва уламо чунон аст, ки муаззамоти вақоеи хайру шарри ҳар замоне муаррихӣ ку-

нанд, то баъд аз эшон ахлофу аъқоб аввалулабсорро эътиборе бошад ва аҳволи қуруни мозӣ дар адвори мустақбал (оянда) маълуми эшон шавад».

Ба ин тариқ, китоб ёдгорию номи абадии се тоифаи мардум аст: онон ки ҳидоят мекунанд ба ин кори неку хайр, онон ки исму кори рӯзгори онҳо дар китоб сабт мешавад ва сеюм аҳли таълифу тасниф. Дар ҳақиқат китоб ҳамчун ҳосили донишу таҷриба ва вазъи рӯзгори инсонӣ ёдгории бебаҳое буда, нисбат ба ёдгориҳои маданию моддӣ ҳам дар шакли пурратаре авзои маданию иҷтимоӣ ва сиёсии замонаҳоро ба рӯзгорони дигар мерасонад. Инсон ҳамчу вакили аснофи башар ва фарди иҷтимоии ҷамъият бо ёрии китоб умри кӯтоҳи худро дар ҳар давру замоне идома медиҳад. Бинобар ин, ҳамчу восита ёдгории ҳамин се гурӯҳи мардум будани китоб дар бисьёр асарҳо такроран таъкид шудааст. Муаллифи китоби машҳури «Кашф-ул-маҳҷуб» Ҳаҷвирии Ғазнавӣ менависад:

«Мусаннифро мурод аз ҷамъу таълифу тасниф кардан ба ҷуз он набошад, ки номи мусанниф бад-он китоб зинда бошад ва хонандагону мутааллимон вайро дуои некӯ кунанд».

Дар китоби «Эъҷози Хусравӣ»-и Амир Хусрави Деҳлавӣ ҳамин маънӣ бо ибораи дигар чунин баён шудааст:

«Умри ҷовид, аз он ҷо ки ростӣ аст, ҷуз суханро натавон гуфт, ки ҳам асҳоби суханро баъд аз мурдан зинда медорад ва ҳам касро, ки эшон ба зикре зиндагӣ бахшанд».

Дар ҳақиқат арзиши меҳнати дабирию нависандагӣ бешубҳа бо ҳамин маҳдуд намешавад. Асар аз баҳри хоҳиши касе, бо ҷунбиши нияту орзуе ва барои мардум, яъне аҳли мутолиа навишта мешавад. Дар вақти таълиф орзуи бақои ном дар дили ҳар муаллиф ҳамчун иштиёқи одамӣ ё идеали интиҳоӣ ҷой дошта бошад ҳам, сабаби аввалиндараҷаи таълифу тасниф, албатта, талаботи замон ва ҷунбиши қалбу афкори замону муаллиф мебошад. Шайх Фаридаддини Аттор дар муқаддимаи китоби «Тазкират ул-авлиё» омилҳои завқии таълифи китоби худро шарҳ медиҳад ва мегӯяд:

«Дигар боис он буд, ки диле доштам, ҷуз ин сухан наметавонистам гуфт ва наметавонистам шунид... Шайх Абӯалӣ Сино мегӯяд, ки маро ду орзуст, яке он ки сухан аз сухани ӯ мешунавам ё касе аз касони ӯ меби-

нам. Пас ман марди умиам, на чизе тавонам навишт ва на чизе тавонам хонд. Ё касе боядам, ки сухани ӯ мегӯяду ман мешунавам ё ман мегӯяму ӯ мешунавад».

Гузашта аз маънию мақсади ин гуфтаҳо барои мо муҳим аз онҳо бо тақозои дил сухан гуфтан мебошад. Ҳар кӣ он чи мегӯяд ва менависад, ки худ мехоҳад ва ин заминаю асоси субъективии таълиф аст. Шайх Аттор бо қаробату ҳамбастагии худ ба тасаввуфу ирфон сухану гуфтори аҳли ин тариқатро бо ҷону дил мепазируфт ва гуфтану таълифи он барои ӯ мувофиқи табъу хоҳиш буд. Албатта, мабдаи субъективии таълифу нависандагӣ бо нисбати шахс ба гурӯҳу табақаи муайян асоси иҷтимоӣ ва пайванди ҷамъиятӣ дошт. Пас, дар ҳоли бо хоҳишҳои шахсӣ тасниф шудан ҳам асар ҷанбаи иҷтимоӣ ва ҳатто синфӣ дорад.

Дар осори адабии гузаштаи мо фикру андешаҳои бағоят аҷибе роҷеъ ба арзишу қимати асари адабӣ барои хонанда низ мавҷуд аст. Масъалаи аҳамиятӣ асари бадеӣ ва мулоҳизаҳо дар бораи он бо масъалаи мақсади таълифу тасниф пайваста мебошад. Дар ниҳоят таълиф натиҷаи талаботи мақсади муайяни мафкуравӣ, илмӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Барои ҳамин масъалаи аҳамияти таълифот аз ваҷхе мақсаду мароми нависандагиро шарҳ медиҳад. Роҷеъ ба ин масъала аз ҳама пештар дар муқаддимаи мазкури «Шоҳномаи Абӯмансурӣ» изҳори ақида шудааст. Муаллифони ин китоб мегӯянд: «Ва инро ном «Шоҳнома» ниҳод то худовандони дониш андар ин нигоҳ кунанд ва фарҳанги шоҳону меҳтарон ва фарзонагон ва корсози подшоҳӣ ва ниҳоду рафтори эшон ва оинҳои накӯву дод ва доварию рой ва рондани кор ва сипоҳ оростан ва разм кардану шаҳр кушодан ва кин хостану шабехун кардан ва озарм доштану хосторӣ кардан, ин ҳамаро бадин нома андар ёбанд».

Аз ин суханон равшан аст, ки донише, ки муаллиф дар назар дорад, ҳамоно дониши зиндагӣ ва ба таъбири имрӯза маърифати бадеӣ мебошад. Маънои «фарҳанг» дар ифодаи «фарҳанги шоҳону меҳтарон ва фарзонагон» тадбири зиндагӣ ва худро нигоҳ доштан аз рафтори зишт мебошад. Дар айни ҳол мафҳуми фарҳанг ба маънои фарҳанги паҳлавӣ ва адаби арабӣ истифода шудааст. Ба ин тариқ, «фарҳанги шоҳону меҳтарон ва фарзонагон» ба соҳибони ҳушу хирад ниҳоду рафтори қаҳрамононро меомӯзонад, тадбирҳои сиёси-

ро, аз қабили разму кин, сипоҳоростан ва ғайра таълим медиҳад.

Албатта, мақсад аз шиносоӣ бо кори подшоҳон, фарҳангӣ онҳо, моҳияти воқеаву ҳодисаҳо мебошад. Яъне ибрате, ки инсон аз рафтори подшоҳон мегирад, аз қабили оинҳои некӯву дод аст ва моҳиятан барои инсон аз рафтори онҳо ҳамин чиз зарур мебошад. Барои гӯяндагони «Шоҳнома» мақсад аз қиссаи шоҳон тарғиби ғояҳои муайянест, на таърихи подшоҳон. Бинобар ин, ҳар касе ин номаро аз бар мекунад, оинҳои некӯ ва додгариро ҳам аз бар мекунад ва ин гуна шахс аз худовандони дониш маҳсуб меёбад.

Ба ғайр аз ин, донистани фарҳанги шоҳон, рафтору кирдори онон, яъне ҳама дониши зиндагӣ барои инсон чӣ гуна суде дошта метавонад? «Суди ин нома,— гуфта шудааст дар асар,— ҳар касеро ҳаст ва ромиши ҷаҳон аст ва андӯҳгусори андӯҳгинон аст ва чораи дардмандон аст». Маълум мешавад, ки дониш ба инсон ромишу осудагӣ, раҳоӣ аз андӯҳу ноkомиҳо бахшида, чорасозӣ кори дармондагон будааст. Чунин ба назар менамояд, ки гӯянда ду ҷиҳати суди номаро пай бурда, ишора додааст. Якум, модоме, ки вай «ромиши ҷаҳон ва андӯҳгусори андӯҳгинон» бошад, пас вай завқ ва шавқи инсониро тарбия намуда, ба талаботи завқӣ ва қонеъ гардониданн он равона шудааст. Яъне номаи шоҳон дар навбати аввал воситаи ифодаи рӯҳияи инсон аст. Дуюм, ба ифодаи худи муаллифон «аз баҳри коркард ва рафтору оини шоҳон то бидонанд ва дар кадхудоӣ бо ҳар кас битавонанд сохтан». Ба назари мо, дар ин ҷо муаллифони «Муқаддима»... ба фаҳмиши моҳияти таҳқиқии эҷоди бадеӣ ва вазифаи ҷамъиятии он хеле наздиканд. Ба ҳар ҳол гӯянда мефаҳмад, ки асари адабӣ, дар айни ҳол «Шоҳнома», «ҳам ба гӯш ва ҳам ба кӯшиш хуш ояд». Завқи инсонӣ аз мутолиаи тарбия ёфта, дар баробари ин мутолиа одамиро ба кӯшишу саъй раҳнамоӣ мекунад ва чунон ки дар аввал гуфтем, мояи бузургии инсон мегардад. Ин нома барои он ба гӯшу кӯшиш хуш меояд, ки дар он ба қавли нигоранда «чизҳои некӯ ва бо дониш ҳаст». Агар чизҳои бо дониш тасвири бо тарозуи донишу ақл санҷида бошад, пас вай тасвири ҳақиқат мебошад. Тасвири ҳақиқати зебо ё баёни чизҳои некӯ ва бо донишро мо имрӯз тасвири бадеӣ мономем. «Чизҳои некӯ ва бо дониш» ба ақидаи муаллиф аз қабили «подоши некӣ ва подафро-

хи бадӣ ва тундию нармӣ ва дуруштию оҳистагӣ ва шӯхию парҳез ва андар шудан ва беруи шудан ва панду андарз ва хашму хушнудӣ ва шигифтии кори ҷаҳон мебошад».

Асоси тасвир, мавзӯи он ситоиши некӣ ва накӯҳиши бадӣ, хислатҳои инсонӣ, ахлоқи он ва кору сози одам дар ҷаҳон будааст. Аз ин ҷо сабаби мояи бузургии инсон будани дониш маълум мегардад. Тасвири рафтору кирдори қаҳрамонон, ки худ ибратомез аст, аз лиҳози беҳтарин хислатҳои инсонӣ ва ба таври некӯ баён мегардад. Чунин тасвир ба гӯш хуш омада, ба кӯшиши одамӣ ҳам бетаъсир намемонад. Сухане, ки завқи одамиро тарбия мекунад, таҷрибаи зиндагии ӯро афзун мегардонад ва беҳтарин хислатҳоро ба инсон илқо менамояд, албатта мояи бузургворӣ ва пойдории инсон аст. Ба қавли нависанда «мардум дар ин нома ин ҳама, ки ёд кардем, бидонанд ва биёбанд». Чунин сухане бешубҳа беҳтарин ёдгорест, зеро вай барои ҳама судманду даркор буда, тарбиятгари инсон аст.

Аз ин мулоҳизаҳо маълум мешавад, ки сухани ёдгории гӯяндаю нависанда бояд баҳси неку бад, ситоиши некию накӯҳиши бадӣ бошад ва сабаби бузургии инсон гардад. Таълифу тасниф воситаи тасдиқи некӣ ва бузургии инсон аст, вай ба мардум дониш медиҳад ва некӣ меомӯзад. Дар ин ҷо ба мақсаду хоҳишҳои инсонпарварӣ равона шудани мақсад ва арзиши таълифу нависандагӣ хеле ошкоро баён шудааст. Маънии ба ҳамин наздик дар бораи мақсаду аҳамияти таълиф дар огози «Тарҷумаи «Таърихи Табарӣ» дида мешавад, вале ҳамин мақсад ба матолиби динӣ пайваста шуда, баёни мақсади охирини таълифу нависандагӣ, яъне кирдорҳои одамӣ аз ҷиҳати некию бадӣ бо талаботи динӣ пайваста баён шудааст. «Таърихи Табарӣ» пас аз чор соли «Шоҳнома»-и Абумансурӣ», яъне соли 967 таълиф шудааст ва ин тафовути ҷиддии байни онҳо бо асли арабии таърихи мазкур вобаста аст. Сабаби таълиф, ки ҳамоно мақсад ҳам ҳаст, дар ин китоб чунин шарҳ ёфтааст:

«Ва ман дар ин китоб ёд кардам офаридани ин ҷаҳон, ки худои таоло аввал чизе дар ин ҷаҳон чӣ офарид ва аз халқ нахуст киро офарид. Ва аз гоҳи одам, пайғамбару уммат туро ёд кунам, малик ва замону рӯзгори ҳар касе ва кирдори ҳар касе бигӯям, ки аз эшон кӣ худои таолоро сипосдорӣ кард ва кӣ буд носипосӣ

кард... ва ин ҷаҳону халқро аз баҳри он офарид, то неккирдор аз бадкирдор пайдо шавад ва ҳар якеро подоши ӯ бидиҳад, некиро некӣ ва бадиро бадӣ».

Дар ин мулоҳизаҳо тасаввуроти динӣ ба таърихи инкишофи ҷамъияти башарӣ сахт таъсире дорад. Дар ҳақиқат ҳам дар «Таърихи Табарӣ» тасаввури таърихи инкишофи башарӣ аз марҳилаҳои ташкилу инкишофи мазҳабҳо иборат мебошад. Дар ин китоб ҳам асоси тасвир кирдори инсон аст, ки маҳаки асосии ҳусни истиқбол дар он некию бадӣ мебошад. Аммо ҳаками асосии кирдори инсонӣ худо буда, арсаи санҷиши амалу кирдори неку бад ин ҷаҳон мебошад. Дар ин ҷо ихтилофи маҳзе дар шарҳи кирдори инсон мушоҳида мешавад. Арсаи санҷиши неку бад ин ҷаҳон аст, аммо ҷои мукофоту подош ҷаҳони дигар. Бо ҳамаи ихтилофҳо ва пайвастани кирдори одамӣ ба худованд як чизе мушоҳида мешавад, ки байни «Муқаддимаи «Шоҳнома»-и Абӯмансурӣ» ва «Тарҷумаи «Таърихи Табарӣ» муштарак мебошад. Ин умумият дар он зоҳир мешавад, ки барои ҳар ду муаллиф донистан ва дар айни замон тасвир (ё баёни воқеаю ҳол) ба воситаю ёрии кирдори инсон аз ҷиҳати некию бадӣ мебошад. Пас, мақсади таълифу нависандагӣ, тасвири амалу кирдори шахс ё «саҳифаи аъмол» ва донистани кирдорҳо мебошад. Ба ифодаи дигар, вай нигориши таҷрибаи башарӣ дар муносибат ба якдигар аст, ки бо тарозуи некию бадӣ санҷида мешавад ва қимати он ҳам низ аз ҳамин иборат аст. Ба ин тариқ, таълифу тасниф воситаи баёни кирдор, ошкор кардани некию бадӣ буда барои мардум ибратомӯз аст.

Йн тарзи фаҳмиши таълиму тасниф дар дигар муаллифони минбаъда ҳам бо такмилу тағйире, мувофиқи ҷою мақоми суханӣ, ба назар мерасад. Муаллифи «Табақот ус-сӯфия» Шайх Абдуллоҳи Ансорӣ баъди овардани ояте аз Қуръон дар бораи арзиши қиссаю ахбори пайғамбарон, онро ба шакли зайл шарҳ медиҳад:

«Ва ҳамчунон шунудани сухани пирон ва аҳволи эшон дили муридонро тарбият бошад ва қуввату азм физояд... Ва камина фоида аз он аст, ки бидонад, ки афъол ва ақволу аҳволи вай на чун оми эшон аст, то манӣ аз кирдори худ бардорад ва убинад, аз аҷабу риё ва истеҳсон бипарҳезад, аз кирдори худ нанг ояд. Ва чун афъолу ақвол ва аҳволи эшон ва одобу сирати эшон бинаду шунавад, дӯстӣ бар эшон ниҳад...»

Дар ин ҷо сухан дар бораи қиссаи пайғамбарон, ахбори онҳо, сухану аҳволи пирони тасаввуф аст, лекин ҳамин андешаву фаҳмишро бе ягон шакку шубҳа ба дигар қиссаву ахбор ва гуфтори муҳокӣ татбиқ кардан аст. Аввало, ин ахбор ба дил қувват мерасонад ва ин таъсир ба рӯҳия дар равиши муайян, матонату ибратомӯзӣ як навъ тарбияи тинату хислати инсон аст. Асоси он озими роҳи таиншуда будан ва худхоҳиро мутеи кирдори муайяни ахлоқию иҷтимоӣ кардан мебошад. Таъсири дуюми қиссаву ахбор ба роҳу равиши муайян даромадан ва онро аз донишу хоҳиши субъективии худ болотар гузоштан мебошад. Ба ин тариқ, қиссаву ахбор ба андешаву кирдори инсон таъсир расонида, ӯро аз вазъу фаҳмиши то ин замон доштааш азму суботи ба роҳи дигару болотар (ба фаҳми гӯянда) мебарад. Кӯтоҳи сухан, асли мақсад ин аст ки ахбору қисса ва суханону аҳвол таъсире завқӣ, ахлоқӣ ва мафкуравӣ доранд. Аз ин ҷо маълум аст, ки рӯҳониёни дину аҳли тариқати ирфонӣ, адибону дигар мардум моҳияти завқию тарбиявии осори мавҷударо, ки иборат аз амалу гуфтори одамон аст, эҳсос карда ва мефаҳманд. Агар дар воқеъ онҳоро бебуньёду бе асар медиданд, ҳар кадоме дар баёни мақсади худ рӯй ба онҳо намеоварданд. Қиссаю ахбор ҷузъи муҳим, балки решаю буньёди таълимоти динӣ ва мазҳабӣ буд. Аҳамияти ин суханон ба тарзу натиҷаи дарьёфти онҳо пайваста карда мешавад, ки ҳолату завқ ва кайфияти инсонӣ мебошад. Дарьёфте, ки бо ҳолати муайян вобаста бошад, шабеҳи маърифати шоирона, балки ҳақиқати тасаввурию завқист. Ҳамин гуна мақсаду аҳамияти махсуси таълифу нависандагӣ дар «Тарҷумаи «Калила ва Димна»-и Абулмаолӣ Насруллоҳ ба таври хоси таъсири бадеӣ наздиктару ошкоротар ба миён гузошта шудааст:

«Бинои абвоби он,— мегӯяд Абулмаолӣ Насруллоҳ, — бар ҳикмат ва мавъизат ва он ки онро дар сурати ҳазл фаро намуда, то чунон ки хаввоси мардумон барои шинохтани таҷориб бад-он моил бошад, авом ба сабаби ҳазл ҳам бихонанд ва ба тадриҷ он ҳикматҳо дар мизоҷи эшон мутамаккин гардад»

Аз ин ҷо буньёди асар ҳикмату мавъизат аст, яъне он чи дар ҳукми бино асосро дорад, маънии ғоявии асар мебошад. Азбаски сурат шамоили зоҳирро мегӯянд, пас ҳамин маънӣ дар чунин шакле баён шуда ва

мақсади ин маъниро чунин шакл тамкини тадриҷӣ дар мизоҷ, яъне дар табъу сиришти одам, ки ҷавҳари маънавии ӯст, мебошад. Дар ин ҷо мақсаду аҳамияти таълифу нависандагӣ яке буда, ба вуҷуд овардани ҳикмату маъние дар сурате дарьёфти онҳо аз роҳи табъ мебошад. Ин маънӣ ба фаҳмиши имрӯзаи шакли асари адабӣ ва дарьёфти бадеӣ ҳамоҳанг аст. Аз мулоҳизаҳои зерини Абулмаолӣ аҳамияти таълифу тасниф дар кору рӯзгори асноФи башарӣ боз равшантар мегардад:

«Ва ба ҳақиқат кори хирад ва ҳасофат (устувории ақлу раъй) ва ганҷи таҷрибат ва мумoрасат (ба коре пардохтану ҳамеша ба он машғул будан) аст. Ҳам сиёсати мулукро дар забти (нигоҳ доштан) мулк ба шунудани он мадад тавонад буд ва ҳам авсоти мардумонро дар ҳифзи мулк аз хондани он фоида ҳосил тавонад шуд. Ва яке аз бароҳимаи ҳиндро пурсиданд, ки мегӯянд ба ҷониби Ҳиндустон кӯҳҳо аст ва дар вай доруҳо рӯяд, ки мурда бад-он зинда шавад, тариқи ба даст овардани он чӣ бошад? Ҷавоб дод, ки... ин сухан аз ишорати рамзии мутақаддимон аст ва аз кӯҳҳо илмҳоро хостаанд ва доруҳо сухани эшонро ва аз мурдагон ҷоҳилонро, ки ба самои он зинда гарданд ва ба самти илм ҳаёти абад ва ин суханонро маҷмӯе аст,— ки онро «Калила ва Димна» хонанд ва дар хазоини мулуки Ҳинд бошад, агар ба даст тавонӣ оворд, ин ғараз ба ҳусул пайвандад».

Аз ин маълум мешавад, ки агар ба ақлу хирад таъсир расонида, ганҷи муҳимми таҷрибаю корсозии инсон мебошад, ки дар низоми мулку чорасозӣ ба кор меоянд. Ҳаман он чи аз китоб гирифта мешавад, таҷриба ва дониш аст ва инсон бе ин донишҳо дар ҳукми мурдаю нестӣ мебошад. Китоб дору барои он аст, ки воситаи парвариши ҷону равон мебошад ва вуҷуди ҳақиқии равон бо роҳи дониш зоҳир мешавад.

*Соли 1983*

## ФУНКЦИЯИ МАЪРИФАТИИ ҚАСИДА

Гуфтан лозим аст, ки масъалаҳои назариявии навъҳои адабии адабиёти классикии тоҷик то ҳол ба таври бояду шояд омӯхта нашудаанд. Таҳқиқи ин масъалаҳо барои адабиёти тоҷик фақат аҳамияти илмии таърихӣ

надорад, яъне мақсад аз омӯхтани назарияи жанрҳо танҳо муайян кардани моҳияти бадеӣ-эстетикӣ ва мафкуравии онҳо дар адабиёти гузашта нест. Маълум аст, ки қисме аз навъҳои адабии гузашта дар адабиёти имрӯза ҳам истифода мешавад. Бо вуҷуди ин тасаввур ва фаҳмиши мо дар хусуси ҷиҳатҳои асосии шаклии навъҳои адабии гузашта аз тасаввури мавҷудаи анъанавӣ қариб фарқе надорад. Барои мисол фаҳмиши мавзӯъро дар адабиёти гузашта гирифтан мумкин аст. Аз рӯи ақидаи машҳур мавзӯи ғазал ишқ аст. Ишқ, ҳамчунон ки ба ҳама маълум аст, як навъи эҳсосоти инсонист. Оё мо тасдиқ кардан метавонем, ки тамоми ғазалҳои гузашта аз тасвиру тасдиқи ишқ (ирфонию табиӣ) иборат аст? Агар ҷавоби мо ба ин савол тасдиқӣ бошад, бояд инро ҳам инкор накунем, ки инкишофу таҳаввули ғазал ин таърихи инкишофи мавзӯи ишқ ва муносибатҳои ошиқона аст, чунки шакл воситаи ифодаи маъност. Чунин фаҳмиши ғазал бешубҳа шахси ҳатто камтарин мутолиа дар ғазалиёти гузашта доштаро қаноат кунонидан наметавонад. Ё дигар. Одатан мегӯем, ки фалон шоир дар мавзӯи «Лайлӣ ва Маҷнун» достон навиштааст, аммо магар ҷоиз аст бигӯем, ки мавзӯи достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Ҷомӣ достони «Лайлӣ ва Маҷнун» аст?

Мавҷудияти ҳар як навъи адабӣ дар адабиёт ба роли бадеию эстетикии он дар ҳаёти ҷамъият ва вазифаҳои маърифатию бадеии он вобаста аст. Аз ин ҷиҳат навъҳои асосии шеъри классикии мо дуруст омӯхта нашудаанд ва заминаҳои назариявии таҳқиқ дар ин масъала чандон устувор нестанд. Аз ҷумла чунин фаҳмиши рӯякӣ дар хусуси қасида интишори бештаре дорад. Тасаввуре, ки имрӯз дар хусуси қасида ва алалхусус навъи мадҳии он паҳн шудааст, ин аст, ки шоир дар чунин шеър шахсеро ба таври муболиғаомез мадҳу сано мегӯяд ва азбаски чунин шахс маъмулан аз намояндагони расмию маъмурӣ ва таърихии давлати феодалӣ аст ва аз рӯи далелҳои таърихӣ ӯро қатъиян шахсияти мутараққие донистан раво нест, таърифу тавсифи ин афрод аз тарафи шоире арзиши адабие надорад. Ба ин тасаввурот муносибати синфии шуури мо, ба таври табиӣ, ба адабиёти гузашта зам мешавад ва агарчи рӯйрост набошад ҳам, оҳиста-оҳиста чунин андешае дар зеҳни мо талқин мешавад, ки оё чунин тасвиротро ҷузъи адабиёти бадеӣ ҳам донистан раво бошад, ё не? Аз гузашт-

хое, ки мо ба қасидаи мадҳӣ ҳамчун навъи адабӣ мекунем, мавҷудияти баъзе тасвирҳои шоирона дар он ва гоҳе тасдиқи нӯгизабоние дар хусуси ифодаи идеали шоир дар чунин шеърҳо асту бас. Дар ҷумла чунин гузашт нисбат ба қасидаи «Модари май»-и Рӯдакӣ аз тарафи аҳли таҳқиқ ва қалам шудааст. Ҷои баҳс надоштани беарзишии қасидаи мадҳиро баъзе ҷиҳатҳои худи он ва муносибати гурӯҳе аз олимону донишмандони гузашта ҳам гӯё тасдиқ мекунад. Аввало ин ки ҳар як қасида бо мақсаде гуфта мешавад ва қисми талаб ҳамон мақсади шоирро баён месозад. Муаллифи «Қобуснома» мегӯяд, ки «агар мамдӯҳ талабӣ ва агар кори бозор кунӣ, мудбиррӯй ва палидҷома мабош»[1]

Носири Хисрав барои ҳамин шоирони дарборро «шеърфурӯшон» меномад ва Фаррухӣ тасдиқ мекунад, ки подшоҳ шеърро рафиқи неъмат кард.[2] Аз ин ҷо маълум мешавад, ки мақсад ақсаран талаби неъмат будааст ва ин худ чандон муносибати шоиронае нест, ки дар зеҳну шуури мо таваҷҷӯҳе нисбат ба қасида пайдо кунад. Баъд, ҳанӯз 900 сол қабл аз ин тасдиқ ва баъдҳо гаштаю баргашта таъкид шудааст, ки шеъри мадҳӣ дурӯғ ва ё ақсаран дурӯғ аст. Боз ҳамон муаллифи «Қобуснома» мегӯяд:

«Он касеро, ки корде бар миён набаста бошад, магӯй ки ту ба шамшер шер афканиву ба найза кӯҳи Бесутун бардорӣ ва ба тир мӯй бишкофӣ. Ва он ки ҳаргиз бар харе нанишаста бошад, аспи ӯро ба Дулдулу Буроқ ва Рахшу Шабдиз монанда макун».[3]

Низомии Арӯзӣ ба ин ҳунари дурӯғгӯӣ асоси назариявӣ гузошта, онро чунин таъриф дод:

«Шоирӣ саноатест, ки маънии хурдро бузург гардонад ва маънии бузургро хурд ва некӯро дар хилъати зишт боз намояд ва зиштро дар сурати некӯ ҷилва кунад».[4]

Ба ин тариқ, масъала гӯё тамоман равшан аст. Қасида шеъри мадҳист, пояи он бар тавсифҳои дурӯғ, ки ба мақсади муайяни тамаъкорона ва муносибати чоплусонаи гӯянда — шоир устувор аст ва баъд аз ин чунин амалеро шоирона гуфтан раво набошад. Аз ин

---

[1] Унсурулмаолии Қайковус. Қобуснома.— Душанбе, «Маориф», 1979, саҳ. 132.
[2] Фаррухии Систонӣ. Девон.— Теҳрон, 1335, саҳ. 2.
[3] Қобуснома, саҳ. 131.
[4] Низомии Арӯзӣ. Чаҳор мақола.— Теҳрон, 1334, саҳ. 55.

чо хулосаи муқаррарӣ мебароянд, қасида шеър ва ҷузъи ё навъи муҳимми адабиёт нест. Ҳарчанд ин хулоса бисьёр сахт ва ба андозае ба гӯши мо номақбул менамояд, вале ба фикри мо тасаввурот ва муносибати имрӯзаи моро ба ин навъи адабӣ комилан фаро мегирад.

Ба назари мо, ҳамин ниҳоят равшан будани моҳияти масъала ва бебаҳсии он бисьёр шубҳанок менамояд. Равшании масъала дар ин ҷо на натиҷаи муайяниню моҳияти онро донистан аст, балки сабаби даст кашидан аз ҷустуҷӯи ҳақиқати он мебошад. То имрӯз мо як таҳқиқи муфассалу мукаммале дар хусуси қасида, ки аз мавқеъҳои ҳозираи илм бошад ва моҳияти шаклу мундариҷа, мақоми онро дар ҳаёти маънавии асрҳои миёна ба дурустӣ муайяну равшан намояд, дар даст надорем. Ҳалли ин масъалаи мураккаб махсусан ба омӯзиши поэтика ва принципҳои инъикоси бадеии қасида, аз як тараф ва таҳқиқи ҳамин ҷиҳатҳои тамоми адабиёти классикии форсу тоҷик, аз тарафи дигар, вобаста аст.

Мо гуфтем, ки он чи дар қасида ё дурусттар қасидасарой қабули зеҳну завқи мо нест, ҷанбаи субъективию тамаъкоронаи қасида ва дар муносибат ба объекти мадҳ, яъне мамдӯҳ дурӯғ будани тасвири шоирона аст. Акнун ҳамин ду эроди маъмулӣ ва интишорьёфтаро аз назар мегузаронем.

Оё шоири маддоҳ мухтор аст, ки дар тавсифи касе ё шахсе ҳарчи мехоҳад бигӯяд? Ба ин савол қатъиян ҷавоби манфӣ додан лозим аст, чунки илова ба фактҳои фаровоне дар хусуси маҳдуд будани доираи фаъолияти шоир ҳатто дар мадҳ худи мақоми ҷамъиятии шоир ба чунин муомила имконият намедод. Е. Э. Бертельс дуруст қайд мекунад, ки «фақат як хули заруратӣ таъмини маишат шоирро дар ҳолати мутей нигоҳ медошт».[5]

Муаллифи «Қобуснома» тобеияти шоирро ба мамдӯҳ чунин эзоҳ медиҳад:

«Аммо бар шоир воҷиб аз табъи мамдӯҳ огоҳ будан ва бидонистан, ки вайро чӣ хуш ояд. Он гоҳ вайро чунон сутудан, ки вай хоҳад ки то он нагӯӣ, ки ӯ хоҳад, туро он надиҳад, ки ту хоҳӣ».[6]

Ин ҷо тамоман равшан аст, ки шоир шеъри худро мувофиқи талаб ва тақозои муҳити дарбор мегӯяд, вай мисли эҷодкорони ҳамаи давраҳои таърихӣ аз талабо-

---

[5] Е. Э. Бертельс. Изб. труды. История персидско-таджикской литературы.— М., 1960, саҳ. 126.

[6] Қобуснома, саҳ. 131.

ти муҳити худ берун нест. Оё чунин тасвир метавонист, ки сурати аслии воқиа ё шахс, яъне мамдӯҳро фаро гирад? Албатта не! Шоир бояд чизе гӯяд, ё чизеро сохтаю бофта бошад, ки ба тасаввури воқеӣ (мавҷуда) мувофиқ бошад ва дар айни замон худи ҳамон воқеият ҳам набошад. Ба ифодаи дигар вай бояд эҷод мекард ва ин эҷодкории аз рӯи зарурат ё маҷбурият ногузир бояд эҷоди бадеӣ ва натиҷаи он асари адабӣ мебуд. Шоир сурати воқеии шахси мамдӯҳро ҳам ба риштаи назм оварда наметавонист, чунки ин навъ тасвир тарафҳои манфии шахсияти мамдӯҳро дар бар мегирифт ва як ҳокими ҷобири феодалӣ ҳаргиз намегузошт, ки камбудиҳои вайро ба рӯяш гуфта бошанд. Ҳатто аз рӯи ин мулоҳизаҳои муҷаррад ошкор аст, ки кори қасидасаро дар аксар маврид амали косибона набуда, процесси муайяни эҷоду эҷодкориро талаб мекард. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки қасидаи мадҳиро дурӯғи маҳз ва бофтаи хаёли беннзому беприншипии шоири чокари дарбор донистан ва ба ин сабаб ба рӯи он хатти батлон кашидан ҳаргиз маънои донистани моҳияти онро надорад.

Дар сурати аз тасвири объективӣ (ба маънои натуралистӣ ва манфии ин мафҳум) маҳрум будани қасида ва аз тасвирҳои холисан дурӯғу муболиғаомезе иборат набудани он, оё қасида маънои муайяни маърифатӣ ва бадеие дорад? Одатан, мо проблематикаи қасидаро бо шахсияти мамдӯҳ муқоиса карда, аз рӯи қиёс мувофиқ наомадани сифатҳои мадҳ ва мамдӯҳро риёкории маҳзи шоир мепиндорем ва баъд ба сарзаниши чунин шоире шурӯъ мекунем. Аз рӯи инсоф дар чунин рафтори мо муносибати субъективона ва ғайриадабиётшиносие зуҳур дорад. Чунин муносибат моҳияти эстетикию бадеии қасидаро равшан накарда, балки роҳи дурусти таҳқиқи методологӣ надоштани моро дар ҳалли ин масъала нишон медиҳад.

Мо гуфтем, ки тасвири мамдӯҳ дар қасида айнан сифатҳои мадҳшаванда, яъне шахсияти реалиро надорад. Вай дар айни замон бояд ба шахсияти мадҳшаванда ба қиёс мухолиф набошад ва ақаллан ба рӯҳия ва завқи ӯ (мутобиқан завқи гурӯҳи муайяни ҷамъиятӣ) мувофиқат кунад. Аз ин мулоҳиза натиҷа ин аст, ки мамдӯҳ идеали гурӯҳи муайяни ҷамъият аст. Ҳарчанд ин хулоса аз ҳақиқат дур нест, вале боз ҳам асли масъаларо ба андозае умумию муҷаррад фаро мегирад, ки моҳияти он норавшан мемонад. Барои ҳамин таҳлили

конкретӣ ва ҳаматарафаи қасида лозим аст, то шахсияти бадеии мамдӯҳ, воситаҳои офарида шудани он, таҳаввули он ҳамчун образи бадеӣ дар адабиёт равшан гардад.

Дар таҳқиқи қасида албатта муаммои асосӣ чигунагии шахсияти мамдӯҳ ҳамчун мавзӯи тасвир ва образ ё воситаи маърифат аст. Ду ё зиёда шоире, ки мадҳи касе гуфтаанд, бо вуҷуди қаробати сухан тасвири онҳо биайниҳ як чиз нест. Ба ин маънӣ Рӯдакӣ чунин ишорате дорад:

Гарчӣ бикӯшанд шоирони замона,
Тарҳи касеро касе нагӯяд монанд.

Агар сухани ду шоир дар мадҳи касе монанд нест, пас онҳо бо тасвири шахсе ҳақиқатеро маърифат кардаанд. Дар ҳамон шеъри Рӯдакӣ баъди байти мазкур чунин мисраъҳо омадааст:

Сирати ӯ — тухми кишту неъмати ӯ — об,
Хотири маддоҳи ӯ — замини барӯманд[7]

Дар ин байт асоси мадҳ — замине, ки кишта мерӯяд, хотири маддоҳ — гӯянда аст. Ҳамчунон ки аз тухму обу замин ҳосили нав мерӯяд, хотири шоир зимни сирати шахсе, албатта ба мақсади муайяне, чизе меофарад, ки маҷман ҳаман инҳост ва он чиз сирати ё шахсияти навест. Ҳарчанд, ба масал, гандуми нав аз ҳамон кишта аст, лекин асли он нест. Акнун мебинем, ки хотири устод Рӯдакӣ дар сифати Абӯҷаъфар Аҳмад ибни Муҳаммад — мамдӯҳи шоир дар қасидаи «Модари май» чӣ гуна ҳосиле додааст. Ин шахс сипаҳсолори Сомониён дар Хуросон буд. Сипаҳсолори Хуросон аз рӯи тасвири Рӯдакӣ сифатҳои муайяне дорад. Вай маҳи озодагон, ифтихори Эрон, малики адл, офтоби Эрону замон, аз ӯ зинда доду рӯшноиҳ кайҳон, сояи худо, офтоби Сосониён, дар ҳикмат Суқроту Фалотун, дар мазҳаб шофеӣ, дар илму ҳикмат Луқмон, фариштаи биҳишт, покаҳлоқу покнажод, хушгуфтор, дар садру подшоҳӣ чун Сулаймон, сомсавор, дар майдони ҳарб фил пеши ӯ хор намояд, дар разм аз Исфандиёр бузургтар, кӯҳтан, душман аждаҳо бошад ҳам назди ӯ чун мум пеши оташ аст, Баҳром хеҷ аст дар набарди ӯ, майнӯш, давлаташ юзу душманаш оҳуи нолон, бо ҳашамат Амр

[7] Рӯдакӣ. Шеърҳо.— Душанбе, 1974, саҳ. 69.

ибни Лайси Саффориро зинда карда, номи Рустамро нигоҳ дошта, зинату фарру нузҳату сомон аз ӯст, мадҳи ӯ карона надорад, зеро аз паи ӯ гетиро яздон офарид ва ғайра. Ҳарчанд дар хусуси сифатҳои конкретии шахсияти сипаҳсолори Хуросон, ки дар ин қасида мамдӯҳи устод Рӯдакист, мо аз «Таърихи Систон» маълумот дорем, бо камоли боварӣ метавон гуфт, ки ин мард ҳаргиз ин гуна сифатҳоро надоштааст ва ҷамеи ин сифот ҳеҷ гоҳ дар симои шахсе ҳам таҷассум нахоҳад ёфт. Муаллифи «Таърихи Систон» дар воқеъ тасдиқи аҷибе дорад. Зимнан китоби мазкур маъхази асосии қасидаи «Модари май»-и устод Рӯдакӣ мебошад ва муаллиф баъди иқтибоси матни қасида чунин изҳори ақида мекунад:

«Мо ин шеър бад-он ёд кардем, то ар кӣ ин шеър бихонад, амир Боҷаъфар (Абӯҷаъфар) дида бошад, ки ҳама чунин буд, ки вай гуфааст. Ва ин шеър андар маҷлиси амири Хуросон ва содот Рӯдакӣ бихондааст, ҳеҷ кас як байт ва як маънӣ аз ин ки дар ӯ гуфта буд, мункир нашуд, илло ҳама ба як забон гуфтанд, ки андар ӯ ҳар чи мадеҳ гуӣ, муқассир (кам будан) бошӣ, ки марди тамом аст».[8]

Ҳарчанд муаллиф тасдиқ мекунад, ки Абуҷаъфар дар воқеъ чунин шахс буд, ба як забон тасдиқ кардани ҳамин «ҳарчи мадеҳ гӯӣ» талқини чизи дигареро мекунад. Яъне дар ҳақиқат мадҳи бенуқсону комил аст. Мумкин аст, шофеимазҳаб будан ва хушгуфторӣ хоси шахсияти ӯ будааст, вале ба ҳеҷ сурат мисли Рустам набудааст, чунки Рустам образи парвардаи андешаи мардум ва табъи Фирдавсист ва то ҳол ҳеҷ як образи адабӣ (ҳатто дар асари реалистӣ ҳам) ба воқеият айнан баробар наомадаст, то касе мисли Рустам шуда бошад. Ҳамаи ин сифатҳо нисбат ба шахсияти хориқулоддае дорад, вай беҳамто, аз вазъи ҷисмонӣ ва ботинӣ муболиғаомез аст ва ягон сифати конкретии фарди реалиро надорад. Ин шахс дар замон ва шароити конкретӣ ҳам арзи вуҷуд намекунад, чунки сифатҳои фардии конкретӣ дар шароит ва замони конкрету характернок зуҳур карда метавонанд. Аз лиҳози замон ҳамин чиз маълум аст, ки аз авлоди Сосониён буда, номи Рустамро зинда карда, шӯҳрати Лайси Саффорӣ ва ҳикмати

[8] Таърихи Систон, ба тасҳеҳи Малик-уш-шуаро Баҳор.— Теҳрон, 1339, саҳ. 324.

юнониёро дорад ва дар ҳамин замону вақти навишта шудани шеър зиндагӣ мекунад. Ин тариқа ишорати вақт фақат ҳаминро мефаҳмонад, ки вай ҳамин ҳоло таҷассуми сифатҳои мардонагии Рустам, ҳашамати давлатдории Амр ибни Лайс ва ҳикмати Юнон буда, худ аз авлоди бузургон — Сосониён аст. Вай, ҳамчун шахси берун аз вақту замон, бо он сифатҳое, ки дорад, берун аз ҷамъияти инсонҳо тасаввур карда мешавад, байни ин типи бадей ва ҷамъият алоқаи дохилӣ нест. Агар сифатҳои образ ба шахсияти воқей мувофиқат надошта бошад, пас ҳамин гуна шахсият ба ҷамъият муқобил гузошта мешавад. Яъне ин гуна шахсият ба воқеияти одамони реалии давр мувофиқат намекунад.

Инро на фақат сифатҳои ба мамдӯҳ нисбат додаи устод Рӯдакӣ тасдиқ мекунанд, балки аз нажоди одам мисли ӯ набудан ҳам рӯйрост таъкид карда мешавад:

> Он-к набуд аз нажоди одам чун ӯ,
> Низ набошад, агар нагӯӣ бӯҳтон [9].

Агар чунин тасвир фақат хоси ҳамин қасида ё умуман қасидаи мадҳӣ мебуд ва тарафҳои дигаре намедошт, дар он сурат тасдиқи чунин ақида, ки қасида сухане дурӯғ ва саршори тавсифҳои игроқомези як шахси ношоям аст, тамоман раво буда, ба ҳақиқати ҳол мувофиқ меомад. Аммо билфарз оё мо гуфта метавонем, ки образи Рустам дар «Шоҳнома» як образи реалию воқеист ва агар он тасвирҳои эҳсосоти фардии ӯро истисно кунем, амалиёти вай аз лиҳозе ба воқеият баробар меояд? Баракс, Рустам ҳамчунин шахси хорикулодда ва дар муқоиса бо шахсони реалӣ беқиёс аст. Рустам ҳатто ба ҷамъияти инсонҳо алоқаи мустаҳкам надорад. Вай тамоми амалиёти қаҳрамонӣ ва корномаҳои беназирашро ба танҳой, яккаю танҳо анҷом медиҳад ва пас ба ватани худ Систон меравад ва чандон равшан ҳам нест, ки дар он ҷо ба чӣ коре шуғл меварзад. Вай ҳамчунин шахсиятест, ки дар ҷамъият назираш нест ва ҳамчун тип ба ҷамъият муқобил гузошта шудааст.

Пеш аз он ки муҳокимаро бо ин равиш давом диҳем, ба як масъалаи дигаре таваҷҷӯҳ намудан лозим аст. Ин навъ образҳо, ки поэтикаи тасвири онҳо, вобаста ба моҳияти бадеияшон хусусияти тавсифӣ ва муболиғаомез дорад, агар дар осмони андешаи шоир муал-

[9] Рӯдакӣ. Шеърҳо, саҳ. 70.

лак монда, ба чамъият ва муносибати чамъиятии инсонҳо беалоқа мебуданд, дар он сурат аз онҳо ягон маънию моҳияти ғоявию бадеие интизор шудан мумкин набуд. Воқеан ҳар гоҳ мо мегӯем қасида шеърест, ки таърифу тавсифи шахсеро дарбар гирифта, арзиши адабие надорад, маҳз аз ҳамин мавқеъ ба он назар мекунем. Лекин чунин образҳо ба воқеияти реалӣ алоқаи муайяне доранд ва ҳамин муносибати онҳо ба одамон ва муносибатҳои одамӣ моҳияти онҳоро муайян сохта, дар айни замон арзиши адабию-эстетикии асар ва позицияи (мавқеи) чамъияти гӯяндаро муайян менамояд. Ҳангоми зикри сифатҳои мамдӯҳ дар қасидаи устод Рӯдакӣ мо аз баёни тавсифҳое, ки муносибати образро ба муҳиту одамон равшан мегардонанд, худдорӣ карда будем. Акнун мебинем, ки ба ҳокими мазкур ба чуз тавсифҳои бузургӣ боз чӣ гуна авсоф нисбат дода мешавад. Дурусттараш дар тасвири образи мазкур сифатҳои беназири ӯ бо чамъияти инсонҳо чӣ гуна мувофиқат доранд? Ба мисраъҳои зерин мурочиат мекунем:

Ҳуччати якто худою сояи ӯяст,
Тоати ӯ карда вочиб ояти фурқон
Халқ зи хоку зи обу оташу боданд
В-ин малик аз офтоби гавҳари Сосон.
Фарр бад-ӯ ёфта мулки тираву торӣ,
Адл бад-ӯ гашт низ гетии вайрон [10].

Пеш аз он ки дар хусуси ин суханони устод Рӯдакӣ таваққуф кунем, андаке дар бораи тасаввуроти он замон нисбат ба табақоти чамъият сухан кардан лозим меояд. Табақабандии афроди башар аз тарафи ҳамаи равияҳои динӣ, мазҳабӣ ва фалсафӣ як хел нест. Мо дар ин чо бар ҳасби мавзӯъ фақат бо ишорате ба мавқеи назари ба мавзӯи мо дахлдор қаноат мекунем. Дар як ояти «Қуръон» гуфта мешавад, ки «ад-дину ва-л-малику тавъамонӣ», яъне дину подшоҳӣ аз ҳам чудой надоранд. Дар таълимоти тоисломии зардуштӣ ҳам, ки Рӯдакӣ онро ёд кардааст, подшоҳ аз авлоди подшоҳон, яъне дорои фарри эзидӣ бояд бошад. Низомии Арӯзи табақоти мардумро чунин тасниф кардааст:

«Як қисм он аст, ки наздик аст ба олами ҳайвон, чун биёбониён ва кӯҳиён, ки худ ҳиммати эшон беш аз он нарасад, ки тадбири маош кунанд ба чазби манфиат ва дафъи мазаррат. Боз як қисм аҳли билод ва мадон-

[10] Ҳамон чо, саҳ. 62—63.

ианд, ки эшонро тамаддуи ва таовуи истинботи ҳарф ва саноот бувад ва улуми эшон максур бувад бар низоми ин ширкате, ки ҳаст миёни эшон, то анвоъ бокӣ монад. Боз як қисм онанд, ки аз ин ҳама фароғате доранд... Кори эшон он бошад, ки мо кием ва аз чӣ дар вучуд омадаем ва падидорандаи мо кист? Яъне ки аз ҳақоиқи ашьё баҳс кунанд ва дар омадани хеш тааммул ва аз рафтан тафаккур... Ва боз ин қисм ду навъанд. Яке навъ онанд, ки ба устод ва талаққуф ва такаллуфу хондан ва набиштан ба мунтаҳои ин маъмул расанд ва ин навъро ҳукамо хонанд. Ва боз навъе онанд, ки бе устоду набиштан ба мунтаҳои ин фикрат бирасанд ва ин навъро анбиё хонанд... (Ва вайро) ноибе ҳар онна, то шаръу суннати ӯ барпой дорад... ва ӯро имом хонанд. Ва... ӯро ноибон бояд... аъни подшоҳ ва ин нисбатро подшоҳӣ. Пас, подшоҳ ноиби имом аст ва имом ноиби пайғамбар ва пайғамбар ноиби худо... Ва хуш гуфта дар ин маънӣ Фирдавсӣ:

Чунон дон, ки шоҳию пайғамбарӣ
Ду гавҳар бувад дар як ангуштарӣ»[11]

Ҳарчанд Низомии Арӯзӣ дар асри XII зистааст, тасаввур дар бораи табақаю гурӯҳҳои ҷамъият дар ин муддат чандон тағьири куллӣ наёфтааст. Рӯдакӣ мамдӯҳи худро сояи худо меномад ва тамоми мардуми дигарро маҷмае аз хоку обу оташу бод, яъне ин мардум дар камолот аз ҳадди аносири табиӣ берун нарафтаанд. Дар тасаввури Низомии Арӯзӣ гурӯҳи асосии мардум аз рӯи фаъолияти худ аз ҳадди ҳайвонӣ болотар нарафтаанд. Ин тасаввур, албатта аз муносибатҳои иҷтимоӣ ва сохти иқтисодии замон сар задааст ва маҳз ҳамин типи шуур ба назари мо қасидаи мадҳиро ба вуҷуд оварда, боиси муддати зиёде барқарору устувор мондани он шудааст. Дар тасвири Рӯдакӣ мамдӯҳ ободкунандаи мулки тираву тор, биҳишт гардонандаи олам аз дасти ӯ, хираду адаб ба мардум меафзояд, ато мекунад ба мардум, саховати зиёде дорад, мусулмонтабиат аст, додгар ва ҷавриакунанда аст, неъматаш ба ҳама мерасад, ба мардум афв мекунад ва ғайра ва ҳоказо. Яъне ҳама ӯст. Ин шахсият, ин тип ҷорикунандаи тамоми низоми олам, тимсоли одам аст. Кишваркушоӣ, паҳлавонӣ, ҷанговарӣ, мубориза ақлу донишу

[11] Чаҳор мақола, саҳ. 35—36.

ҳикмат насиби шахсест. Фақат шахсе ва типе метавонад ва қодир аст ба корҳои бузург, дигар мардум аз ӯ фақат ҳиммат, саховат, тараҳҳум, ҳимоят интизор шудан метавонанду бас. Дигар мардум ҳамон аркони табиӣ, ё аз рӯи ҳиммати худ дар ҳадди ҳайвонианду бас. Он шахс, тип метавонад, дараҷаи муайяни имконотро дошта бошад, вобаста ба мақомаш дар ҷамъият, чунки мамдӯҳ на ҳама вакт подшоҳ аст, балки вай метавонад вазир, ҳокиме ё ҳатто ягон арбоби давлат бошад. Аммо ӯ ҳама вакт ба корҳои бузург қодир аст ва сарнавишти мардум ба ӯ вобаста аст. Тамоман табиист, ки чунин типи маърифат, ки тақдири башарро аз шахсе вобаста медонад ва дар муносибатҳои ҷамъияти натиҷаи муносибатҳои моддиро намебинад, маърифати идеалистии маҳз аст. Султон Маҳмуди Ғазнавӣ барои ҳамин навъ типи шуури идеалистона намунаи хуби мамдӯҳ буд ва беҳуда нест, ки шоирони дарбори ӯ дар мадҳ шӯҳрати зиёде ёфтаанд. Гуфтан лозим аст, ки ҳамин навъ типи шуур идеали халқии шоҳи одилро низ ба вуҷуд овард. Аз баски тақдири ҷамъият ба рафтору кирдор ва иродаи шахс вобаста тасаввур карда мешуд, агар чунин шахс инсонпарвар бошад, адолатро пеша кунад, вай идеали халқро ифода мекард. Табиист, ки дар замона чунин шахсонро ёфтан тамоман мумкин набуд ва аз ин ҷо заминаҳои романтикӣ ва тасвироти хаёлӣ афзудан гирифтанд. Аз ин ҷиҳат майли романтикӣ ва идеали шоҳи одил, ки дар адабиёт қариб баробар пайдо шуданд, натиҷаи инқирози қасидасароӣ буд. Муносибати типи шахсият ва ҷамъият асоси қасида ва равиши инкишофу инқирози онро ба назари мо муайян мекунад ва арзиши асарҳои мадеҳасароёнро равшан мегардонад. Аз ин рӯ, омӯзиши таърих ва инкишофу инқирози қасида барои фаҳми таҳаввул ва инкишофи шуури таърихии асрҳои миёна бисьёр зарур аст. Бешубҳа қасида аз ибтидо то интиҳо аз ҷиҳати функцияи идеявӣ чизи якранге набудааст ва тағьирот фақат ба ҷузъиёти бадеии он, чунон ки ҳоло аксар чунин ақида доранд, дахл накардааст. Ин равиши фикрии шуури ҷамъият дар он замон мухолифони худро дошт. Махсусан шахсони моил ба тафаккури рационалӣ ба ин усули маърифат бисьёр сахт муқобилият кардаанд. Аз ҷумла Анварӣ дар охири умри худ аз мавқеи фалсафаи рационалии Ибни Сино ба шеъри мадҳӣ сахт муқобил баромад. Равияи дигари

фикрие, ки дар шеъру шоирӣ ба қасида ва функцияи маърифатии он мухолифат варзид, тариқати тасаввуф ва ирфон аст. Аммо байни функцияи маърифатии қасида ва усули маърифат дар тасаввуф умумияте ҳаст. Ин умумият дар он зоҳир мешавад, ки ҳам дар тасаввуф ва ҳам дар мадеҳасарой сарвари тамоми кору бори олам ӯст, яъне-мамдӯҳ ва дар тасаввуф ҳақиқати кулл (ё худо), лекин тафовути онҳо дар ин маврид аз ду ҷиҳат аст: дар мадҳ вай (симои мамдӯҳ) шакли предметӣ дошта, ба сабаби ҳамчун субъект тасаввур шуданаш интиҳои сифоти ӯ ғарқи олами предметӣ шуда, шакли пантеизмро гирифтан наметавонад. Дар тасаввуф бошад, чунон ки маълум аст, чунин имконияте барои пантеизм мавҷуд буд. Аз тарафи дигар, дар тасаввуф тамоми мардум бидуни муносибатҳои иҷтимоӣ аз ҳайси ботин қимати муайяну баробари инсонӣ доранд.

Он чи ки дар боби инъикосу маърифати қасидаи мадҳӣ гуфта шуд, аз ваҷҳе ба дигар анвои қасида ҳам мувофиқат мекунад. Масалан, дар ҳаҷв ҳам образ ба тамоми ҷамъият муқобил гузошта мешавад ва дар сифату кирдор ба афроди башар шабеҳ нест. Дар ин маънӣ вай аз ҷиҳати вазифаи бадеӣ хилофи образи асари мадҳист. Суханони зерини муаллифи «Қобуснома» дар ин маврид ниҳоят диққатангезанд:

«Агар ҳиҷо хоҳӣ гуфтан ва надонӣ, ҳамчунон ки касеро дар мадҳ ситоӣ, зидди он мадҳ бигӯй ва ҳар чӣ зидди мадҳ бувад, ҳиҷо бувад». [12]

Дар қасидаи ҳолия низ вазъият ҳамин аст.

Ба ин тариқ, қасида ҳамчун навъи адабӣ шакли муайяни ифодаи шуури ҷамъиятист. Функцияи маърифатии қасида дар тӯли асрҳо, бо нишебу фарозҳо бошад ҳам, мавҷудияти онро таъмин кард. Вай ҳамчун навъи маърифат ва мафкураи ҷамъиятӣ равиши муайяни шуури ҷамъият (аксаран мафкураи сохти ҳукмронии феодалӣ)-ро инъикос карда, бо дигар ҷараёнҳои шуури ҷамъият мухолифат варзидааст ва қасидаи тоҷикӣ аз адабиёти араб ба ҷуз қолаби зоҳирӣ чизи дигареро интихоб накардааст.

*Соли 1975*

---

[12] Қобуснома, саҳ. 131.

# ҚИСМИ ДУЮМ

## УСТОД АЙНӢ ВА МАФКУРАИ ТАЪРИХИИ ХАЛҚ[1]

Ҳарчанд адабиёт инъикоси шуури таърихии халқ аст ва фақат дар шуури ҷамъият барқарор мемонад, масъалаи нуфузи он ба мафкураи ҷамъиятӣ аз вазифаҳои адабиётшиносӣ нест. Таъсири санъату адабиёт ба мафкураи ҷамъият мавзӯи баҳсу таҳқиқи соҳаҳои гуногуни ҷамъиятшиносӣ буда, вазифаи адабиётшиносӣ дар доираи таҳқиқи инъикоси шуури таърихии халқ дар адабиёт ва шаклҳои ифодаи он маҳдуд мегардад. Бинобар ин, мо дар ин мақола иҷмолан баъзе ҷиҳатҳои инъикоси шуури таърихии халқи тоҷикро дар эҷодиёти устод Айнӣ, алалхусус дар асарҳои баъдинқилобии ӯ ишорат мекунем.

Муҳимтарин вазифаҳои ҳаёти иҷтимоии миллат ҳама вақт асоси равиши ғоявию мафкуравии адабиёти ҳамон халқ мебошад. Адабиёти советии тоҷик, ки сарвару асосгузори он устод Айнист, дар солҳои 20-ум ташаккул ёфт. Мақсад ва мароми асосии ин адабиётро ҳаёти иҷтимоии ҳамон солҳо муайян кардааст. Оё он вазифаҳои асосие, ки дар назди халқи тоҷик меистод ва онҳоро адабиёт умуман ва эҷодиёти устод Айнӣ махсусан дарбар гирифт, аз чиҳо иборатанд?

Бешубҳа масъалаи асосӣ дар ҳаёти иҷтимоии халқи тоҷик дар он солҳо сохтмони социалистӣ ва муносибат бо дигар халқҳои ватанамон дар ин процесс буд. Ин масъала на фақат барои он муҳим буд, ки ҳамаи

[1] Ба ин мавзӯъ дар асарҳои доктори фанҳои филологӣ Муҳаммадҷон Шукуров эътибори махсус дода шудааст. Ин мақола ҳамин гуна андешаҳои муаллифи мазкурро тақвият медиҳад.

халқҳои аз асорати империяи мустабиди Россия раҳо ёфта бо ҳамин роҳ мерафтанд, балки ин роҳ фақат ва танҳо ягона роҳи имконпазири мавҷудияту ташаккули миллати тоҷик ҳам буд. Шакли мавҷудияти миллати тоҷикро берун аз роҳи социалистӣ ва муносибати интернационалӣ бо дигар халқҳои советӣ тасаввур кардан мумкин набуд.

Процесси ташаккули миллат ва адабиёти миллӣ мутобиқан ба амал омада, баробар инкишоф меёфт. Аз ин рӯ, процесси ташаккули миллии халқи тоҷик ва адабиёти он зодаи Инқилоби Октябрь аст ва адабиёт ҳамин процесси мураккабро инъикос карда истода, барои дар ҳаёт тасдиқ кардани равиши мавҷудаи ҷамъиятӣ роли бағоят муҳиме бозид. Лекин ташаккули миллӣ, ба ғайр аз тасдиқу татбиқи равиши муайяни ичтимоӣ ё шояд дар баробари он худшиносии миллиро низ дар назар дорад. Барои он ки оммаи васеи халқи тоҷик ба роҳи нави инкишофи ҷамъиятӣ равад, иштироки он дар ин роҳ бошуурона бошад, мақсади ҳозиреву ояндаро дуруст фаҳмад, вай бояд мақому мавқеи худро дар ин процесси азими дигаргуниҳои таърихӣ муайян мекард. Сохти нави ҷамъиятӣ, ки истибдоди ичтимоӣ ва миллиро барҳам зада, озодии инсонро таъмин карда буд, иштироки кӯр-кӯрона ва ғайри майлу рағбати инсонро аз рӯи табиати худ намеписандид. Ҳамин тавр, худшиносии миллӣ яке аз масъалаҳои асосии адабиёту санъат ва умуман маданият шуда монд. Гуфтан ҷоиз аст, ки таърихи адабиёти советии тоҷик ин таърихи мубориза барои барқароршавӣ ва инкишофи сохти социалистӣ, муносибати интернационалӣ бо дигар халқҳои ватанамон ва пайдоишу инкишофи шуури миллии халқи тоҷик мебошад. Ҳаман ин масъалаҳои асосии адабиёти мо бо саъйи устод Айнӣ ба миён гузошта шуданд ва ӯ сардафтари ин равиши адабӣ шуд.

Сухани дигари сазовори гуфтан дар ин мавриդ ин аст, ки процесси худшиносии миллии халқи тоҷик, балки баъзе дигар миллатҳои шарқи советӣ аз процесси ташаккули миллии халқҳои Европа дар замони Интибоҳ (Эҳьё) ва ташаккули миллии баъзе халқҳои шарқи хориҷӣ ба куллӣ фарқ дорад. Дар мо, вобаста ба вазъияти конкретии таърихӣ, процесси ташаккули миллӣ ва худогоҳии синфӣ баробар ба вуҷуд омад. Барои ҳамин инъикоси таҳаввули худшиносии миллӣ аз маҳдудияти тенденцияҳои манфии миллатчигӣ хо-

риҷ буда, вазифаҳои миллӣ бо мақсадҳои озодихоҳонаи синфӣ дар якҷоягӣ зуҳур карданд. Ин пайвастагӣ ба процесси худшиносии халқи тоҷик ва ташаккули миллии он шакли революционии пролетарӣ ва умумихалқӣ дод.

Ҳамин масъалаи марказии мафкураи ҷамъиятии халқи тоҷик, яъне процесси худшиносии миллӣ ва худогоҳии синфӣ дар эҷодиёти устод Айнӣ чӣ тавр инъикос шуд? Ҳама медонанд, ки мафкура ва шуури ҷамъият дар адабиёти бадеӣ ба воситаи симои шахсиятҳо тасвир мешавад. Устод Айнӣ ҳамин процесси худшиносии миллиро дар асарҳояш тасвир кард. Аниқтараш, эҷодиёти бадеии Айнӣ, агар силсилаи мақола ва асарҳои публицистии ӯро ба назар нагирем, аз повести «Одина» сар карда ба ин ҷониб бештар дар атрофи ҳамин масъала баҳс мекунад. Аммо як чизро ба эътибор гирифтан лозим аст. Худшиносии миллӣ ва худогоҳии шахс процесси ягона ва ҷудонашаванда аст, «ташаккули миллат ва ташаккули шахс — на ду процесс, балки ду ҷиҳати як процесси ягона аст».[2]

Аз ин рӯ, зуҳури худшиносии миллӣ дар адабиёти бадеӣ дар навбати аввал тасвири процесси худогоҳии шахс, донистани мақоми ҷамъиятӣ ва қимати инсонии вай аст. Қимати инсонии шахс арзиши миллӣ пайдо карда, адабиёт ҳам аз воситаи баёни мақсаду орзуҳои табақавии ҷамъиятӣ ба дараҷаи ифодакунандаи мақсадҳои миллӣ мерасад. Повести нахустини тоҷикии устод Айнӣ «Саргузашти як тоҷики камбағал, ё ки Одина» номида шудааст. Унвони ин повесть албатта ба шакли номгузории он солҳо навишта шудааст, вале маънии онро тасодуфӣ донистан мумкин нест. Ин повесть саргузашти як тоҷики камбағал аст, маҳз тоҷик ва камбағал будани ӯ таъкид мешавад. Оё дар адабиёти ҳазорсолаи форсии дарӣ мо саргузашти чунин як шахсро дидан метавонем, ки вай ҳам тоҷик бошад ва ҳам камбағал? Чунин симо бешубҳа набудааст ва ҷустуҷӯи тимсоли он кори бефоида аст. Айнӣ аввалин нависандае буд, ки масъалаи тақдири тоҷик ва он ҳам тақдири тоҷики камбағалро ба миён гузошт. Тақдири ин тоҷик сарнавишти қавми тоҷик, халқи тоҷик ва миллати тоҷик аст. Бинобар ин, Садриддин Айнӣ аввалин

---

[2] В. В. Кожинов. Типология и своеобразие (Еще раз о построении истории русской литературы). «Контекст», 1975,— М., 1977, сах. 251.

навнсандаи миллии халқи тоҷик буда, ҳамаи сифатҳои дигари ӯ ба мисли аввалин муаллим, аввалин ходими матбуот ва ғайра дар қиёс ба ин сифати ӯ ба ҷуз тавсиф чизи бештаре нестанд, чунки шарафи аввалин нависандаи миллӣ насиби камтар шахсони таърихӣ шудааст.

Дар поёни повести «Одина» чунин лаҳзае ҳаст:

«Тобутро кушоданд, мурдаро дар лаҳад гузоштанд, дари лаҳадро бо кулӯхҳо маҳкам карданд. Айвонашро бо хок пур намуданд ва рӯи қабрро монанди кӯҳони шутур дарозруя аз замин бардоштанд ва ба саргаҳи он ба ҷои санги мазор якчанд дона чимро болои ҳам чиданд.

Баъд аз тамом кардани ин корҳо яке пурсид:

— Одина чӣ гуна одам буд?

Дигаре ҷавоб дод:

— Одина як ҷавони фақир, ғариб, номурод буд, ки дар ҷавонӣ қурбони ғадр, хиёнат, зулм ва бедоди арбоби истибдод ва боёни бадбуньёд гардид!»[3]

Дар ҳақиқат Одина чӣ гуна одам аст? Вай ҷавони ғариб, фақир, ғадршуда ва монанди ин аст. Барои одаме, ки чунин сифатҳо насиби ӯ бошанд, ҳосили зиндагонӣ ба ҷуз андӯҳу ғам ва ҳасрату алам чизи дигаре шуда наметавонад. Одина аз дараҷаи мансубияти табақавии худ, яъне нисбати гурӯҳи мазлум болотар баромадан наметавонад. Мо, ба мисли нависанда, дар бораи чӣ гуна одам будани ӯ муҳокима рондан метавонем, лекин симои Одина тасаввуроти солҳои бистум дар бораи вазъияти зиндагонии тоҷикони камбағал дар солҳои арафаи дигаргуниҳои бузурги таърихӣ, ки дар натиҷаи Инқилоби Октябрь рӯй доданд, мебошад. Дар ин ҷо нависанда нишон медиҳад, ки тоҷик ва алалхусус тоҷики камбағал мақоми ҷамъиятие ва қимати инсоние надошт. Муҳимтар аз ҳама ин аст, ки Одина чунон гирифтори ҳаводис ва бори зиндагии гарон аст, ки вай ҳатто боре аз хусуси ин вазъияти гарони худ фикр намекунад. Дар вай ҳамон ҳисси худогоҳӣ нест. Ҳарчанд ӯ бори маломат мекашад, вале боре ҳам фикр намекунад, ки сабаби ин ҳама беадолатиҳо, ноҳақиҳо, ғадр карданҳо аз куҷост? Кас дар ҳамон вақт шахси ба нафсу кирдори худ мустақил аст, ки агар аз сабабҳои мақому мавқеи худ огоҳ бошад

[3] С. Айнӣ. Куллиёт, ҷ. 1, саҳ. 324.

ва аз қиёси ҳамон сабаб амал карда, натиҷае ҳосил намояд. Қирдор асосан ба фаҳмиши мақоми худ вобаста аст ва дар сурати огоҳ набудан аз мавқеи худ амал хосияти стихиявӣ ва ғайри ирода мегирад. Ягона амале, ки Одина бо иродаи худ содир мекунад, гурехтан аст, аммо ин гурехтан мантиқан маънои фаҳмидани ҳодисаҳоро надорад, чунки фаҳмиши моҳияти воқеа ва муносибати одамон ҳатман дар ҷавоби онҳо амал карданро илқо дорад. Одина, ки аз ин майдони ҳаводис мегурезад, аз моҳияти онҳо бехабар нест ва бо ин сабаб канораҷӯӣ мекунад. Ҳуллас, ки ӯ қимат ва мақоми ҷамъиятии худро намедонад. «Натиҷаи худогоҳӣ донистани фоил худро мебошад. Агар шуур шароити субъективии биниши кас дар муҳит бошад, пас худогоҳӣ биниши ӯ дар шахси худаш мебошад».[4]

Шуури шахс фақат инъикоси муносибатҳои ҷамъият, акси онҳо набуда, балки «шакли идеалии фаъолияти ба инъикос ва тағйири воқеият равона шуда мебошад.[5]

Дар фаъолияти Одина ҳамин чиз-фаъолона амал кардан барои тағйири муҳиту воқеият нест. Оё бо ҳамин мулоҳизаҳо хулоса баровардан мумкин аст, ки Садриддин Айнӣ дар соли 1925-айни авҷи муборизаҳои синфӣ беҳаракатию карахтӣ ва ҳатто ҳолати аз дараҷаи худогоҳӣ дурро тасвир мекард? Агар повести «Одина» пеш аз инқилоб навишта мешуд, дар бораи мазмуну мундариҷаи он чунин муҳокима рондан мумкин буд. Лекин дар нимаи солҳои бистум ҳамин шакл беҳтарин роҳе буд, ки барои худшиносии миллӣ ва фаҳмидани мақоми синфии худ ёрӣ мерасонд. Яъне Айнӣ ба аҳли ҷамъияти онрӯза гуфтанист, сохти иҷтимоие, ки ба ҳамин наздикиҳо барҳам хӯрд ва баъзеҳо дар садади барқарор кардани он мебошанд, шахсро гирифтори ҳамин гуна маҳрумиятҳо мегардонад. Охир асари нависанда на танҳо барои тасвири гузашта, балки бештар ба нияти таъсир ба вазъияти ҳозираву оянда навишта мешавад. Бинобар ин повести «Одина» маънии онро дошт, ки ҳой мардум! — худро ва мақоми худро, инчунин душманони худро бидонед. Шӯҳрати повесть ва мароқе, ки дар он солҳо ба он хонандагон зоҳир карданд, тасдиқ менамоянд, ки ин асар вазифаи ғоявии ба ӯҳда доштаашро ба хубӣ анҷом дод.

---

[4] А. Спиркин. Происхождение сознания.— М., 1960, саҳ. 141.
[5] Ҳамон ҷо, саҳ. 80.

Қадами дигари ҷиддӣ дар ин роҳ таълифи китоби «Намунаи адабиёти тоҷик» буд. Мақсади асосии ин асар вазифаи муқобили идеологияи пантуркистӣ гузошта шудани онро, ки мурод тасдиқи таърихи қадимӣ будани адабиёту маданияти тоҷикон дар Осиёи Миёна мебошад, медонанд. Лекин, ба назари мо, вазифаи ин китоб барои худшиносии миллии халқи тоҷик нисбат ба вазифаи аввалаи он муҳимтар буд. Зимнан, ин ду вазифаи китоби мазкур хилофи ҳам набуда, якдигарро пурра карда, такмил медиҳанд. Процесси инкишофи таърихӣ ва шуури таърихии ҷамъият аз ягонагии гузаштаву имрӯза иборат аст. Аз ин ҷиҳат таърихи маданию адабии гузаштаро донистан фақат арзиши маърифатӣ надорад, вай воситаи муҳимми тарбиявӣ мебошад. Чунин аҳамияти тарбиявии «Намунаи адабиёти тоҷик» аз талқини ақидаи шинохтани таърихи худ, мақоми худ дар байни дигар халқҳо ва тасдиқи он аст, ки халқе бо ин маданияти ғании таърихӣ гумном шудан наметавонад. Хулоса, дар асоси ин китоби Айнӣ низ шуури ҷамъиятӣ, ки аз талаботи замони нависанда сар зада буд, ҷойгир аст. Навиштани асар барои Садриддин Айнӣ натиҷаи ҳавову ҳавас ва таъмини талаботи завқӣ, ё эхтиёҷоти моддӣ набуд.

Романи «Дохунда» марҳилаи наве дар эҷодиёти Айнӣ мебошад. Ҳамон навъе борҳо гуфта шудааст, қисми аввали романи «Дохунда» ба повести «Одина» монанд аст. Дар ҳақиқат образи Ёдгор дар аввал аз ҷиҳати тасвир ба Одина шабоҳат дорад. Дар масъалаи шабоҳати ин ду образ ба як иштибоҳ роҳ додан лозим нест: шабоҳати онҳо аз ҷиҳати мақсади асосии тасвир аст, на аз лиҳози хулқу атвор. Дар хулқу атвор ва кирдор Одина ва Ёдгор ашхоси ба якдигар монанд нестанд. Яъне сухан дар бораи якрангии хислати биологӣ нест, балки концепцияи шахси ҷамъиятии дигар аст. Магар Айнӣ ба ҷуз мурдани падар ситуацияи дигаре намеёфт, ки оламӣ тираи пурҷабру ситами Бухороро шарқиро намоиш диҳад? Бешубҳа роҳи дигареро пеш гирифтан мумкин буд, лекин барои тасвири минбаъдаи образ, ки инъикоси симои шахси аз хурдӣ гирифтори маҳрумиятҳо буда, тадриҷан рӯ ба камол мениҳад, образи ятим беҳтарин воситаи баёни мақсад буд. Аввал бигӯем, ки зиндагии ятимона мавзӯи повести «Ятим» ҳам шуд ва умуман тасвири шахс аз ятимӣ то дараҷаи камолот ва мушоҳидаи роҳи инкишофи хулқу

атвори ӯ яке аз принципҳои эҷодии Айнист, ки сабабҳои он асоси субъективӣ ва объективӣ доранд. Лекин ин тарафи масъала моро аз асли мақсади худ дур мебарад.

Ба ин тариқ, Ёдгор ҳамчун шахсияти биологӣ аз Одина фарқ дорад, вале дар рафтори ҷамъиятӣ байни онҳо махсусан дар қисми аввали роман умумияте ҳаст. Ёдгор низ як ҷавони аз оламу одам бехабар ва гирифтори душвориҳо ва маҳрумиятҳо мебошад. Ёдгор ва махсусан Гулнор ба муқобили ҳамаи ин беадолатиҳо эътироз мекунанд, аз ҷумла дар лаҳзаи бурдани Ёдгор аз тарафи ясавул, вале ин эътироз зуҳури эҳсосот аз ҳамин ҳолу вазъият буда, шакли шинохташудаи вазъияти худи қаҳрамононро надорад, яъне Ёдгору Гулнор муборизаи принципиалӣ ва қатъии муқобили намояндаи синфи дигарро шурӯъ накардаанд, вусъати назари худогоҳии онҳо ба ин дараҷа нест.

Дар романи «Дохунда» бобе ҳаст, ки «Оташи ниҳонӣ» ном дорад. Дар ин боб Айнӣ бо тасвири образи эпизодии Абдуллоҳӯҷа табаддулоти маънавии Ёдгорро тасвир мекунад. Мо ҳоло чанде аз суханони революционер Абдуллоҳӯҷаро, бо вуҷуди ба ҳама маълум будани онҳо иқтибос мекунем:

«—Дохунда! — гуфта гап сар кард,— ба «дохунда» гуфтанам қаҳрат наояд, ин як одат шудааст, ки ҳамаи бухориён ҳар кадоми пойбараҳнагони кӯҳистониро «дохунда» мегӯянд, мақсади ман аз «дохунда» гуфтан туро ҳақорат кардан не, балки ман инро ба ту фаҳмондан мехоҳам, ки ба ин наздикӣ, рӯзи фирӯзи дохундагон — пойбараҳнагон ва фақирон мерасад. Ин номҳо бари номҳое, ки далолат ба бечизӣ ва фақирии кас карда, то ҳол сабаби ҳақорат мешуданд, сабаби иззат хоҳанд шуд...

— Дохунда! Ман гумон мекунам, ки ту маънии суханҳои маро нафаҳмида истодаӣ, бинобар ин мехоҳам ба ту дурусттар гап занам, чунончи, пеш аз он ки маро аз ин ҷо мебурданд, ба ту гуфта будам, ки маро ба зудӣ хоҳанд кушт. Ман мехоҳам пеш аз кушта шуданам аз воқеаҳое, ки дар ин наздикиҳо шуданист, туро хабардор карда монам, то ки ҳар чизро фаҳмида дониста пешвоз кунӣ. Аввалаш инро дониста мон, ки саргузаштҳои аз сари ту гузашта танҳо ба сари ту наёмадаанд, бештарини фуқарои музофоти Бухоро, хусу-

сан фақирони кӯҳистонӣ, саргузашти ту барин воқеаҳоро ҳаррӯза аз сар гузаронида истодаанд. Он одамҳое, ки ту дидӣ ва ба пеши чашми худат бо он ваҳшонияте кушта шуданд, касоне буданд, ки ба ҳамин саргузаштҳои шумо изҳори норизоӣ карда, ислоҳ ёфтани ҳукумати амирро орзу мекарданд».[6]

Пеш аз идомаи сухан аз муроҷиатҳои Абдуллоҳӯҷа ба Ёдгор боз чанд ҷумла иқтибос мекунем:

«Аммо ту ҳушьёр бош! Ва тарзе кун, ки то он рӯз — то он рӯзи фирӯзи худро саломат расонӣ. «мо худ нарасидем, ту шояд бирасӣ» ва ба коркунони инқилобӣ ҳамроҳ шуда кор кун! Агар ба он рӯз саломат расидӣ, албатта, ба фирқаи коммунистӣ даро! То ки дар зери роҳбарии он фирқа дар роҳи инқилоб корҳои намоён кунӣ»...[7]

Дар ин суханон, ки аз забони Абдуллоҳӯҷа гуфта шудаанд, тамоми тасаввури мақоми табақавии шахс ба қалам омадааст. Одам дар ҷамъият мансубияти табақавӣ — синфӣ ва ҳатто маҳаллӣ дорад. Муносибати таҳқиромезро ба бечорагони кӯҳистонӣ, албатта, бенавоёни Бухоро не, балки аъёну ашрофи он сохтаанд. Рӯзи фирӯзи дохундагон — пойбараҳнагон мерасад, яъне онҳо аз ин номҳои таҳқиромез, далелҳои пастию нодории моддӣ раҳо меёбанд. Аз ҳама муҳим дар ин суханон он аст, ки инсон аз мартабаи таҳқир ва нописандӣ ба дараҷаи иззату икром хоҳад расид. Шахси инсон ба худии худ арзиш пайдо мекунад ва ин арзиш аз ҷиҳати табдили мақоми ҷамъиятӣ соҳиби эҳтиром шудан аст, на ба сарвату дороӣ расидан. Одам аз маҳдудияти мансубияти табақавӣ ба дараҷаи шахсияти ҷамъиятӣ мерасад. Абдуллоҳӯҷа ба Ёдгор ҳамин фикрро талқин мекунад, ки ӯ бояд мақом ва арзиши ҷамъиятии худро бишиносад, қадру манзалаташро фаҳмад. Ин сарнавишт фақат хоси Ёдгор нест ва насиби ҳазорон бечорагону бенавоҳост. Лекин ба чунин саодат фақат ба воситаи мақоми синфии муайянро ишғол кардан, расидан мумкин аст. Абдуллоҳӯҷа, ки ба чунин дараҷаи истикмоли шахсӣ расидааст, дар назари Ёдгор як тимсоли дастнорас менамояд, ки дар шуҷоату мардонагӣ беҳамтост. Дар ҳақиқат камолоти Абдуллоҳӯҷа на ба тавонони ҷисм ва қудрати кирдор зоҳир

---

[6] С. Айнӣ, Куллиёт, ҷ. 2, саҳ. 233—234.

[7] Ҳамон ҷо, саҳ. 239.

мешавад, балки иқтидори ӯ фақат дар ин аст, ки мақоми ҷамъиятӣ, синфии худро фаҳмидааст ва худро аз ин ваҷҳ қодири корҳои бузург дар низоми олам медонад. Хулоса, Ёдгор ба дараҷаи худогоҳӣ ва шахсияти комили ҷамъиятӣ мерасад. Дар ин маънӣ романи «Дохунда» чун таърихи инкишофи маънавӣ ва процесси худшиносии халқи тоҷик дар арафаи инқилоб ва солҳои аввали хокимияти советӣ ба назар мерасад.

Аз асарҳои дигари устод Айнӣ, бар ҳасби мавзӯи ин баҳс, ба ду асари дигар «Ғуломон» ва «Ёддоштҳо» муроҷиат мекунем.

Романи «Ғуломон»-ро дар якҷоягӣ бо повести «Одина» ва романи «Дохунда» асарҳои сегонаи устод Айнӣ мегӯянд. Ин ақида фақат дар як ҳолат ба ҳақиқат рост меояд: романи «Дохунда»-ро дар ҳақиқат аз ваҷҳе давоми повести «Одина» донистан мумкин аст. Вай аз ҷиҳати мавзӯъ, тасвиру такмили образҳо ва инъикоси шуури ҷамъият повести «Одина»-ро такмил медиҳад. Лекин романи «Ғуломон»-ро шояд аз ягон ваҷҳе давоми романи «Дохунда» донистан раво набошад. Агар романи «Ғуломон»-ро қисми сеюми асари сегона шумурдан мумкин бошад, пас дар ҳамин маънӣ ба ҳақиқат рост меояд, ки дар он нависанда роҳи инкишофи маънавӣ ва мафкуравии дар ду асари мазкур баёншударо аз дараҷаи баландтари фаҳмиши муомилоти ҷамъиятӣ, хислат ва кирдори шахс ба андозаи чуқуртар тасвир кардааст. Ба ин тариқ, дар «Ғуломон» процесси камолоти шахс аз давраи барвақттар ва бо шакли мукаммалтар то ба дараҷаи худогоҳӣ ва шахсияти ҷамъият тасвир шуда, ин мавзӯъро, яъне процесси тасвири худогоҳии шахс ва худшиносии миллиро ҷамъбаст кард. Романи «Ғуломон» ба маънии вазъи шууру мафкура бешубҳа ҷамъбасти повести «Одина» ва романи «Дохунда» мебошад. Се насли ғуломон ин се дараҷаи инкишофи шахс ва камолоти шахсият аз ғуломи ба мансубияти табақавӣ ва фарди мустақили ҷамъият мебошад.

Ниҳоят, «Ёддоштҳо» дараҷаи баландтари тасвири шахсият аст. Образи марказии ин асар — Садриддини хурдсол аз ибтидо чун шахси мустақил ва комилҳуқуқи ҷамъият тасвир шудааст. Бо ҳама душвориҳо вай агар тасвирҳои айёми кӯдакиро ба эътибор нагирем, мақоми ҷамъиятии худро хуб мефаҳмад, рафтору кирдори ӯ тобеи ирода ва мақсади муайян аст, муносибатҳои

мардум, нобаробариҳои ҷамъиятиро мефаҳмад. Гӯё вай барои ин зиндагӣ мекунад, ки тамоми қонуну қоида ва тартиботи ин ҷамъиятро фаҳмида, рӯзе, чи тавре дар ҳақиқат рӯй дод, ҳукмномаи қатъии нестии онро бинависад. Садриддин ҳарчанд мисли қаҳрамонони асарҳояш аз падару модар ятим мемонад, вале вай гирифтори комили маҳрумиятҳо ва шахси ноогоҳ аз вазъияти худ нест. Вай махсусан муносибати табақавии мардум ва аҳволи аҳли заҳматро ба хубӣ мефаҳмад. Ин тарзи тасвир ба замони навишта шудани асар, ки замони нав, инсони навро, инсони аъзои комилҳуқуқи ҷамъиятро ба вуҷуд овард, мувофиқат мекунад. Як қатор образҳои дигари асар, симои шахсони мустақил ва қодир ба корҳои бузурги замону ҷамъиятанд. Аз он ҷумла образҳои Саидмуродхоҷа, Ҳайрат, мулло Амон ва Аҳмади Донишро номбар кардан мумкин аст. Бори дигар ин маъниро бояд таъкид кард, ки образҳои мазкур натиҷаи шуур ва мафкураи ҷамъиятии мо дар солҳои баъди ҷанг мебошад, чунки тасвири шахсияти комили ҷамъиятӣ, чунон ки дар аввал гуфтем, натиҷаи камолоти миллӣ мебошад.

Инъикоси шуури ҷамъиятӣ дар асарҳои Айнӣ, ба ҳамин тариқ асоси синфӣ дошта, ба воситаи тасвири процесси худогоҳии шахс, ба вуҷуд омадани шахсият ва худшиносии миллӣ ба воқеияти бадеӣ табдил меёбад.

Қайд кардан лозим аст, ки худшиносии миллӣ бо ёрии тасвири процесси ба вуҷуд омадани шахсияти ҷамъиятӣ дар асарҳои дигар нависандагони тоҷик низ мушоҳида мешавад.

Масалан, дар достони «Ҳасани аробакаш»-и Мирзо Турсунзода асоси тасвирро ҳамин процесси мураккаби ба вуҷуд омадани шахсияти ҷамъиятӣ, ки бо худшиносии миллӣ вобаста аст, ташкил медиҳад. Ҳасан ҳам камбағал ва хизматгори бой будааст, вале саргузашти вазнини ӯ ба мисли Одина ё Ёдгор тасвир намешавад. Баракс, шахси Ҳасан дар замоне, ки ӯ бо аробакашӣ зиндагии осудаҳолона ва ҳатто фориғболонае бо зуҳуроти ҷапанӣ дорад, тасвир мешавад. Гӯё барои Ҳасан чӣ намерасад, ки зиндагии осуда гузаронад? Ҳамаи гап дар ин аст, ки вай бо ҳама ғурур шахсе аз намояндагони аробакашҳост, яъне мансуб ба гурӯҳи маҳдуди табақавӣ буда, аз як тараф, шахси комили ҷамъиятӣ нест, аз тарафи дигар, ҳисси моликият ин маҳдудияти

ӯро афзун мегардонад. Баъди чанде аз ҳаводис вай ба дараҷаи як инсони комилҳуқуқи ҷамъият мерасад. Ин ҷо низ процесси ташаккули шахсият, ки воситаи ифодаи худшиносии миллист, асоси тасвир мебошад.

Ҳамин маъниро дар повести «Субҳи ҷавонии мо»-и С. Улуғзода ҳам мушоҳида мекунем. Повести мазкур моҳиятан тасвири роҳи сӯи худогоҳӣ мебошад. Дар ин повесть ба мисли асарҳои устод Айнӣ се ҷиҳати асосии зиндагии халқи тоҷик тасвир шудааст: тақдири таърихи халқ, процесси худогоҳии шахс ва худшиносии миллӣ. Дигар асарҳои Сотим Улуғзода низ бо баъзе истисноҳо ҳамин се ҷиҳати асосиро доранд.

Аз мулоҳизаҳои мухтасари боло чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки адабиёти тоҷик бар хилофи тасдиқи душманони мафкуравии хориҷии мо инъикоси ҳамон тарзи шуур ва вазифаҳои азими ҷамъиятиест, ки баъди Революцияи Кабири Социалистии Октябрь дар назди халқи тоҷик меистоданд.

*Соли 1978*

## СУРУДИ ВАТАН

Мирзо Турсунзода, яке аз устодон ва сарварони шеъру адаби кунунии тоҷик, дар мавридҳои гуногун бо шакли шифоҳӣ, дар нутқу сухани расмӣ ва мақолот роҷеъ ба шеъру шоирӣ, мақсаду мақоми ҷамъиятии он изҳори ақида кардааст. Барои омӯзиши ҳаматарафаи ақидаҳои танқидию адабии ӯ ҷамъ овардан ва чоп кардани махсули ба ин мавзӯъ дахлдор лозим аст. Қисми каме аз ин мероси шоир дар ҷилди сеюми асарҳои ӯ чоп шуд, вале ин ҳанӯз, албатта, барои таҳлили пурраи назари адабию танқидии ӯ кофӣ нест.[1] Дар бораи назари адабию танқидии Мирзо Турсунзода чанде ишора ва мақолаҳо низ таълиф шудааст,[2] ки имрӯз онҳо ҳам назари танқидию адабии шоирро ба пуррагӣ фаро намегиранд.

Мақсади мо таҳлили пурраю ҳаматарафаи ақидаҳои адабию танқидии Мирзо Турсунзода нест. Дар ин

---

[1] Мирзо Турсунзода. Куллиёт, ҷ. 3, Душанбе, «Ирфон», 1979.

[2] Ю. Бобоев. Мирзо Турсунзода,—Сталинобод, 1961, саҳ. 258—274.

чо фақат дар бораи мулоҳизаҳои Турсунзода роҷеъ ба шеъру шоирӣ, ки дар ашъораш изҳор доштааст, таваққуф мекунем. Барои чӣ мо аз ҳамаи мероси танқидию адабии ӯ фақат ба он ақидаҳои шоир, ки зимни ашъор баён шудаанд, муроҷиат кардем? Бешубҳа, байни ақидаҳои адабии шоир, ки дар зимни шеър гуфта мешаванд ва онҳо, ки дар мавриде дигар гуфта шудаанд, умумият ҳаст. Дар охири охирон ҳам ин ва ҳам он сухани як кас аст ва дугонагӣ дар ақидаи як шахс ба нудрат ба назар мерасад. Лекин он чи дар шеър гуфта мешавад ба тақозои табъ тавлид шуда, ҳама вақт ба табиати эҷодӣ ва завқи бадеии гӯянда наздиктар аст.

Мирзо Турсунзода дар шеъраш роҷеъ ба эҷоди бадей нисбатан кам сухан мегӯяд. Дар эҷодиёти шоир фақат шеърҳои «Назмро ёд кардам» ва «Шоиро!» холисан ба ин мавзӯъ бахшида шудаанд.

Пеш аз ҳама он чи дар гуфтори шоир, роҷеъ ба ин масъала ба назар мерасад, муносибати ӯ ба мавзӯи тасвир аст. Барои шоири мо мавзӯи асосӣ тасвири Ватан ва зебоии он мебошад. Ба назари шоир ҳусну зебоии Ватан аз доираи қудрати суханварӣ ва имкони тасвир васеътар буда, шоир камолоти сухани худро аз вусъати фаро гирифтани зебоии Ватан иборат медонад. Ба таъбири дигар, зебоии сухан ба андозаи дарбар гирифтани зебоии воқеии Ватан ва умуман муҳити инсон вобаста аст. Дар ин чо вазифаи ҳақиқатбаёнӣ, ё тасвири реалистӣ аз назари зебоӣ ва оҳанги (пафоси) граждани, дар айни ҳол ватанхоҳӣ, тавъам зуҳур намудааст. Шоир дар шеъри «Мамлакати тиллоӣ» мегӯяд:

Ман намедонам чӣ сон тасвир созам бо сухан
Рангу бӯи беназири дилкашатро, эй Ватан?! [3]

Ҳамин маъни, ки шеъри шоир ҳусни Ватан аст ва ин ҳусну зебоии Ватан дар суруди шоир акс шуда, мурғи саҳар ин зебоиро ба дидаи шоир аз суруди ӯ хоҳад дид, дар шеърҳои «Саҳаргоҳон», «Ба пешво» ба таври шоиста тасвир шудааст. Дар шеъри «Саҳаргоҳон» ӯ мегӯяд:

Бишнав овози маро, мурғи саҳар,
То ки аз рози дилам ёбӣ хабар,
То ки ҳамовоз гардӣ субҳдам
Бо суруди мардуми соҳибқалам.

---

[3] Мирзо Турсунзода. Асарҳои мунтахаб. Сталинобод: Нашриёти Давлатии Тоҷикистон, 1961, саҳ. 20.

Гар ту мехоҳӣ, ки андозӣ назар
Дилкушо рӯи Ватанро хубтар,
Ҳар саҳар болу паратро боз кун,
Бо суруди шоирон парвоз кун! [4].

Вазифаи шоирию инсонӣ, тасвири зебою ҳаққонии Ватан ва дигар зебоиҳои муҳити инсон, ки инъикоси онҳо басо душвор аст, ва шоир инро дар шеъри «Боғи муаллақ» ҳам бо ин байт таъкид кардааст:

Дидаам дар Бамбай боғи муаллақ чун биҳишт,
Бо қалам тасвири онро кай тавонад кас навишт.[5]

Акнун худ аз худ масъалаи мақсади шоирию суханварӣ ба миён меояд. Ба ақидаи Мирзо Турсунзода, ҳамон навъе дар шеърҳояш мегӯяд, шеър пеш аз ҳама суруд аст, суруди озодист, ки онро шоир аз дилу ҷон месарояд:

Ман ҳам аз ҷону дил дар ин водӣ
Месароям суруди озодӣ [6].

Шеър «Суруди сулҳ» ҳам ҳаст, ки яке аз шеърҳои шоир ҳамин унвонро дорад. Дар шеъри «Ба бародарони қазоқ» шоир мегӯяд, ки солҳои сол шоирон ба умеди иқболи нек шеър месуруданд. Шояд расми деринаи қазоқӣ, ки офариниши шеър дар шакли суруд буд, дар ин мавриди аз назари шоир дур набудааст.[7] Бо вуҷуди ин, маънии «суруд» дар ин ҷо ҳам ба фаҳмиши умумии он аз тарафи шоир мувофиқ омадааст. Суруд дар сухани Мирзо Турсунзода ба маънии ваҳдати шеъру оҳанг, ки сароянда ё овозхон ба ҷо меорад, нест. Суруд ин шеър аст, ки дар он чизе васф мешавад ва аз ин ҷо сароянда‍гӣ ин тасвире бо тавсиф ва ситоиш аст. Дар мисраъҳои поён суруд ба маънои сурудаи шоир, яъне шеър аст:

Эй суруди ман, саҳар парвоз кун,
Дар деҳоту шаҳрҳо парвоз кун.
Фурсатеро ҳам мадеҳ аз дасти худ,
Пеш рав бо зиндагонӣ зуд, зуд! [8]

---

[4] Ҳамон китоб, саҳ. 92.
[5] Ҳамон китоб, саҳ. 110.
[6] Ҳамон асар, саҳ. 53.
[7] Ҳамон асар, саҳ. 156.
[8] Ҳамон асар, саҳ. 193.

Вакте дар шеъри «Суруди сулҳ» шоир мегӯяд, ки «Месароям ман суруди сулҳро бо хуни дил, Бо тапиданҳои бероми рӯзафзуни дил» маҳз ҳамин маънӣ аз ин гуфтор ҳосил мешавад.[9] Шояд шеърро шоир барои он суруд меўяд, ки суруд, на фақат сароидан дар маънои боло аст, балки вай ба шунаванда, хосса ба гӯши ҳушу завқи ӯ равона шудааст. Ин тарзи фаҳмиши шеър дар адабиёти тоҷик чизи навест ва натиҷаи инкишофи ин адабиёт дар замони советӣ мебошад. Дар ин ҷо як масъалаи дигар ба миён меояд, ки зоҳиран ба хулосаҳои мо зид мебошад. Шеърҳои зиёдеро аз ашъори Мирзо Турсунзода оҳангсозону сароядагони халқ ба оҳанг даровардa, бо савту соз мехонанд. Бо вуҷуди ин, Мирзо Турсунзодаро мо шоири сурудгӯй гуфтан наметавонем. Шеъри Турсунзода бештар майли тасвири ҳиссию таҳкиявӣ дорад. Ин навъи баён барои суруди тоҷикӣ мувофиқ нест. Маъмулан таронаи тоҷикӣ таҷаллии ҳиссу андеша мебошад. Бинобар ин Турсунзода сурудро ба маънои ситоишу васф мефаҳмад. Сароидан фаъолияти маънавии шахс буда, таҳрики нафсонии ин шахс бояд аз муҳаррика вобаста бошад. Дар ин маънӣ суруде, ки Мирзо Турсунзода мегӯяд, ҳамон фаъолияти эҷодкории шоир буда, дар асоси табъ ва бо тақозои маънавиёт ба муҳит гуфта мешавад. Ба ақидаи мо, фақат аз ҳамин тарзи фаҳмиши шеър услуби эҷодии Мирзо Турсунзодаро дуруст омӯхтан мумкин аст.

Шеър, ки сурури шоир аст, барои шунаванда чӣ гуна арзиш дорад? Дар шеъри мазкури «Суруди сулҳ» шоир баъди таъкиди «бо тапиданҳои бероми дил» сурудани сулҳ мегӯяд:

> То яроқи тез гардида ба дасти дӯстон,
> Ҷангҷӯёнро кунад шармандаи рӯи ҷаҳон,
> Дӯстони сулҳро то бахшад он илҳоми нав,
> Минбари нав, нутқи нав, аз фатҳи нав, пайғоми нав[10].

Аз ин ҷо маълум мешавад, ки суруди шоир як навъ силоҳи дасти дӯстон, мунодии илҳоми нави онҳо мебошад. Силоҳи шоир будани сухан дар шеъри «Саҳаргоҳон» (Эй сухан, гар ту яроқи шоирӣ), инчунин дар мисраъҳои зерини достони «Ҷони ширин» сабт шуда-

---

[9] Ҳамон асар, саҳ. 163.
[10] Ҳамон асар, ҳамон саҳифа.

аст, ки дар онҳо сухан аз рӯзгори ноҳинҷори шоири покистонӣ Файз Аҳмади Файз меравад:

Борҳо ин мард зиндон дидааст,
Дар сари мӯ бозии ҷон дидааст.
Рӯ ба халқу кишвари маҳбуб кард,
Марги беинсофро мағлуб кард.
Табъ сарбозу қалам шамшер шуд,
Посбонаш назми оламгир шуд.
Адлҷӯён ӯ ҷаҳонгардӣ кунад,
Дар адои карзи худ мардӣ кунад[11]

Ақидаи силоҳи шоир будани шеър дар байни аҳли адаби мо аз замонҳои қадим маълум буд. Масалан, дар ҳаҷвияи машҳури Фирдавсӣ ба султон Маҳмуд, дар мавриди ранҷишу озурдагӣ аз шеър ҳамчун яроқ истифода кардани шоир таъкид шудааст. Лекин шояд тафовут аз гузашта дар он бошад, ки сухани шоир имрӯз силоҳи шахсии ӯ не, балки яроқи дасти дӯстон аст. Аз ин воситаи тавоно ҳамаи дӯстон низ истифода хоҳанд кард.

Он чи дар боло гуфтем, назари шоирро ба шеър фаро мегирад. Акнун ба таври мухтасар роҷеъ ба ақидаи ӯ дар бораи шахсияти шоир таваққуф менамоем. Барои он ки шоир ба баландтарин зинаҳои камолот расида бошад, табъи равон, қудрати суханварии Рӯдакивор лозим буда, дар сари ҳар мисрае дил хун кардан лозим аст. Ин маънӣ ҳарчанд дар шеъри мо нав нест, таъкиди душвории суханварӣ ва идеал будани суханварии Рӯдакӣ нишон медиҳад, ки шоир анъанаҳои адабии гузаштаро дар камоли маҳорати эҷодӣ тақвият медодааст. Дар шеъри «Марҳабо», ки ба духтари ӯзбек бахшида шудааст, ӯ мегӯяд:

То сухан чун қоматат мавзун шавад,
Дар сари ҳар мисрае дил хун шавад.
Кошки табъи равон медоштам,
Рӯдакиқудрат забон медоштам,
Менавиштам ҳусну алтофи туро,
Рӯи некӯву дили софи туро[12].

Нуктаи назари Мирзо Турсунзода роҷеъ ба шахсияти шоир асосан дар шеъри «Шоиро!» тасвири шоис-

---

[11] Мирзо Турсунзода. Ҷони ширин.— Душанбе, Нашриёти Давлатии Тоҷикистон, 1963, саҳ. 49.
[12] Мирзо Турсунзода. Асарҳои мунтахаб.— Сталинобод, 1961, саҳ. 211.

тае ёфтааст. Ин шеър аз чиҳати рафти маънавии абьёт ва пайванду ваҳдати ҳиссиёти гӯянда, ба назари мо, яке аз асарҳои шоёни Мирзо Турсунзода бояд дониста шавад. Дар шеъри Турсунзода аз як мавзӯъ ба мавзӯи дигар гузаштан ва умуман тасвири мусалсали воқеоту ҳолатҳо яке аз зуҳуроти услуби тасвир мебошад. Шеъри мазкур ин хусусиятҳоро надорад. Ба назар чунин менамояд, ки шеъри «Шоиро!» бар бадеҳа, дар як муддати кӯтоҳ суруда шудааст. Мо ҳоло шеъри «Шоиро!»-ро иқтибос мекунем:

Шоиро, аз сӯхтан дорӣ хабар,
Пас, макун аз оташи сӯзон ҳазар!
Сӯхтан пӯлоду оҳан офарад,
Аз шароре тоза гулхан офарад.
Пурҳарорат гар намешуд офтоб,
Зиндагӣ мегашт аз сармо хароб.
Бе ҳарорат санг буду дил набуд,
Гӯша буду пурсафо манзил набуд.
Бе ҳарорат не дамидан буд расм,
Не шукуфтан, не расидан буд расм.
Бе ҳарорат дар лабонат ханда нест,
Хандаи чун машъали тобанда нест.
Шоиро, аз сӯхтан ҳаргиз манол,
Сӯхтанро дӯст медорад висол,
То насӯзӣ, сохтан мушкил бувад,
Дил ба чонон бохтан мушкил бувад.
Шеър ҳам бояд занад фавворае
Аз танӯри дил, чу оташпорае,
Сар занад аз дил, ба дил коре кунад,
Нармтар сангин дилн ёре кунад.
Ер донад, ки чӣ бошад сӯхтан,
Дар вафодорӣ сабақ омӯхтан,
Шоиро, аз сӯхтан дорӣ хабар,
Пас, макун аз оташи сӯзон ҳазар! [13].

Дар ин чо образи марказӣ ё мавзӯи асосӣ «сӯхтани шоир» аст, ки шоир, ба назари Турсунзода, бояд аз он огоҳ бошад ва ҳазар ҳам накунад. Албатта, ҳеч кас гумон намебарад, ки мурод аз «сӯхтан» оташ гирифтани чисми шоир бошад. Ин калима дар шакли «сӯхта» мачозан ба маънии «касе, ки ишқу сӯзе дар ӯ бошад», инчунин очизу дармонда ва дар шакли сӯзишу сӯзон ба маънии аламу ғаму андӯҳ ҳам меояд. Хусрави Деҳлавӣ мегӯяд:

Ҳар сабру қаноат, ки дили сӯхтаро буд,
Андар шикани силсилаи ҳам ба ҳамаш рафт.

---

[13] Мирзо Турсунзода. Чони ширин, саҳ. 5—6.

Дигар, аз Убайди Зоконӣ:

Шефтаро дилнавоз, дилшударо ногузир,
Сӯхтаро дастгир, ғамзадаро ғамгусор [14].

Ба назари мо «сӯхтани шоир», ки Мирзо Турсунзода мегуяд, ҳамаи ин маъниҳоро дарбар мегирад. Аммо тасдиқи ин ҳақиқат асли маънои бадеии шеърро намекушояд. Ишқу сӯзу ғаму андӯҳ, ки шоир дорад, барои ҷамеи афроди башар хос аст. Дар ин маънӣ шоир фарде аз афроди башар аст ва барои ӯ ҳам табиати инсонии инсонҳо бегона нест. Сӯхтанро мумкин аст, ки як ҳолати шоиронаи вобаста ба табъи шоир бидонем, вале ин ҳам фақат тасдиқи ҳақиқате буда, сабаби ин ҳолатро намекушояд. Аз мисраъҳои минбаъда маълум мешавад, ки пӯлоду оҳан офаридаи низ маҳсули сӯхтан буда, ҳатто олами вуҷуд маҳсули гармии Офтоб аст. Сӯхтани шоир воситаи офариниш аст, қудрати эҷоду суханварӣ ба ҳамин сӯхтан вобаста мебошад. Ҳама зуҳуроти зиндагӣ чун дил, ки аз санги сокит бо сӯхтан фарқ дорад ва шукуфтану ханда дар лабҳо, ҳама ба илқои гармию сӯхтан зиндаанд. Хулоса, ба ақидаи шоир ҳамаи ҳақиқати вуҷуду офариниш маҳсули сӯхтан мебошад. Лекин чӣ гуна сӯхтан аст, ки дунъёи мавҷудот меофарад ва хосияту қудрати офаридан дорад?

Сӯхтан, мо гуфтем, ки ин сӯзу гудоз ва шуру шавқ аст. Шӯру шавқ касе дорад, ки ба сӯи мақсаде, орзуе ҳаракат мекунад, ки инро дар истилоҳ иштиёқ ё идеал мегӯянд. Сӯхтан талаб ва тақозои инсон барои донистан аст. Он чи барои инсон дастрас аст, илтифот ба сӯи он камтар аст. Сӯхтан ба худ қонеъ набудан ва аз худ қаноат накардан аст. Шӯру шавқ умеду орзуро мепарварад. Барои ҳамин Мирзо Турсунзода таъкид мекунад, ки шоир бояд шӯру шавқи сӯзон дошта бошад, то ки ба бозъёфту маърифати ҳақиқатҳо қодир гардад. Вай аз ин ҳолати сӯзони шоирона, ҷӯшиши табъ ва шӯру шавқ набояд барҳазар бошад. Ин маънӣ, ки асоси шоирӣ шуру шавқ аст ва иштиёқи маърифат болу пари шоир мебошад, бо шеъри «Таронаи ишқ» низ тасдиқ мегардад:

---

[14] Фарҳанги Амид, таълифи Ҳасани Амид, чопи саввум.— Теҳрон, 1347, саҳ. 628; Фарҳанги забони тоҷикӣ.— М., 1969, ҷ. II, саҳ. 287—288.

Шоири беишқ мурғи бепар аст,
Бехарорат моху бечон пайкар аст.
Шоиронро ишқ Хотам мекунад,
Сарбаланди чумла олам мекунад.
Ишқ онхоро ба чунбиш оварад,
Дар сари майдони санчиш оварад.
Катрае хохй агар, дарьё диханд,
Гушае хохй агар, дунъё диханд;
Гар намояд ёр як назорае,
Шоир орад аз фалак сайёрае.
Ёр агар гўяд ба оташ зан, занад,
Чох бо сар кан агар гўяд, канад
Гар навозад, ғунчаи хандон шавад,
Гар бичангад, тифлаки гирьён шавад.
Ғамзае, ки дилбари танноз кард,
Шоиронро банда дар Шероз кард.
Холи хинду мулки дилхоро гирифт,
Хам Самарканду Бухороро гирифт [15].

Шеърхои «Шоиро!» ва «Таронаи ишқ» дар соли 1962 навишта шуда, аз чихати кайфияти маънавй ба якдигар қаробат доранд. Маънии ишқ дар ин шеър ба фахмиши он дар шеъри классикй хеле наздик аст. Ба шеъри Хофиз ишора кардани шоир дар ду байти охирини иктибоси боло низ далолат ба хамин маънй мекунад. Шўру шавқ процесси худшиносй ва маърифати бадеии шоир аст, бо ин рох вай аз қайди сукунату бепарвой баромада, химмати бузург дар рохи мақсадхои олй мегуморад. Ин кўшишу саъй ба сўи зебой, маърифат аз рохи шавқ ва тасдиқи зебоию зебопарастй мебошад, ки онро маромномаи шоирй гуфтан равост. Хулоса, он сўхтан, ки шоир меўяд, шурў шавқи шоирй, асоси маърифати шавқию шоиронаи зиндагй мебошад, ки сиришти шоирй ва камоли эчодй ба он вобаста аст.

Мо дар боло гуфтем, ки дар байни ахли адаб шахси дар ин ё он маврид рочеъ ба касби худ изхори ақида накарда кам аст. Аксари суханварон рочеъ ба шеъру шоирй изхори ақида карда, гумон мебаранд, ки асли мохияти эчодиро кушодаанд ва ё сухан аз хамон асл мегўянд. Дар хақиқат ин тавр нест. Мулохизаи шоирон дар бораи эчоди бадей умуман ва эчодиёти худ аз он чумла, дар аксари мавридхо ба услуби шахсии онхо дахл дошта, барои кушодани сабки сухани онхо имконият фарохам меорад. Зимнан як чизро бигўем, ки дар солхои охир шоирон ва махсусан чавонон ба ин мавзўъ бисьёр мурочиат мекунанд ва ин чунин маъно до-

[15] Мирзо Турсунзода. Чони ширин, сах. 9—10.

рад, ки онҳо роҳу равиши эҷодии худро дуруст муайян накарда, дар ҷустуҷӯи сабки хоси сухан мебошанд. Вақте ки шоир дар бораи моҳияти эҷоди бадеӣ сухан мегӯяд, бо тақозои табъу мақсади эҷодӣ муносибаташро ба воқеияту ҳодисот орзую ниятҳои эҷодӣ, камолоти суханварӣ ва ғайра баён менамояд. Мирзо Турсунзода дар шеърaш, чи тавре ки гуфтем, роҷеъ ба мақсаду вазифаҳои эҷодӣ кам сухан рондааст. Сабаби асосӣ, ба назари мо дар ин аст, ки ӯ мақсад ва вазифаҳои эҷодия худро хуб медонист, вазифаю шахсияти шоир барои ӯ равшан буд. Бинобар ин, мулоҳизаҳои ӯ роҷеъ ба мақсаду вазифаи шоирӣ ва шахсияти шоир ба шахсияти эҷодии ӯ комилан мувофиқат доранд.

*Соли 1981*

## АНЪАНА ВА САБКИ СУХАНИ ШОИР

Яке аз масъалаҳои асосии адабиётшиносии имрӯзаи тоҷик таҳқиқи услуби эҷодии нависандагон мебошад. Мутаассифона, кори таҳқиқи услуби адабии нависандагони мо ҳанӯз аз доираи ишора ва қайдҳои парокандa беруи нарафтааст. Яке аз роҳҳои омӯхтани услуби адабии нависандагон таҳқиқи анъанаҳо ва ҷиҳатҳои хоси он дар эҷодиёти ҳар як адиб мебошад. Услуби баёни адиб натиҷаи таҷрибаи зиндагию адабӣ, маҳорат ва вусъати ҷаҳонбинии ӯ мебошад. Таҷрибаи адабиёти миллӣ, ганҷинаи адабию маънавии халқ воситаест, ки ба услуби хоси нависанда халал нарасонда, бо ин ё он роҳ дар эҷодиёти ӯ зоҳир мегардад. Бинобар ин услуб тарзи ифодаи зуҳури фардияти қалами ӯ дар саҳифаи дурахшони адабиёти миллат мебошад. Яке аз симоҳои намоёни адабиёти муосири тоҷик Мирзо Турсунзода дорои услуб ва тарзи баёни худ мебошад. Фаъолияти эҷодии Мирзо Турсунзода дар солҳои аввали сохтмони азими социализм сар шуда бошад ҳам, қудрату тавоноӣ ва маҳорати ӯ дар шеър фақат дар солҳои баъди ҷанг пурра равшан шуд. Давраи камолот ва зуҳури хусусиятҳои асосии сабки ӯ ҳам ба ҳамон замон рост омад. Бинобар ин, сабки эҷодии Мирзо Турсунзода ҳама вақт якрангу якнавохт набудааст.

Мафҳуми услуб, ки фардияти эҷодии нависандаро аз ҷиҳати забону шакли асари адабӣ дарбар мегирад, тарафҳои мухталифи таҳқиқу омӯзиш дорад. Бинобар

ин, таҳқиқи услуби адиб, анъанаҳои эҷодиёти ӯ доманаи васее дорад, ки ҳамаи онҳо дар дохили як мақола намеғунҷад. Мақсади мо дар ин мақола ба баъзе тарафҳои услубии эҷодиёти шоир аз назари муносибат ба анъанаҳо ишора кардан мебошад.

Нақидон ва тадқиқгарони сухани М. Турсунзода дар хусуси ашъори силсилаи «Қиссаи Ҳиндустон» таваққуф карда, дар шаклу мазмуни он тозагию навии чашмрасе мушоҳида кардаанд. Ба вуҷуди ин, тасдиқҳо бо як назари зоҳирӣ тозагию навии ин ашъорро мушоҳида кардан душвор аст. Ҳамаи онҳо бо вазни арӯз ва дар шакли маснавӣ гуфта шудаанд. Агар ашъори мазкур дар воқеъ вазну қофияи анъанавӣ дошта бошанд, кадом ҷиҳатҳои шакл, ё мазмуну шакли онҳоро нав гуфтан мумкин аст?

Роҳи осонтарини масъала гӯё муқоисаи ин шеърҳо бо осори классикист. Чӣ гуна душворие дар ин кор аст, агар мо ин шеърҳоро бо намунаҳои шеъри классикӣ муқоиса кунем ва ҳар он чи собиқа надошта бошад, наву тоза шуморем. Лекин моҳияти масъаларо ба муқоисаи зоҳирӣ ҳал кардан мумкин нест ва инро мо дар поён мебинем. Хусусиятҳои сифатан нави силсилаи «Қиссаи Ҳиндустон»-ро аз таркиби маънoю шакли онҳо ҷустуҷӯ кардан лозим аст. Барои мисол мо ба мисраъҳои зерини шеъри «Боғи муаллақ» муроҷиат мекунем:

Дидаам дар Бамбай боғи муаллақ чун биҳишт,
Бо қалам тавсифи онро кай тавонад кас навишт.
Боғ сабзу
Акси он рӯзу шабон дар об сабз,
Дар даруни об гӯё шӯълаи маҳтоб сабз,
Дар лабони хубрӯён ханда ҳусни дигар аст,
Ҷилваи ин боғ ҳам дар нозукӣ нозуктар аст.
Рӯбаҳу оҳуву фил аз навдаҳо сабзидаанд,
Ҷонварон дар баргҳо тасвири худро дидаанд.
Бофта қолини сабз аз сабзаҳо дасти ҳунар,
Бар рухи ҳар барг шабнам медурахшад чун гуҳар.
Дидаам ду боғ man,
Ду гунбази сабзу кабуд,
Дар баландӣ он якею
В-он дигар дар об буд [1].

Аз нуқтаи назари тарзи тасвир ин мисраъҳо комилан ба равиши шеъри классикӣ гуфта шудаанд. Дар онҳо

[1] Мирзо Турсунзода. Асарҳои мунтахаб, ҷ. 1, Душанбе, 1962, саҳ. 127.

зебой ва тароватн махсуси як манзараи зебои Ҳиндустон тавсиф ёфтааст.

Агар боз аз назари зоҳир ба ин шеър наздик шавем, мегӯем, дар вай тавсифи зебоиҳои табиат ва дастранҷи инсон, ки барои адабиёти гузаштаи мо ва дигар халқҳо бегона нест, тасвир шудааст. Дар адабиёти мо тасвири тавсифии зебоиҳои табиат хеле барвақт шурӯъ шудааст ва намунаҳои олие дорад. Ин порчаро, дар сурати бо ҳамин анҷом ёфтани шеър, як асари лирикии хубе донистан мумкин аст. Акнун давоми ҳамин шеърро мутолиа мекунем:

Ногаҳон аз Ғарб омад киштии бегонагон,
Гашт вайрон акси боғи сабз аз ин бори гарон.
Е ба ҳинду инглисҳо меҳрубонӣ мекунанд?!
Обҳои хоки онро посбонӣ мекунанд?
Ҳаргиз ин сон нест,
Ҳаргиз!
Нест ин сон,
Ҳеҷ гоҳ!
Балки биншастаст мисли доғ дар рухсори моҳ [2].

Ин қисмати шеър чизи тамоман дигар аст. Байти «Ногаҳон аз Ғарб омад киштии бегонагон, Гашт вайрон акси боғи сабз аз ин бори гарон» тамомияти қисми аввали шеърро барҳам мезанад. Он кайфияти рӯҳие, ки аз тасвири зебоии табиат — боғи муаллақ пайдо шуда буд ва он осоиши рӯҳӣ яку якбора ба ташвишу ҳаяҷон мубаддал мегардад. Шоир аз эзоҳи муфассал худдорӣ мекунад ва чунин эзоҳ кайфияти тасвири шоиронаро ҳам мерабуд. Ба ҷои ин вай ба нидоҳои риторикӣ мегузарад ва бо тамоми шиддати рӯҳӣ хилофи зебоии ҳақиқӣ будани истисмори халқеро аз тарафи аҷнабиён таъкид мекунад. Яъне шоир аз тавсифи бевоситаи зебоии боғи муаллақ ба воситаи байте, ки онро ба таъбири гузаштагон «байти баргардиш» (тахаллис) номидан мумкин аст, як гардише мекунад. Акнун мулоҳиза кунед, ки чунин тасвир чӣ тозагие дорад ва дар он чӣ чизи анъанавӣ аст? Барои шеъри гузаштаи тоҷик тағйири мавзӯъ дар дохили як шеър чизи бегонае нест ва дар ин маврид пеш аз ҳама тарзи тасвир дар қасида ба хотир меояд. Аммо дар ин шеъри Мирзо Турсунзода таъсири қасидаи классикиро дидан ва аз он нишонаҳои қасидаҳоро ҷустуҷӯ кардан дуруст намебуд.

---

[2] Ҳамон асар, 127—128.

Дар ин шеър мо аввало тасвири тавсифии лирикӣ ва баъд публицистиро мушоҳида мекунем. Ин усули тасвир, албатта, бо касида ҳеҷ гоҳ нисбат надошт. Ҳар чанд ки дар он ҷо ҳам истисноҳо ҳаст. Баъд, тағйири мавзӯъ дар навъҳои гуногуни мусамматҳо низ ҳаст, лекин бо як сабаб шеъри Мирзо Турсунзода бо онҳо ҳам қобили муқоиса нест. Дар мусаммати классикӣ бо тағйири бандҳо тарзи тасвир дигар намешавад ва аз ин ҷо пайдост, ки шеъри Мирзо Турсунзода эҳтиёҷ ба муқоисаи сатр ба сатр бо онҳо низ надорад. Агар мо ин силсилаи муқоисаҳоро давом диҳем, тез-тез тағйир ёфтани воқеа ва вазъиятҳо дар нақлу ривоят ва қиссаҳои даҳонию китобӣ низ ба хотир мерасад, вале дар онҳо дигар шудани образҳо ба усули офаридани типҳо вобаста аст. Мо монандиеро дар аксар анвои шеъри классикӣ ба ин шеъри шоир ҳис мекунем, вале ин монандиҳо ба дараҷае нест, ки «Боғи муаллақ»-ро ба ин ё он навъи шеъри классикӣ ба куллӣ мутааллиқ бидонем. Пас, андеша ва хулосаи саҳеҳ магар ин нест, ки шеъри зикршуда дар рӯҳия ва завқи солҳо парваридаи шеъру адаби тоҷикӣ офарида шуда бошад ҳам, тарзи ифода дар он тамоман нав аст. Мо байти охирини шеърро ҳанӯз иқтибос накардаем ва ҷузъиёти онро пурра таҳлил накарда, ҳуқуқи хулосабароварданиро надорем. Инак, байти охир:

Ин чӣ найранг аст, ки дар зери боғи дилписанд
Дар Халиҷи Бомбай байроқи Амрико баланд?! [3]

Ин байт бо назари рӯякӣ ва ҳатто бо маънои худ ба абёти боло ҳеҷ нисбате надорад. Лаҳзае тасаввур мекунем, ки мо ҳолату мавзеи тасвир, яъне Ҳиндустонро ҳангоми навиштани ин шеър намедонем. Дар он сурат ҳақиқатан ҳам робитаи ин байтро бо байтҳои боло пай бурда наметавонем. Чӣ, ин ҷо магар бедиққатие аз тарафи шоир рӯй додааст, ё ҳақиқати масъала дар ҷои дигар аст? Охир алоқаи «байти баргардиш» бо абёти минбаъда ҳам гӯё чандон мустаҳкам нест.

Барои он ки сабаби чунин беробитагии зоҳирии абётро фаҳмем, маҷбурем, шеърро бори дигар аз аввал то ба охир дида бароем. Хонандаи мо албатта донист, ки ҳар чи мо дар боло гуфтем, сухане аз тарзи

---

[3] Ҳамон ҷо.

баёни гуфтори шоирона, яъне шакли шеър буд. Акнун ба мавзӯи баҳс аз ҷиҳати маънӣ назаре меафканем.

Дар назари аввал қисми якуми шеър тасвир ё тавсифи объективии воқеият буда, ҳолати гӯянда ба ҷуз ҳусни таваҷҷӯҳ ва назари мушоҳидачӣ зуҳуроти дигаре надоранд. Албатта, ҳангоми мутолиа лапиши саволомезе қалби моро таҳрик медиҳад, ки он чи шоир мегӯяд, барои чист? Ин ҷунбиши саволомез зиддияти ниҳониеро дар замири гуфтор ва шахси гӯянда, ки нисбат ба ин ҳолат бетараф аст, дар назар дорад. Шоир аз ҷиҳати кайфияти маънавии лирикӣ фақат изҳори қаноатмандӣ менамояд. Айни ҳамин ҳолат тақозои давом додани шеърро дорад. Эҳсоси фараҳ ва қаноат ҳама вақт дар замири худ тағьиру табдилеро ба сӯи ҳаводиси ногувор ниҳон дорад. Чунин ҳолати рӯҳии инсон воқеан ҳам вуҷуди тӯлоние надорад. Дар амал, яъне дар ин шеър табдили ҳолати рӯҳӣ низ монанди асли пайдоиши он вазъи шуур ба ҳаводиси олами зоҳир вобаста аст. Ногаҳон киштии бегонагон омада, тамоми он муҳитеро, ки чунин ҳолати рӯҳиро тавлид карда буд, дар айни замон ҳамин ҳолати рӯҳиро низ, тағьир медиҳад. Баёни минбаъдан шоир аз мурочиатҳои пуршиддат, ки англисҳо ба мардуми ҳинду некӣ намекунанд, иборат аст ва мисраи «Балки биншастаст мисли доғ дар рухсори моҳ» тазоди воқеӣ ва рӯҳӣ бо тасвири шоиронаи ихтилофи сафои рӯи моҳ ва доғҳои он ҷамъбаст нашудааст. Тамоми ин тазодҳоро шоир дар байти охир бо муҳокимае, ки дар шакли суол аст, ба итмом мерасонад. Шоир бо ин гуфтанист, ки он номувофиқии низоми ҳастӣ ва маънавӣ ба итмом нарасида ва аз паи он боз ногуворииҳоро ҳама вақт бояд дар назар дошт. Муҳимтарин чизе ки ин ҷо аз лиҳози тасвир ҳаст, пайвастагии ҳолати муайяни лирикӣ ва тасвири воқеии предметист. Аз ҷиҳати шакл ва мазмуни ифода дигар шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон» низ бо ҳамин равиш гуфта шудаанд. Гоҳо иштибоҳан муҳаққиқони шеъри М. Турсунзода мазмуни лирикии шеърро бо тасвири воқеияти предметӣ омезиш додаанд. Дар натиҷа аз мутолиаи онҳо тасавvуроте пайдо мешавад, ки гӯё шоир фақат воқеанигори маҳз аст.

Аз мулоҳизаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар шеъри Мирзо Турсунзода тобишҳои рӯҳӣ дар як шеър аз ибтидо то интиҳо якрангу якнавохт набуда, кайфиятҳои мухталиф, мисли қаноатмандӣ, норизоӣ,

қаҳру ғазаб ва ғайра пайваста дар шеър тасвир шудаанд. Ин гуна тарзи тасвир бо баъзе истисноҳо бешубҳа барои шеъри классикӣ хос нест. Асоси он бо решаҳои усули тафаккури бадеии реалистона дар шеъри замони нав вобастагӣ доранд. Аз шоирони советии тоҷик пеш аз Мирзо Турсунзода аз ҳама афзунтар Пайрав ба ин равиш шеър гуфтааст, лекин дар шеъри ӯ парвози романтикии хаёл ва тасвир пурқуваттар аст.

Ба ин тариқ, яке аз хусусиятҳои шеъри Мирзо Турсунзода таҳаввулоти динамикии композицияи шеър мебошад. Тағйиру таҳаввул одатан гузаштан аз тасвири табиату манзара, васф ва ҳиссиёту ҳаяҷоноти лирикӣ ба баёни бевоситаи ҳиссиёт ва публицистика рӯй медиҳад. Ин тарзи тасвир натиҷаи фаҳмиши муайяни эҷоди бадеӣ ва инъикоси воқеият дар шеър мебошад.

Муҳаққиқони эҷодиёти Мирзо Турсунзода яке аз хусусиятҳои асосии шеърия шоир — истифодаи тазод ва тасвирҳои муқобилро медонанд. Масалан, Соҳиб Табаров мегӯяд:

«Дар байни шоирони муосири тоҷик ҳеҷ касе ба мисли Турсунзода ин санъати бадеиро чунин устокорона ҳамчун яке аз хусусиятҳои услуби эҷодии худ кор фармуда натавонистааст ва дар ин масъала ӯ устои ягона мебошад».[4]

Муҳаммадҷон Шукуров силсилаи шеърҳои ҳиндустонии шоирро таҳлилу тавсиф намуда, мегӯяд, ки аксари ин ашъор дар худ навие доранд. Сипас, муаллифи мақола, зайли намуна, шеъри «Меҳмони мағрибӣ»-ро таҳлил кардааст. Таҳлили сохти ин шеър дар ҳаҷми панҷ саҳифа як навъ тасдиқу намоиши фикри зерини муаллиф мебошад:

«Буньёди ин асар аз аввал то охир бар тазоду муқобила аст. Лекин тазодҳои шоир тазодҳои тафсилӣ буда, ҳар кадоми онҳо як қисми калони шеърро ташкил менамояд».[5]

Азбаски шеъри мазкур ҳамчун намунаи шеърҳои ҳиндустонии шоир таҳлил шудааст, метавон гуфт, ки ин ақидаи муаллиф ба дигар шеърҳои ин силсила низ дахл дорад ва дар воқеъ ҳам ҳамин тавр аст.

Ин ҷиҳати эҷодиёти шоир аз назари Ю. Бобоев ҳам дар канор намондааст. Ӯ дар боби «Анъана ва навова-

[4] С. Табаров. Ҳаёт, адабиёт, реализм.— Д., 1966, саҳ. 215.
[5] М. Шукуров. Анъана, ҳақиқат ва маҳорат.— Д., 1964, саҳ. 115.

рӣ»-и китоби «Мирзо Турсунзода, ҳаёт ва эҷодиёти ӯ» оид ба тазоду муқобила дар эҷодиёти шоир чунин изҳори ақида менамояд:

«Яке аз усулҳои бадеие, ки Турсунзода аз қадамҳои аввали эҷодии худ онро дӯст медорад, санъати тазод аст.[6]

Баъд аз ин муаллиф, дар асоси гуфтаҳои худи шоир, таъсири муайяне доштани бадеиёти маснавии «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Низомиро ба достони «Офтоби мамлакат» қайд карда, зайли намӯна, бар сабили муқоиса ду порчаи себайтиро аз ин достонҳо меорад. Фақат бо таъкиди «санъати дӯстдошта» албатта моҳияти масъала равшан намешавад. Гузашта аз ин, муллиф ба хулосае омадааст, ки Турсунзода онро дар достони худ «ба таври механикӣ» кор фармудааст ва бо ҳамин лаҷоми сухан ба тарафи дигар кашида мешавад, ҳол он ки таъбири «санъати дӯстдошта» муҳаққиқро ба тадқиқи чуқуртари масъала водор мекунад.

Истифодаи санъати тазодро дар шеъри М. Турсунзода З. Г. Усмонова низ таъкид намуда, ба баъзе сарчашмаҳои адабии шоир дар истифодаи ин усули тасвир низ ишораҳо дорад. Аз ҷумла ин муаллиф тасдиқ менамояд, ки тасвири муқоисавӣ бунёди достони «Садои Осиё»-ро ташкил додааст.[7]

Аз ин тафсилот маълум мешавад, ки санъати тазоду муқобила дар эҷодиёти шоир мавқеи намоёнро ишғол карда, ҷузъи муҳимми услуби эҷодии ӯ қарор гирифтааст. Ҳамчунин тазод дар дохили абёти ҷудогона набуда, балки бандҳои бутуни шеърро дарбар гирифта, композицияи бисёр асарҳои шоир низ бо ҳамин усул сохта шудаанд. Бинобар ин, санъати мазкур дар эҷодиёти шоир хеле вусъат ёфта, асоси сабки шеъри шоир гардидааст. Сабаби ин ҳолат ба анъанаҳои адабии гузашта ва мавзӯи шеъри шоир, инчунин сиришти шоирии ӯ вобаста аст. Шакли шеъри Мирзо Турсунзода аз чандин ваҷҳ давоми анъанаҳои адабии гузашта мебошад. Аз ҷумла яке аз ҷиҳатҳои муҳимми услуби шоир, яъне истифодаи тазоду тасвироти муқобил низ дар шеъри шоир заминаи қадимӣ дорад.

[6] Ю. Бобоев. Мирзо Турсунзода, ҳаёт ва эҷодиёти ӯ.— Д., 1961, саҳ. 21.

[7] З. Г. Усманова. Проблемы традиции и новаторства в советской таджикской поэзии.— «Социалистический реализм в литературах народов СССР».— М., 1962, саҳ. 163.

Санъати тазод ва умуман тасвирҳои тазодӣ дар қадимтарин осори хаттии халқҳои эронӣ, китоби «Авесто» ба назар мерасад. Дар воқеъ сохти композиция ва гузориши маъниҳо дар «Авесто» шакли тазодро дорад. Ихтилофи қувваи некӣ — Ҳурмуз бо бадӣ — Аҳриман асоси воқеоти «Авесто»-ро ташкил дода, аксоми ҷудогонаи он ҳам аз тасвирҳои тазодӣ иборатанд. Дар ин хусус яке аз муҳаққиқони «Авесто» А. О. Маковельский навиштааст:

«Дар тамоми «Авесто», аз қисматҳои қадимтарини он сар карда тазоди тасвир ҳукмрон аст, ки дар муқобилгузории неку бад, рӯшноию торикӣ, сулҳу ҷанг ва ба ҳамин монанд ҷуфтҳои мутақобил зоҳир шудааст. Майлу рағбат ба баён бо тазодҳо ҳанӯз ба ашъори то давраи зардуштӣ хос буд».[8]

Шиори оини зардуштӣ мувофиқи суруди худои қадимиён Митра чунин будааст: «Адолат бояд ғалаба кунад, зулм бояд барҳам дода шавад».

Зоҳиран, тасвирҳои мутазод барои адабиёти паҳлавӣ ҳам бегона набудаанд. Ба ин даъво тарзи мунозира ва муқобил доштани повести паҳлавии «Дарахти осурик ва буз» асос мешаванд. Инчунин як порчаи насрии суғдӣ, ки лаҳзае аз ҷанги Рустам бо дев аст, шаҳодат медиҳад, ки тасвири тазодӣ барои осори суғдӣ ҳам хос будааст.[9]

Дар адабиёти асрҳои миёна, яъне пас аз барқарор шудани дини ислом дар ибтидо анъанаҳои қадим дар шеъру адаб давом кардаанд. Аз ҷумла дар «Шоҳнома» душмании доимии ду қувваи ба ҳам мухолиф тасвир шудааст, ки ин ҳам аз анъанаҳои қадим аст. Ҳанӯз соли 1935 Е. Э. Бертельс дар асари худ «Шеъри форсӣ дар Бухорои асри X» зиёд истифода шудани санъати мазкурро қайд кардааст. Аммо дар ин давра санъати мазкур он мақомеро, ки дар шеъри баъди асри X ёфт, надошт ва истифодаи дигар анвои санъат ба мисли тавсиф, ташбеҳ ва ғайра мустаъмалтар буд.

Аз нимаи дуюми асри XI шеъри тоҷикӣ, чи дар сабки баён ва чи дар мазмуну мундариҷа як қатор тағйиротро аз сар гузаронд. Муҳимтарини онҳо, ки ба равиши минбаъдаи таърихи адабиёти тоҷик бетаъсир намонд, яке пайдоиши достонҳои лирикӣ-эпикӣ ва майли

---

[8] А. О. Маковельский. Авеста.— Баку, 1960, с. 30.
[9] История таджикского народа, т. I.— М., 1961, с. 456.

романтикӣ гирифтани шеър ва дигаре ривоҷ ёфтани шеъри ирфонӣ буд. Таҷрибаи таърихи адабиёти халқҳои гуногун тасдиқ мекунад, ки тасвири романтикӣ дар худ як силсила хусусиятҳо дошта бошад ҳам, ҷиҳати аз ҳама муҳимми он тасвири хаёлии ҳаёт мебошад. Шеъри тоҷикӣ ва алалхусус достонсароӣ дар ин давра ба чунин тарзи тасвир хеле майл карда буд. Ин тамоюлоти романтикӣ ва тасвири ғайри реалӣ, хилоф ё то андозае акси ҳолатҳои мавҷудаи ҳаёт мебошад. Ба замми ин тасвири романтикӣ то андозае барои тасвироти тазодӣ замина фароҳам меоварад, зеро тасвири хаёлии образҳо, ҳолат ва шароитҳо, идеали шоир ва тасвири хилофи онро дар ду самти мухталиф қарор медиҳад. Дар сурати аз буда зиёд нишон додани ҳолати рӯҳӣ ё сурату сирати мусбати як образ ҳамин авзоъ дар образи мутақобил ба ҳамон андоза вусъати манфӣ пайдо мекунад. Бинобар ин, дар шеърҳои майли романтикӣ доштаи классикӣ, маъмулан тазод аз таркиби мисраъҳо сар карда тамоми шеърро дарбар мегирад. Масалан, дар ғазали баъди асри XI образи қаҳрамони лирикӣ ё шоир ва маъшуқа аз ҳайси зоҳир, амал ва тинат хилофи якдигаранд. Маъшуқа саркаш, бераҳм, ошиқкуш ва ғайра, ошиқ хору залил, нотавону гирьён ва амсоли он. Гоҳо ба дараҷае муболиға мешавад, ки бечора ошиқ худро ба гарди роҳ ва зиёда аз он саги даргоҳи маъшуқа баробар мешуморад. Ин тарзи тасвир дар ашъори аксарияти шоирони ғазалсарои он аср ва баъдина мушоҳида карда мешавад. Чуноичи гуфтем, тасвири тазодиқ зоҳиру ботини образҳо бо тасвироти мутақобилаи дохили ҳар як байт такмил меёбад. Ба ин мисраъҳои достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Низомии Ганҷавӣ таваҷҷӯҳ намоед:

Лайлӣ зи хурӯш чанг дар бар,
Маҷнун чу рубоб даст бар сар.
Лайлӣ на, ки субҳи гетиафрӯз,
Маҷнун на, ки шамъи хештансӯз.
Лайлӣ ба гузор боғ дар боғ,
Маҷнун, ғалатам, ки доғ бар доғ...
Лайлӣ, ба сухан, париваше буд,
Маҷнун чӣ ҳикоят, оташе буд.
Лайлӣ сумани хазоннадида,
Маҷнун чамани хазонрасида,
Лайлӣ дами субҳ пеш мебурд,
Маҷнун чу чароғ пеш мемурд.
Лайлӣ ба карашма зулф бар дӯш,
Маҷнун ба вафош ҳалқа дар гӯш...

Лайлӣ сари зулф шона мекард,
Маҷнун дури ашк дона мекард.
Лайлӣ май мушкбӯй дар даст,
Маҷнун, на зи май, зи бӯи май маст [10].

Дар аксар абьёти ин порча тазод ҳаст, ки ҳар яки онҳо ин ё он хислату ҳолати Лайлӣ ва Маҷнунро тавзеҳ медиҳанд. Ба ҳамин тариқ, дар шеъри Низомӣ мо на фақат тазоди калимаҳоро мебинем, балки тасвири тинати қаҳрамонон ҳам хусусияти тазодӣ дорад. Аз ҷумла хулқу атвори Лайлӣ ва Маҷнун аз ваҷҳе хилофи ҳамдигаранд. Ҳамин гуна образҳои тазод дар «Хусраву Ширин»-и Низомӣ, «Юсуфу Зулайхо»-и Ҷомӣ ва ғайра низ дида мешавад. Дараҷаи олии муқобилаи хулқу атвори инсониро мо дар тасвири Хайр ва Шар аз достони «Ҳафт пайкар»-и Низомӣ мебинем. Низомӣ дар ин ҳикоят ба воситаи тасвири конкретию романтикии хулқу атвори ду шахс зиддияти доимия ҷамъияти инсонӣ — муборизаи неку бадро, ки сарчашмаи офаринишҳои адабиёти ҷаҳон аст, нишон медиҳад. Дар ихтилофи некию бадӣ, бо тамоми ранҷу душворӣ, дар охир некӣ пойдор мемонад. Тасвири Хайр ва Шар намунаи барҷастаи образҳои типии романтикӣ дар эҷодиёти Низомии Ганҷавӣ мебошад. [11]

Қайд кардан лозим аст, ки дар шеъри романтикӣ образу ҳолатҳо ва воқеияти тасвир ба рӯҳия, хаёлу андешаи шоир хеле наздик аст. Мустақилияти нисбии образҳои эпикии реалистӣ дар осори романтикӣ сусттар мегардад. Бо ҳамин сабаб, дар ин навъ асарҳо истифодаи руҷӯъ ва дигар унсурҳои лирикӣ вусъат меёбад. Сабаби ба назми романтикӣ бештар хос будани омезиши унсурҳои лирикӣ ва эпикӣ низ дар ҳамин аст. Дар навбати худ аксарияти шоирони романтик ба лирика низ майли тамом доранд.

Усули тасвири романтикӣ барои ифодаи ақидаҳои ирфонӣ ва сӯфиёнаи шоирони мутасаввиф ҳам мувофиқ омад. Санъати мазкур дар ашъори шоирони ориф маънои рамзию тамсилӣ пайдо кард. Масалан, дар байти поён калимаҳои имону куфр ва рухсору зулф тазод мебошанд. Аммо рухсору зулф дар таъбири сӯфиён ба

---

[10] Низомии Ганҷавӣ. Лайлӣ ва Маҷнун, матни илмӣ ва интиқодӣ, ба саъйи Аждар Алӣ Уғлӣ Асғарзода ва Ф. Бобоев.— М., 1965, саҳ. 126—128.

[11] Низомии Ганҷавӣ. Ҳафт пайкар,— Теҳрон, 1344, саҳ. 191—204.

ҷуз маънои аслӣ ифодаи рамзӣ низ ҳастанд, матлаб аз «рухсор» таҷаллии ҳақиқат ва аз «зулф» гирифторӣ дар олами моддӣ мебошад:

Имону куфри ман ҳама рухсору зулфи туст,
Дар банди куфр мондаву имонам орзуст.

Мо аз иддаои он, ки шеъри классикӣ саросар аз тасвири тазодӣ иборат аст, дурем, аммо маъмул будани санъати мазкур дар он на фақат ҷои шубҳае надорад, балки вай бо тақозои тарзи тасвиру маърифати адабиёти гузашта ниҳоят серистеъмол будааст.

Ба ин тариқ, санъати тазод аз «Авесто» сар карда, дар осори адабии гузашта, вобаста ба инкишофи адабӣ, талаботи замон, тарзи тасвири ҳаёт ва як қатор омилҳои дигар мавқеи калоне доштааст. Вазифаҳои бадеию эстетикии ин воситаи тасвир дар ҳамаи ин давраҳо як хел набуда, вобаста ба усули истифода ва мақсадҳои эҷодӣ вазифаи муайяни адабиро адо кардааст.

Акнун ки андозаи истифода ва роҳҳои ифодаи санъати мазкур дар адабиёти гузашта иҷмолан баён шуд, ба таври мухтасар мақоми онро дар ашъори Мирзо Турсунзода дида мебароем ва тафовуту монандиашро ба шеъри классикӣ каму беш шарҳ медиҳем.

Мирзо Турсунзода таъсири эҷодиёти Низомиро ба ашъори давраи аввали эҷодиёташ эътироф менамояд ва чуноне ки дар боло гуфтем, Юрий Бобоев дар радифи дигар тадқиқотчиён ҳақиқати ин масъаларо тасдиқ мекунад. Дар асарҳои давраи аввали шоир тасвири тазодӣ бештар натиҷаи мавзӯъ мебошад. Муқоисаи наву кӯҳна, замони советӣ ва гузашта (дар достонҳои «Хазон ва баҳор», «Офтоби мамлакат») аз мавзӯъҳои маъмулии адабиёти он замон буда, ҳанӯз зуҳури сабки эҷодӣ ва тарзи хоси сухани шоир нест. Бо вуҷуди ин, маҳз талаботи мавзӯъ, муқоисаи ду давраи таърихӣ ва баъдҳо ду сохти иҷтимоӣ барои шоир бояд заминаи дарк ва тасвири тазодӣ шуда бошанд. Азбаски муқоисаи ду давра ва ду сохти иҷтимоии хилофи якдигар, моҳияти тазодӣ дорад, бояд дигар ҷузъиёти тасвир ҳам ба ин мувофиқат дошта бошад ва чунин воситаи мувофиқи бадеӣ дар айни ҳол фақат тазоду муқобила шуда метавонад. Аз тарафи дигар, аз мактаби классикии истифодаи ин санъат низ омӯхтан мумкин буд. Бо ин роҳ тасвироти тазодӣ дар асарҳои Мирзо Турсунзода бо

талаботи мавзӯъ ба вуҷуд омада, воситаи асосии банду баст ва ҳалли мавзӯъ гардидааст.

Ҳамон навъе, ки дар боло гуфтем, Муҳаммадҷон Шукуров шеъри «Меҳмони мағрибӣ» ва З. Г. Усмонова «Садои Осиё»-ро таҳлил карда, ба хулосае омаданд, ки бунъёди ин асарҳо ба тасвирҳои тазодӣ қарор гирифтааст. Маълум мешавад, ки тасвирҳои тазодии адибони гузашта ба шоир имконият додааст, ки дар шароити нав, вобаста ба талаботи замон ва мавзӯю муҳити имрӯза асарҳои комилан мустақил эҷод намуда, услуби хоси худро ба вуҷуд орад. Санъати тазоду муқобила тарафи ба назар намоёни эҷодиёти шоир буда, на фақат заминаи воқеӣ, балки сарчашмаи адабӣ ҳам доштааст. Мирзо Турсунзода ин тарзи тасвирро, вобаста ба тақозои замони нав аз ҷиҳати мавзӯъ вусъат дода, ба шакли нав даровард.

Муқобилгузорӣ ва тазодҳо ҳам дар ашъори лирикӣ ва ҳам дар аксари достонҳои шоир асоси тасвир қарор гирифтаанд. Дар шеърҳои хурди лирикӣ тазоду муқобила дар таркиби алфози мисраъҳо ва банду лавҳаҳо оварда мешавад. Ҳатто гузориши сарлавҳаҳо ба мисли «Ду соҳил», «Ду роҳ», «Ман аз Шарқи озод» ба ин тарзи тасвир далолат мекунад. Дар аввали шеъри «Ман аз Шарқи озод» шоир тақдири намояндаи Шарқи советиро бо хориҷӣ чунин муқобил мегузорад:

Нигоҳи ту ё ин ки донистанист
Миёни ману ту —
                    ду кас фарқ чист?
Чаро ман зафарманду ман сарбаланд?
Чаро ту ҳақиру чаро мустаманд?
Чаро аз рухи ман саодат падид?
Чаро ту дар уммеди рӯзи сафед?
Чаро ман чу парранда озодбол?
Чаро бенасибӣ ту аз ин камол? [12]

Беҳтарин асари шоир, ки бо ин услуб эҷод шудааст ва дар он бо якчанд лавҳаи воқеӣ ҷамъбасти ҳаёти як давраи томи таърих дода мешавад, достони «Чароғи абадӣ» мебошад. Достони мазкур аз ҷиҳати ҷамъбасти тазодии ҳаёт, тасвири образҳои мутақобил бо лаҳзаҳои конкрети зиндагӣ ба назари мо беҳтарин асари ба ин равия эҷод кардани шоир аст.

---

[12] Мирзо Турсунзода. Асарҳои мунтахаб, ҷ. 1, саҳ. 192.

Дар достони «Чароғи абадӣ» рабти ҳодисаҳо, гузориши онҳо ҳамоно ба зиддияту ихтилофи дохилӣ асос ёфта, натиҷаи онҳо тасдиқи маънавиёти мусбату мутараққии инсон аст. Ҳамин тавр, оромии шаб ба нооромии хаёлу андешаи шоир мухолиф аст. Дар навбати худ ин ихтилоф воситаи асосии кушодани маънавиёти шоир гардидааст. Воқеоти минбаъда сабаби туғёни ботинии шоирро равшан менамоянд ва маълум мешавад, ки ҷараёни онҳо ба ягон ҳодисаи фавқулодда вобаста набошад ҳам, ба туфайли назари нуктабинии шоир аз тамоми равиши тараққии ҷамъият гувоҳӣ медиҳад. Ҳамин гуна муқобилгузорӣ дар ҳар як боби асар дида мешавад. Дар боби дуюм шахсияти қаҳрамони лирикӣ бо симои маънавии марди ҷоҳил муқобил гузошта мешавад. Дар боби сеюм истгоҳи роҳи оҳан — дарвозаи шаҳр бо дарвозаи Ҳисори қадим муқобил гузошта шудааст, боби чорум аз муқоисаи ҳаёти имрӯзаву гузашта иборат аст. Муҳимтар аз ҳама ин аст, ки лаҳзаҳои асар дар якҷоягӣ роҳи тай кардаи таърихии халқи тоҷик ва гузаштаи Шарқро ҷамъбаст кардаанд. Дар ин ҷо бо лаҳзаҳои конкрет ҳақиқати умумиинсонӣ инъикос шудааст. Ҳамин тасвири конкретии воқеаҳо, образҳо, ки маънӣ ва ғояи умумиинсонӣ дорад, яке аз ҷиҳатҳои муҳимми услуби Мирзо Турсунзода буда, аз ҳамин мавқеъ низ асарҳои ӯ ба осори адабии гузаштаи мо қаробат доранд.

Дигар ин ки шоир ҳангоми баёни воқеаҳо бевосита ё бавосита эҳсосоти худро баён мекунад, руҷӯъҳои лирикӣ дар шеъри ӯ ба андозае вусъат мееёбанд, ки қаҳрамони лирикӣ як образи мустақили асар шуда мемонад. Инро мо аз ҷумла дар достонҳои «Ҳасани аробакаш» ва «Чароғи абадӣ» мушоҳида мекунем. Дар ин маврид ҳам услуби Мирзо Турсунзода ба сабки сухани гузаштагон ва аз ҷумла Низомӣ қаробат дорад. Зимнан, бояд бигӯем, ки нозуктарин лаҳзаҳои рӯҳии қаҳрамони лирикӣ бо ёрии тасвири тазодӣ тасвир мешавад. Дар хусуси қаробати эҷодиёти Мирзо Турсунзода ба асарҳои гузаштагон таваққуф карда, як тафовути эҷодиёти ӯро аз гузаштагон низ қайд кардан лозим аст. Одатан дар осори гузаштагон ва аз ҷумла асарҳои Низомӣ хулқу тинатҳо муқобил гузошта мешаванд, онҳо асоси иҷтимоӣ доранд, лекин тарзи тасвир романтикист. Аммо дар асарҳои Турсунзода образҳо аз ҷиҳати мавқеи синфӣ ва иҷтимоӣ ба ҳам муқобил гузошта меша-

ванд. Бинобар ин, муқобилгузорӣ моҳиятан ғояи мутараққӣ дошта, музаффариятҳои замони социализмро ҳимоя мекунад.

*Соли 1972*

## ТАҲАВВУЛИ МАЗМУН ВА ИФОДА ДАР ЭҶОДИЁТИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

Эҷодиёти Сотим Улуғзода гуногунжанр буда, аз ҷиҳати мавзӯъ ҳам ғанист. Фаъолияти эҷодии ӯ аз тарҷумаи асарҳои илмию адабӣ, навиштани асарҳои танқидӣ ва адабиётшиносӣ шурӯъ шуда, баъд ба асарҳои драмавӣ ва насрии бадей, ҳикояву очерк, повесту романҳо мегузарад. Дар бораи драматургия, очерку ҳикоя, тарҷумаҳои бадей ва дигар соҳаҳои эҷодиёти Улуғзода сухани гуфтанӣ бисьёр аст, чунки маҳсули эҷодии нависанда дар ҳамаи ин соҳаҳо сазовори диққату эътибори махсус мебошад. Эҷодиёти Сотим Улуғзода дар ҳама анвои адабӣ нақши ҷиддияти тамом, мақсади муайян, фазилати гӯянда ва нависандагӣ, мавқеи мустаҳками иҷтимоӣ ва шакли ба итмомрасидае дорад. Ин тарафҳои ҳунари нависандагии Сотим Улуғзода, на фақат шоистаи тақдиру дастгирӣ, балки сазовори омӯзишу пайравӣ ҳам мебошанд.

Аз мутолиаи асарҳои Сотим Улуғзода муқаррар ва мафҳуму мусаввир мешавад, ки шакли ифода, тарзи сухан ва ҷузъиёти адабӣ дар эҷодиёти ӯ ҳама вақт дар такомулу пешравӣ будааст. Тағьиру такмили каломи бадеии нависанда, инчунин бо вусъати доманаи мавзӯъ ва тарзи тасвир низ вобастагии қавӣ дорад. Каломи бадеии Сотим Улуғзода сареҳан сухани адабии тоҷикист ва имрӯз аз нависандагони тоҷик камтар касе дар ин маънӣ ба вай баробар шуда метавонад. Аммо ин тарзи сухани адабӣ, ба ҷуз ситоиши холис, таҳқиқу тасдикро низ талаб мекунад. Он чи аз сухани адабии Улуғзода, пеш аз ҳама, ба чашм мерасад, асоси мантиқӣ ва ҳақиқати зиндагӣ доштани он аст ва ин ҷиҳати эҷодиёти ӯ махсусан дар муколамаи қаҳрамонони асар баръалло ба назар мерасад. Асоси рационалӣ доштани сухани бадеии асарҳои Улуғзода, шакли ифодаро муайян кардааст. Дар натиҷа, мо дар насри Сотим Улуғзода муҳассаноти адабӣ, ё чи тавре ки мегӯянд, санъатҳои бадеи-

ро кам андар кам дучор мешавем. Ҷои онҳоро аксар маънои объективӣ-предметии калима ва гуфтор гирифтааст. Ин тавр «ақибнишинӣ» аз анъанаҳои ҳазорсолаи насри мо, ки саросар маснӯъу мусаҷҷаъ аст, албатта хеле барвақттар, дурусттараш баъди инқилоб аз эҷодиёти Айнӣ шурӯъ шуд ва мо бо боварӣ гуфта метавонем, ки дар эҷодиёти Улуғзода ба авҷи камол расид. Вобаста ба ҳамин, дар асарҳои Улуғзода тасвири эҳсосоти холис низ нест. Ҳатто дар коллизияҳои фаровони ишқии асарҳои ӯ тасвири эҳсосот хеле мухтасар аст. Масалан, тавсифи ишқи Аноргул ва Босеъ бо суханони «дар номат садқа», «шоҳдухтар будай» ва «шакарписар будай» (Асарҳои мунтахаб, ҷ. 2, саҳ. (48—49), анҷом мепазирад. Модоме ки баёни эҳсосот мақсад ва ҳадафи бевоситаи тасвир нест, барои рангомезиҳои бадеии маҳз низ ҷой намемонад. Ҳамин навъ мӯяю сӯгвории пурҳаяҷонеро, ки тасвирро бо тавсифу ташбеҳот ва дигар оройишҳои бадеӣ ҷилва медод, аз забони Умархон, ҳангоми марги ҳамсараш, Собир, вақти аз вафоти падару бародараш огоҳ ёфтан (повести «Субҳи ҷавонии мо») ва амсоли ин мунтазир шудан мумкин буд, вале дар асл ин тавр нашудааст. Аз ҷунин рафтори нависанда арзиши асарҳои ӯ афзуда ва сабаби ҷунин шакл гирифтани асарҳояш ба принципҳои эҷодии вай алоқаманд мебошанд. Ҷои тасвироти мухассанро намоиши эпикӣ ва драмавӣ гирифтааст. Беҳтарин фазилати нависандагии Сотим Улуғзода дар ин аст, ки ҳудуд ва андозаи каломи персонажҳоро бисьёр хуб ҳис мекунад ва сергапие, ки ҷузъи нолозими эҷодиёти баъзе нависандагони мост, дар асарҳои ӯ дида намешавад.

Асоси мантиқии муҳокима дар муколамаи қаҳрамонон заминаи типӣ ва фардӣ шудани онҳо шудааст. Зуҳуроти фардии шахсият, ба ҷуз қиёфа, аз гуфтору амал иборат аст. Воқеияти адабии шахсият бо тавсифи амалу зоҳир аз забони шахси гӯянда — нависанда ва муколама вуҷуд дорад. Амал ва сухани қаҳрамон, ки дар асари эпикӣ ва драмавӣ низ шакли амал аст, шахсияти фардӣ ва умумишудаеро ба вуҷуд меорад, ки натиҷаи ин навъи тасвири адабиро адабиётшиносон тип гуфтаанд.

Дар асарҳои Сотим Улуғзода сухани қаҳрамон, аз рӯи тарзи ифода, ба амали ӯ баробар аст. Ба ин восита иқоъ (гармония)-и ҳақиқии гуфтору амали шахс, ки маънои тасаввурии ба камолу анҷомрасидаро дар

бораи шахс дорад, ба вуҷуд омадааст. Таъкид мекунем, ки ин асоси шакли асарҳои Сотим Улуғзода мебошад. Барои чунин равиши тасвир истифодаи вулгаризмҳо, калимаҳои такья (агар чунин таъбир ҷоиз бошад), алфози лаҳҷаҳо ва амсоли он на ҳама вақт зарур аст. Эҷодиёти устод Айнӣ ва Сотим Улуғзода ба дурустии ин ҳақиқат шубҳае намегузоранд. Бо вуҷуди ин, мутаассифона алфози омиёна ва лаҳҷавӣ дар эҷодиёти баъзе нависандагони мо бе ҳеҷ гуна зарурат ва бар хилофи қонунҳои эҷоди бадеӣ истифода мешаванд. Ҳарчанд вазъи ин масъала аз вазифаи ин мақола дур аст, муҳиммии он мудохилаи бемавриди моро зарур мегардонад. Одатан, истифодаи нолозим ва бемавриди лаҳҷаро бо ду роҳ қонунӣ карданӣ мешаванд. Якум, гӯё ба нияти ба забони адабӣ даровардаа ва оммавӣ гардониданн калимаҳои лаҳҷавӣ. Ин кор нияти хайрест ва шояд калимае чанд бо ин роҳ ба забони адабӣ даромада бошад ва ё дар оянда ворид шавад. Аммо асоси ин муносибат нодуруст аст, чунки нависанда, аз рӯи қонунҳои эҷодӣ бадеӣ, метавонад, калимае ва каломеро, ки оммавӣ шуда ба забони адабӣ қаробат пайдо кардааст, истифода кунад, на баракс. Ба ҳар ҳол, дар тӯли асрҳо инкишофи забони адабии мо бо ҳамин роҳ мерафтааст.

Дуюм, истифодаи нолозими лаҳҷа ҳамчун воситаи типикунонии забони персонажҳо кор фармуда шуданн он аст. Намедонам, аз кадом курси ибтидоии таълим бошад, ақидае паҳн шудааст, ки нависанда гӯё барои типӣ кунонидани забони персонаж ҳуқуқ дорад, ҳар қадар ки хоҳад, аз лаҳҷа истифода намояд. Ин ақидаи барғалат сабаб шудааст, ки аз очерку ҳикояи саҳифаи рӯзномаҳо то повесту романҳо сухани лаҳҷавӣ носуфтаву дағал истифода мешавад. Асари адабиро на барои он бо забони адабӣ менависанд, ки ҳама онро хонда ва фаҳмида тавонанд. Охир, намояндагони лаҳҷаҳои гуногун, вақте ки бо якдигар во мехӯранд, сухани якдигарро мефаҳманд, пас, ҷаро онҳо сухани ин ё он маҳалро, ки дар саҳифаи дафтар сабт мешавад, нафаҳманд? Шояд калимаҳои ҷудогонаро нафаҳманд, агар онҳо якдигарро тамоман намефаҳмида бошанд, он гоҳ сухан дар бораи ду забон бояд равад, на ду лаҳҷаи як забон. Пас, гап дар ҷои дигар аст. Асари бадеӣ барои он ба забони адабӣ навишта мешавад, ки фақат сухани адабӣ ба қонунҳои адабиёти бадеӣ мувофиқ омада мета-

вонад. Забонро адабиёти бадеӣ аз рӯи қонуниятҳои асосии худ истифода мекунад. Адабиёт инъикоси тарафҳои характерноку типии ҳастии моддию маънавист ва нокситан асоси ифодаи он — забон низ бояд характерноку типӣ бошад. Ҳамин гуна шакли типии забон, забони адабиёт аст.

Мо аз хонанда барои бадгумонии худ узр мехоҳем, лекин гоҳо чунин таассуроти ногуворе пайдо мешавад, ки нависандагон кӯшиш мекунанд, баъзе калимаву ибораҳоро аз лаҳчаи «худ» ба забони адабӣ дохил кунанд. Фаромӯш кардан лозим нест, ки лаҳчаи «худ» ва «бегона» барои шахси «мову» «ман» вуҷуд дорад, дар қиёси забони адабӣ лаҳчаи худию бегона нест. Ҳамаи онҳо шохаҳои як дарахтанд, ки номи он забони адабии миллист.

Эҷодиёти Сотим Улуғзода дар ин маврид ҳам шоёни ибрат аст. Дар сухани персонажи асарҳои ӯ ҳам лаҳча истифода мешавад, лекин истифодаи лаҳча пурра мутобиқат ба талаботи эҷодӣ дошта, вазифаи шаклию маънавии муҳиме пайдо кардааст. Лаҳча дар эҷодиёти Улуғзода аввалан воситаи услубии образ офаридан буда, аксар тобиши киноявӣ пайдо кардааст. Ҳамин тарзи тасвир асоси услуб ва таъбироти лаҳчавӣ дар офаридани образи Фахриддин Аминов (очерки «Қаҳрамони Днестр, Висла, Одер»), Ато (драмаи «Темурмалик») омадаанд. Масалан, ба суханони зерини Фахриддин Аминов таваҷҷӯҳ фармоем:

— Ин ҷо як тоҷик буд, самстрел шид, мо тоҷикора шарманда кад. Чор солуш додан, ба штрафной рой кардануш. Ҳаққуш парроидан буд. Агар ки ҳукми паррондануш мебаромад, худум мепарондумуш. И дивизия худуш дар сари ҷанги Иставропулда ташкил шудагӣ, ма худум ай аввал ҳамӣ дивизияда ҳастум. Волгада ҷангидум, се бор ранин шудум, бо ба ҳамӣ дивизия омадум. Мара ҳама медонан. Овруи и дивизияи мо баландай, додар, овруша нига бидор. Худма пурсӣ, ма як сағира ҳастум, ай ҷанг пеш хизмати аскарида будум, сверхсрошни мондум. (ч. III саҳ. 71—72).

Ин суханон саросар лаҳчавӣ ва омиёнанд, лекин онҳо бо хотири аз ҳамон маҳал будани қаҳрамон гуфта нашудаанд. Ин роҳ сабки пешгирифтаи нависанда дар офаридани ҳамин қаҳрамон аст. Ин ҷо аксар калимаҳо талаффузи лаҳчавӣ дошта бошад ҳам, дар байни онҳо луғати номафҳуме нест. Дар мавриде, ки мақса-

ди нависанда ишорат ба маҳалли персонаж бошад, вай нутқи ӯро саросар лаҳҷавӣ накардааст, балки бо чанд калима ва ибораи характерноки ҳамон маҳал мақсадро тасдиқ мекунад. Тасдиқи ҷиҳатҳои характерноки лаҳҷа ва тарзи гуфтори персонаж роҳи дуюми истифода аз лаҳҷа дар сухани персонаж мебошад, ки Сотим Улуғзода онро дуруст истифода кардааст.

Ниҳоят, сухан ки аз шакл ва забони асарҳои Сотим Улуғзода меравад, як чизи дигарро ҳам бояд бигӯем. Дар аввалин асарҳои нависанда, ки ҷанбаи намоиши ҳодисаҳои зиндагиро доранд, тарзи баёни мураттабу мантиқи эҳсоси назокат ва ҳудуди суханро донистан, равонию салосати хоси нависандаро таъмин кардааст. Ин тарзи тасвирро дар повестьҳои «Ёрони боҳиммат», «Субҳи ҷавонии мо», романи «Навобод» ва дигар асарҳои давраи аввали нависанда мушоҳида мекунем.

Рафта-рафта сухани адабии асарҳои ӯ таҳаввули мусбати ҳайратангезе кардааст, ки ҳарчанд аз равиши мазкури пешгирифтаи нависанда сабзида, камол ёфтааст, чизе хеле баландтар ва олитар аст. Азбаски майли асосии нависанда то ҳадди имкон мӯҷазбаёнист, ки мағзи ҳодисаву муомилотро фаро мегирифта бошад, сухани вай ҳарҷӣ бештар шакли хирад ва ҳикмати вокеии халқро гирифта истодааст. Дар натиҷа, ҳатто муколамаи оддии персонажҳо шакли ифодаи ҳақиқатҳоро гирифтааст. Ба фикри мо ин беҷо нест. Худи панду ҳикмат мушоҳидаи дақиқи ҳақиқатҳои зиндагонист. Бо ҳамин сабаб, ҳақиқати воқеӣ намунаи муносибати хирадмандонаи байни инсонҳост ва ҳар муомилае, ки дар ин миён мегузарад, ё аз рӯи хираду ҳиммати инсон аст ва ё аз ҷиҳати худхоҳию манфиатпарастӣ.

Сотим Улуғзода маҳорати баланди ҳикоя гуфтан дорад, ҳикояти ӯ то ҳадди имкон мусаввир, воқеӣ ва предметист. Аксар шарҳу тафсири воқеаро, ки аз забони шахси гӯянда аст, аз диалог ва монологи қаҳрамонон ҷудо кардан мумкин нест. Сухани каввол ё худ нависанда асоси воқеӣ дошта, майли ғоявию мафкуравӣ аз воқеияти предметӣ равшан мешавад. Нависанда аз баёни ҳиссиёту ҳаяҷони шахсӣ, чи дар сухани гӯянда ва чи дар гуфтори қаҳрамонон худдорӣ мекунад. Бинобар ин асарҳои насрии Сотим Улуғзода аксар сирф эпикӣ мебошанд. Дар ин шакл бори ғоявию мазмун ва позицияи ҷамъиятии нависанда ба объективияти воқеӣ ва предметии тасвир гузошта мешавад. Бо ҳамин сабаб,

гоя ва мазмуни асарҳо, аз як тараф, вусъати эпикӣ гирифта бошанд, аз тарафи дигар, пафоси асосӣ низ бевосита ифода нашуда, дар қабатҳои гуногуни тасвир ниҳон аст. Ғояи муайянро ба объективияти маҳзи предмети овардан кори чандон осон нест ва Сотим Улуғзода дар ин роҳ маҳорати бузург дорад. Аз драматургия шурӯъ кардани кори эҷодӣ шояд барои сайқали маҳорати ӯ дар ин роҳ кӯмак расонида бошад.

Тарзи ҳикоя кардан дар асарҳои Сотим Улуғзода аз аввалин асарҳои ӯ то имрӯз якрангу якнавохт нест. Дар ин роҳ вай мактаби бузурги эҷодиеро тай кардааст. Асарҳои давраи аввали Улуғзода аз як навъ нақли муттасили воқеа, ки саҳна ва эпизодҳои ҷудогона ваҳдати тасвирии эпикӣ ва аз ин ҷо маънавӣ низ надоранд, иборат аст. Эпизодҳо бештар бо сифатҳои макони амал ва муколамаҳои қаҳрамонон аз ҳам фарқ мекунанд. Масалан, дар повести «Ёрони боҳиммат» бо тақозои мавзӯъ якчанд саҳнаи пластикӣ ва панорамии воқеӣ ба вуҷуд овардан мумкин буд. Аз ҷумла дар эпизоди вохӯрии Зайнаб бо шавҳараш дар беморхонаи Тошканд як саҳнаи аҷибе бо тобишҳои мухталифи маънавию ҳиссӣ ба вуҷуд овардан имкон дошт. Ё ин ки дар романи «Навобод» чандин лаҳзаҳои мувофиқ бошад ҳам, нависанда ба онҳо вусъати эпикӣ намедиҳад. Хуллас, ки эпизодҳо дар давраҳои аввали эҷодиёти нависанда ҷузъи ҳодисаву воқеа буда, мустақилияти ғоявию бадеӣ пайдо намекунанд. Лекин рафта-рафта истиқлоли маънавии эпизод ва ҷузъиёти бадеӣ дар асарҳои нависанда вусъати аҷибе ёфта, ҳар як ҷузъ, як ҳикоят ё саҳнаи ишқӣ, фоҷиавӣ, экологӣ, қаҳрамонӣ ва ҳоказоҳо шуда мондааст, ки ҳар яке аз онҳо дар хотири хонанда чун дарси ибрати зиндагонӣ нақш мебандад. Масалан, ҳамин, ки романи «Восеъ»-ро ба хотир оварлед, аз он ҷо хатман ҳодисаҳои ишқу хонадоршавии Восеъ, мусофирати ӯ аз Душанбе то Қаршӣ, фоҷиаҳои Шаҳри Сабз, Самарқанд, саҳнаҳои ҷанг, марги амир, саҳнаи қатли Восеъ ва боз даҳҳо лаҳзаю эпизодҳои дигар ба хотир мерасад, ки ҳар яке ба сари худ як маҷҳака ва фоҷиаи замони феодалист.

Повести охирини нависанда — «Ривояти суғдӣ» ҳамин гуна равиш гирифтани эҷодиёти ӯро бори дигар тасдиқ мекунад. Моҳиятан ин повесть аз якчанд эпизоде мураттаб шудааст, ки бобҳои онро ташкил кардаанд. Аз ин ҷо албатта хулосае баровардан мумкин нест, ки ис-

тиклоли ҷузъиёти бадеи асар ба ягонагии шаклу маз-
муи халалдор мешуда бошад. Баракс, бо ин роҳ пом
реалистии асарҳои нависанда мустаҳкамтар шуда, таъ
рихи ҳол ибтидои ҳодиса буда, ҳодисаҳои воқеию иҷ
тимоӣ низ натиҷаи ҳамон ҳолатҳои зиндагонист. Истик
лоли ҷузъиёти бадей ба дараҷае нест, ки асарҳо шак
ли қисса дар қисса (ба мисли баъзе асарҳои Ҷалол Ик
ромӣ) ва силсилаи ҳикояҳоро (монанди «Ёддоштҳо»-
устод Айнӣ) гирифта бошад. Ин приём шакли реалис
тии ваҳдати ҷузъиёти асари адабист.

Модоме, ки сухан дар бораи шакли асарҳои Соти
Улуғзода меравад, як чизи дигарро ҳам қайд карда
лозим аст. Дар асарҳои ин нависанда рӯйдоди тасоду
фии воқеаҳо бисёр кам аст. Аз ҷумла дар киноповес
ти «Ибни Сино» вохӯрии тасодуфии Ибни Сино бо Фир
давсӣ ва Носири Хисрави ҷавон тасвир шудааст, к
эҳтимоли беззарурат аст. Приёмҳои авантюристӣ ни
дар асарҳои Улуғзода нест. Фақат дар драмаи «Ка
такдорони сурх» ба назди саркардаи босмачиҳо Раҳим
бек дар ҷомаи эшону мурид рафтани Салиму Хорка
зуҳуроти авантюристӣ дорад, ки он ҳам чандон бова
рибахш набаромадааст.

Чунин аст, баъзе хусусиятҳои забон ва шакли аса
ҳои Сотим Улуғзода, ки тафовути услубӣ эҷодии ӯр
аз дигар нависандагони тоҷик равшан мекунад. Гуфта
мумкин аст, ки аз ваҷҳе Сотим Улуғзода равиши эҷо
дии устод Айниро давом ва такмил додааст. Чунин б
назар менамояд, ки дар ибтидо вай аз равияи устод Ай
нӣ канора ҷуста, баъд ба вай наздик мешавад, вал
дар шаклу маънои дигар. Улуғзода тарзи тасвири у
тод Айниро дар тозагии забон, ҳақиқати воқеии тасви
таваҷҷӯҳ ба воқеаҳои муҳим ва образҳои типии бар
ҷаста пайравӣ мекунад. Аммо дар тасвири конкрети
деталҳо, ба вуҷуд овардани панорамаҳои воқеӣ, вусъ
ти драматизми тасвир, канорагирӣ аз тасвироти ромаи
тикӣ эҷодиёти Сотим Улуғзода аз асарҳои Садриддин
Айнӣ фарқи ҷиддие дорад. Дар эҷодиёти ӯ асари реа
лизми адабиёти халқҳои Европа, махсусан давраҳо
аввали инкишофи он ҳис карда шавад ҳам, ин нависа
да дар фаҳми ҳақиқати зиндагонӣ ба дараҷае исти
лол дорад, ки эҳтиёҷи пайравию тақлиди маҳзи дига
нависандагон ва равишҳои эҷодиро барои ӯ нодарко
мегардонад.

Асарҳои Сотим Улуғзода ба ҳодисаҳои зиндагии

чихати замону макон хеле дур бахшида шудаанд. Майдони амалиёти қахрамонони асархо хар қадар васеъ бошад, таърихи замони онхо низ ба хамон дарача тӯлонӣ аст.

Мавзӯъ ва амали қахрамонони асархои Улуғзода дар худуди муайяни чуғрофии миллат ё халқ махдуд нашудаанд. Гуфтан мумкин аст, ки тасвири бадеии нависанда тамоми худуди таърихи зиндагонӣ ва амалиёти тоҷиконро фаро гирифтааст. Табиист, ки дар ин мачмӯаи асархои гуногунмавзӯъ ғояи ягона ва мавзӯи билкул умумие ҷустуҷӯй кардан кори камфоидае мебуд. Аммо равиши эҷодии Сотим Улуғзодаро ба эътибор гирифта, ду давраи инкишофро дар асархои ӯ мушохида кардан мумкин аст. Якум, асархое, ки то замони навишта шудани повести «Субхи ҷавонии мо» офарида шудаанд. Асархои баъди ин асар эҷодкардаи нависанда мархилаи нави эҷодии ӯ мебошанд. Ҷихати характерноки асархои давраи аввали нависанда ин аст, ки онхо асосан ҷавоби бевосита ба талаботи рӯзмарраи ходисоти зиндагонӣ мебошанд. Дар ин асархо нақши ходисоти пуртуғёни зиндагии солхои 30-40 ва аввали солхои панҷохум ба дарачае пурқувват аст, ки нависанда ба дарачаи концепцияи мустақили хаётӣ — иҷтимоии худ нарасидааст. Хамаи хунару махорат ва санъати нависандагӣ аз тасвир ё инъикоси ба ин ё он дарача дурусти зиндагонӣ иборат аст. Мохиятан, бахсхои он солхо дар атрофи повести «Ёрони бохиммат» сарзада, дар бораи масъалаи дар воқеият рӯй додан ё надодани чунин ходиса рафта, масъалаи эхтимолияти воқеии мазмуни асари адабӣ ва дурустии мавқеи эстетикии нависанда сарфи назар шудааст. Хамин гуна муносибат дар эродхое, ки ба романи «Навобод» гирифта шудааст, низ мушохида мешавад. Одатан мавзӯю ғояи ин асар иштибохан ба хам омехта мешавад. Ғояи асосии асар мехнат ва ба вучуд овардани иқои муносибати байни одамон дар асоси ба мехнати ҷамъиятӣ равона кардани фаъолияти онхост. Мехнати фоидаовари ҷамъиятӣ асоси шахсияти маънавии инсон ва пешравии ҷамъият аст. Аммо, ба тарзи фахмиши ин китоб, мехнат хамон вақт дуруст, фоидаовар шуда метавонад, ки ахли ҷамъият аз тарафи шахсе ё ашхосе ба рохи дуруст равона карда шавад. Ин тарафи масъала, бо вучуди асоси реалии деталхо, ба рафтори қахрамонон як навъ тобиши романтикӣ дода, на хамаи тасвирро боварибахш мегардо-

над. Зимнан, чунин тарзи тасвир ба табиати ҳаёти ҷамъиятии мо дар он солҳо мувофиқ буд.

Хулоса, асарҳои то соли 1954 навиштаи нависанда аз талаботи ҳаррӯзаи зиндагӣ ва воқеияти ҷории ҳаёти мо сарчашма гирифта, мақсади онҳо мубориза ба муқобили душманони синфӣ, барқарору мустаҳкам кардани сохти социалистӣ, сохтмони колхозӣ, муборизаи зидди фашизм, оқибатҳои ҷанг дар ҳаёти одамони советӣ ва амсоли ин буд.

Аз нимаи солҳои панҷоҳум тағьироти ҷиддие дар эҷодиёти Сотим Улуғзода, аз ҷиҳати мавзӯи мазмун ва вобаста ба он шаклу ифода ва забон низ ба вуҷуд омад. Вақти шурӯъ шудани ин тағьирот, ки мо дар садади баёни он ҳастем, ба мавзӯи замони гузашта муроҷиат кардани ӯ рост омад. Аз рӯи вақт муроҷиати нависанда ба мавзӯи замони гузашта бо марги устод Айнӣ рост омад ва чунин менамояд, ки гӯё аз ин вақт нависанда сабки сухани Айниро, ки ҳама вақт гузашта ва имрӯзаро ба ҳам мепайваст, ба ӯҳдаи худ гирифта бошад. Агар ин кор аз ғайри идроки бошуури масъала шурӯъ шуда бошад ҳам, боз имрӯз роҳи устод Айниро пеш гирифтани нависанда тамоман равшан аст.

Сараҳбори равиши тозаи эҷодии нависанда повести «Субҳи ҷавонии мо» мебошад. Худи повесть ҳам, дар воқеъ, сараҳбори зиндагонии нав аст. Аммо қисматҳои аввали повесть ба хонанда таассуроти аҷибе мебахшад. Ба назар чунин менамояд, ки муҳити дар маърази гуфтори нависанда буда, инсонро аз ҳама гуна амали шавқӣ ва руҳонӣ нигоҳ медорад. Одам, дар чунин муҳит, ба дараҷае гирифтори ташвишҳои ҳаррӯзаи зиндагонӣ, бешу ҳами он ва таъмини ҷузъитарин талаботи моддӣ мегардад, ки дар дили ӯ шавқи хушӣ ях баста, орзуҳои олӣ аз сари вай батамом бистурда мегардад. Мавҷудияти инсон аз рӯи сиришти табиӣ буда, гӯё ба мақсадҳои олии инсонӣ сару коре надорад ва барои ин фурсат ҳам ёфта наметавонад. Ҷунбиши зиндагӣ ранги ҳастии хоболуде дорад. Дар чунин ҳастӣ инсон на фақат аз кору бори олам хабаре надорад, балки вай аз мароми мақсади худ низ огоҳӣ надорад. Дар воқеъ, мароми мақсад дар он ҷое вуҷуд дошта метавонад, ки инсон аз мақоми худ огоҳ бошад. Боре марди роҳ дар паҳнои зиндагӣ он гоҳ гом мениҳад, ки роҳи сарманзили мақсудро медониста бошад. Повести «Субҳи ҷавонии мо» моҳиятан роҳи сӯи ҳамин худогоҳӣ мебошад.

Инсон бояд аз дарачаи мӯри донакаш ба ҳиммати олии инсонӣ, ба мақсади ҳақиқии инсонӣ дар ҷамъият, ба баробарӣ, балки қувваи пешбарандаи он бирасад. Вақте ки вай мақоми инсонии худро фаҳмид, барои бозте ки вай мақоми инсонии худро фаҳмид, барои бозрасии фардон дурахшон соеъ ва мубориз мешавад. Роҳи камолоти образи Собир дар повести «Субҳи ҷавонии мо» ин роҳи бедорӣ аз хоби ғафлати асримиёнагӣ ва расидани рӯзи озодӣ, ки маънои оя баробарии ичтимоӣ ва дарки мақоми худ дар ҷамъият мебошад.

Шакли тасвир дар повесть эпикии сирф аст. Фавти қаҳрамонон аз бори меҳнати тоқатфарсо, ғаму кулфат, ҷаҳолат, нодорию қашшоқӣ, истибдоди ҷисмонию рӯҳӣ ва ҳоказо, ки бори ҳамаи он на фақат барои як повесть, балки ба чанд роман ҳам гаронӣ мекард, бо тамкини ҳамосавӣ тасвир мешавад. Нависанда ба ҳиссиёти зиёда ва тасвирҳои психологӣ ҳам кам таваҷҷӯҳ дорад. Вай дар маънои мусбати адабӣ воқеанигор аст. Ғаму андӯҳи фаровони Умархон на бо нидоҳои риққатангез, балки бо рафтору амали минбаъдаи вай ва дигар фобалки бо рафтору амали минбаъдаи вай ва дигар фочиаҳои оилавиаш тасвир шудаанд. Ҳамин чизро дар бораи тақдири минбаъдаи Зебӣ ва Собир низ гуфтан мумкин аст ва ғайра. Хулоса, дар ин асар ҳам аз ҷиҳати шакл ва ҳам аз лиҳози мазмуни ғоявӣ пешравии ҷиддие ҳаст, ки онҳо нишондиҳандаи марҳилаи муҳими камолоти минбаъдаи эҷодиёти нависанда мебошанд.

Дар қисмати анҷоми повести мазкур ду бобе ҳаст, ба унвонҳои «Халқи худро шинос» ва «Айнӣ». Дар онҳо сухан дар бораи худшиносии миллӣ меравад. Ин бобҳо ҷузъи мантиқии инкишофи муносибат ва характери қаҳрамони асосӣ нашуда, бештар ба эпилоги эзоҳии асар шабоҳат доранд. Онҳо аз ваҷҳе қисми зарурии асар ҳам ҳастанд, албатта. Нависанда сарнавишту тақдири таърихии халқ, процесси худшиносии шахсияти ҷамъиятиро тасвир карда истода, инкишофи мантиқии образро бояд ба дараҷаи худшиносии миллӣ мерасонд. Аммо ин масъала процесси дигарест, ки гузориши он аз вазифаҳои бадеии ин повесть берун меистод. Бинобар ин бобҳои мазкур аз эпизоди таркибии асари бадеӣ дида, ба ёддошти маҳз бештар шабоҳат доранд ва аз ин ҷиҳат онҳо ифодаи бевоситаи ақидаи гӯянда мебошанд. Боби «Халқи худро шинос» баромади шарқшиноси машҳур Михаил Степанович Андреев дар байни талабагони дорулмуаллимин мебошад. Мақсади баромад талқину ташвиқи талабагон ба омӯзиши таърихи

халқ ва маданияти тоҷик мебошад. Аз ҷумла нависанда гуфтааст:

«Михаил Степанович дар бораи бузургони дигари аз байни халқи тоҷик баромада ҳам ҳикояҳо кард. Вай афсӯс хӯрда мегуфт, ки тоҷикон ба сабаби садҳо сол дар қайди зулм, торикӣ ва бесаводӣ мондаиашон шоирон ва олимони бузурги худро дуруст намешиносанд ё ки фаромӯш кардаанд.

— Аммо акнун шумоён,— мегуфт профессори рус,— бояд кӯшиш кунед, ки онҳоро зудтар шиносед ва шӯҳрати онҳоро дар байни халқи худатон зинда гардонед. Онҳо ба тоҷикон дӯстдории илму маърифат ва санъатро ёд медиҳанд» (ч. 1, саҳ. 288).

Ва дар поёнтари ҳамин боб:

«— Ман ин корро аз он сабаб кардаам ва мекунам, ки то имрӯз ҳеҷ касе аз тоҷикон бо ин кор машғул нашудааст ва ҳол он ки мову шумо вазифадор ҳастем таърих, маданият ва расму одатҳои халқро омӯзем. Оё гуфтан мумкин аст, ки шумо халқи худатонро хуб медонед? Дар беҳтарин сурат Шумо деҳаи худатон ё якчанд деҳаро хуб медонед. Лекин, охир, халқи тоҷик на дар як деҳа, ё чанд деҳа, балки дар як кишвари калон зиндагонӣ мекунад. Зиндагонии ин халқ чӣ гуна будааст? Вай имрӯз ҳам мисли бобоёни худ зиндагонӣ мекунад, ё таври дигар? Вай чӣ гуна ҳунару санъатро дорад? Чӣ гуна афсонаҳо, урфу одатҳо, маросимҳо, таронаҳо дорад ва онҳо хубанд ё бад? Шумо бояд ҳамаи инҳоро таҳқиқ кунед ва донед. Агар одам халқи худро нағз нашиносад, ба вай нағз хизмат ҳам карда наметавонад». (саҳ. 290).

Айнӣ тимсоли таърихи халқ, намояндаи барҷастаи он ва намунаи хизмат кардан ба халқ аст. Чунин аст, хулосаи бобе ки «Айнӣ» номида шудааст. Ба ин тариқ, дар повесть се ҷиҳати асосии зиндагии халқи тоҷик тасвир шудааст: тақдири таърихии халқ, процесси худогоҳии шахс ва худшиносии миллӣ. Асарҳои минбаъдаи Сотим Улуғзода, бо баъзе истисноҳо, ҳамин се аспекти асосиро доранд. Мақсади асосии нависанда дар ин асарҳо тақдири таърихии халқ буда, шакли он тасвири шахсият дар процесси худогоҳӣ ва фаҳмидани мақоми ҷамъиятии инсон мебошад. Ин процесс, ҳамон навъе ки гуфтем, аз эҷодиёти устод Айнӣ сар шуд. Айнӣ нишон дод, ки чӣ тавр қимати инсон аз доираи оила («Одина») ба дараҷаи арзиши ҷамъиятӣ (романи «Дохунда») мера-

сад. Улуғзода пас аз навиштани повести «Субҳи ҷавонии мо» ба ҳамин роҳ рафт. Эҳтимол барои чунин равиш гирифтани эҷодиёти ӯ омилҳои мухталиф, аз қабили омӯзиши адабиёт ва таъриху маданияти тоҷик дар солҳои 30-ум ва 40-ум, гузаштани мактаби эҷодии устод Айнӣ сабаб шудаанд. Аммо мактаби асосии роҳи минбаъдаи эҷодии нависанда бегумон худи тақдири таърихи халқи тоҷик буд. Навиштани повести «Субҳи ҷавонии мо» нависандаро ба андешаи чуқур дар бораи тақдири халқ водор накарда наметавонист. Бо ҳамин сабабҳо нависанда ба мавзӯи таърихӣ муроҷиат кард.

Дар мавзӯи таърихӣ Сотим Улуғзода киноповестьҳои «Ибни Сино» ва «Қисмати шоир», драмаҳои «Рӯдакӣ», «Темурмалик», «Алломаи Адҳам», романи «Восеъ» ва повести «Ривояти суғдӣ»-ро навишт. Ҳар яке аз ин асарҳо сазовори гуфтугӯи махсус мебошанд. Эҳтиёҷи чунин гуфтугӯ боз аз ин ҷо сар мезанад, ки онҳо то ҳол кам омӯхта шудаанд ва арзиши адабию эстетикии онҳо ба дараҷаи қаноатбахш муайян нагардидааст. Лекин ин мақола имкони гунҷоиши чунин баҳси муфассалро надорад ва мулоҳизаҳои иҷмолии мо фақат ба тарафҳои умумии мундариҷаи ин асарҳо равона шудааст.

Ҳамаи асарҳои таърихии Сотим Улуғзода дар асоси ҳодисаҳои воқеии таърихӣ навишта шудаанд. Бо вуҷуди ин, ҳадафи асосии таҳқиқи бадеии нависанда реконструкцияи ҳақиқати таърихии ин ё он замон нест, ҳарчанд ки мутобиқати умумии онҳоро бо воқеияти таърихӣ, ба истиснои баъзе лаҳзаҳо, тасдиқ накардан ҳам мумкин нест.

Масоили асосӣ — саъю кӯшиш барои мақсадҳои наҷиби инсонӣ, аз қабили сифоти одамӣ, илму дониш андӯхтан, муҳофизати ватан, раҳоӣ аз ҷаҳолату нодонӣ, муборизаи зидди аҷнабиён, озодии инсон ва ғайра ҳама ба рӯҳия ва маромӣ ҳаёти имрӯзаи озодипарвари мо мувофиқат дорад. Аммо инсон ба ин мақсадҳои олӣ он гоҳ мерасад, ки аз маҳдудиятҳои иҷтимоии сохти синфӣ ва ҷамъияте мисли феодализм раҳо ёфта бошад. Роҳи асосии қаҳрамонони аксарияти ин асарҳо аз маҳдудияти манфиатҳои шахсии ҳаррӯза, ки мақсадро ночиз карда, балки ба нестӣ мебарад, ба дараҷаи арзиши ҷамъиятӣ пайдо кардани шахс, ки роҳи асосии он

ба дарачаи ҳимоятгари манфиатҳои умумии ҷамъият расидан аст, мебошад.

Дар ҳар як асар яке аз тарафҳои ҳамин мақсади олӣ ва муҳим намоиши бадеӣ ва эстетикии худро меёбад. Дар киноповести «Ибни Сино» мақсади асосӣ омӯзиши илму дониш ва ба манфиати мардум равона кардани он аст. Раҳбари асосии қаҳрамон дар аввал шавқи дониш ва маърифат аст. Аммо ин шавқу ҳавас рафта-рафта ба мақсади асосии зиндагӣ табдил меёбад. Ин мақсади олӣ, бо вуҷуди асоси гуманистии худ ва арзиши олии он барои манфиати мардум, аз тарафи сохти ҳукмрон ба мухолифати сахте дучор мешавад, чунки асоси ин давлат ва давлатдорӣ бар ҷаҳолат ва худписандӣ бунъёд ёфтааст. Манфиати мардумро хостан инкори бевоситаи манфиати худхоҳон ва ҷоҳу ҷаҳолатпарастон аст. Қайд кардан лозим аст, ки материалҳо дар бораи зиндагии Ибни Сино бисьёр бошад ҳам, ин асар чандон бо муваффақият набаромадааст. Камбудии асосӣ аз номувофиқии мақсади асосӣ ва динамикаи умумии воқеоти асар сар задааст.

Киноповести «Қисмати шоир» ва драмаи «Рӯдакӣ» аз ҷиҳати мақсади асосии эҷодӣ ба ҳам мувофиқат доранд. Дар ин ҷо ҳам мақсади асосӣ аз дараҷаи майлу рағбат ва шавқи шахсӣ, ки аз ҷиҳати психологӣ ҷунин амал ҳама вақт мақсади тасдиқии шахсияти худро ва аз ин ҷо то дараҷае нишонаи худхоҳӣ дорад, ба дараҷаи ҳимоятгари манфиати халқ расидан мебошад. Ҳимояи манфиати халқ дар ин асарҳо доманаи фарохтаре пайдо кардааст. Вай фақат аз бахшиш ва ато фармудан, масалан, нигини шоҳ барои раҳоии дастаи бечорагон аз асорат ҳам иборат нест. Манфиати халқ, пеш аз ҳама, ҳимояи шоири халқ, ки шарафу номуси миллат аст, барҳам задани он қувваҳост, ки истибдодро асоси давлатдорӣ ва ҳукмронӣ қарор додаанд, мебошад.

Рӯдакӣ намояндаи табақаи меҳнаткаш буда, рӯзе аз ин табақа ҷудо шуданӣ мешавад — норозигии амаки ӯ барои ба дарбор рафтанаш ҳамин маъноро дорад, — дарбор ӯро қабул мекунад, аммо ихтилофи зотии ӯ ва аҳли дарбор барҳам намехӯрад. Сиришти Рӯдакӣ ба табиати аҳли заҳмату меҳнат хос мемонад. Дар байни аҳли дарбор ва умуман ҳукмронони замона фақат он шахсоне ба қадру манзалати Рӯдакӣ баринҳо расида метавонанд, ки аз рӯи фаҳму фазилат манфиати

умумии давлат ва ҳатто миллатро аз мақсадҳои ночизи ба қаноати қувваҳои шаҳвонӣ равона шуда, болотар мегузошта бошад. Чунин шахсият дар драмаи «Рӯдакӣ» ва киноповести «Қисмати шоир» вазир Балъамӣ мебошад. Албатта чунин шахсон дар ҷамъияти феодалӣ кам вомехӯранд. Аз рӯи тасвири предметӣ набошад ҳам, аз ҷиҳати пафоси умумӣ ин асарҳои Улуғзода ба драмаи муносибати аҳли санъат ва табақаи болоиба драмаи ҷамъият дар адабиёти давраи нави халқҳои Европа мушобеҳ аст.

Ҳамаи асарҳои таърихии Сотим Улуғзода асоси драматикӣ ва фоҷиавӣ доранд, гарчанде ки на ҳама вақт асар бо марги қаҳрамони асосӣ анҷом меёбад. Аммо асоси фоҷиавии асарҳо, на фақат бо гуногунии характери қаҳрамонон аз ҳам фарқ мекунад, балки дар ҳар як асар мақсади асосӣ дигар буда, ситуация ва воқеаҳо низ вобаста бо он тағьир меёбанд. Улуғзода дар ҳақиқат маҳорати хос ва барҷастаи ситуациясозӣ дорад. Умумияти низои асосии асарҳо ва шакли тасвир, инкишофи шахсият ба дараҷаи худогоҳӣ ва муборизи фаъол расидан, сабаби такрору якрангӣ нашудааст. Умумият дар асарҳои ӯ пафоси асосӣ мебошад, на тасвироти деталу лаҳзаҳои адабӣ, такрорнашаванда будани ин лаҳзаву ситуацияҳо бешубҳа ба тасвири холиси реалистӣ низ вобаста аст.

Дар драмаҳои «Темурмалик» ва «Алломаи Адҳам» ба мисли асарҳои мазкур процесси камолоти қаҳрамонон нест, яъне он чи дар асарҳои дигар аз дараҷаи пасттар динамикаи инкишофи шахсият дида мешуд, дар ин асарҳо албатта чизи нолозим шуда мондааст. Дар драмаи «Темурмалик» мақсад ва ғояи асосӣ ватандӯстӣ мебошад. Дар зимни ҳамин ғояи асосӣ нависанда нишон медиҳад, ки ин мақсади наҷиб дар ниҳоят асоси гуманистӣ дорад. Шахсоне, ки манфиати худ, қавму қабилаи худ, ҷоҳу ҷалолу шукӯҳро асоси рафтору кирдор кардаанд, ҳаргиз ватандӯсти ҳақиқӣ нестанд. Барои саркардаҳои манфиатҷӯи қавму қабилаҳои гуногуни кӯчманчӣ ҳисси ватандӯстӣ чизи бегона ва нолозим аст. Дигар, аҳли савдову бозор низ ватандӯст шуда наметавонанд. Ҳиссиёти ҳақиқии ватандӯстӣ фақат онҳое доранд, ки ба манфиати умумии халқ кор мекунанд, ватандӯстии ҳақиқӣ ҳимояи молу мамоти халқ аст. Фақат он шахсе ватандӯст буда, ба манфиати халқу ватан хизмат карда метавонад, ки аз манфиати шахсӣ даст

кашида, хизмати халқро вазифаи олии инсонӣ шуморад. Темурмалик ҳамин гуна шахсест, ки дар асоси хираду заковати худ ба дараҷаи олии инсонӣ — гуманистӣ расидааст. Аммо саъю кӯшиши ин гуна шахсон дар ҷамъияте, ки бунёди он ба нобаробарӣ, ҷудоию низои қавму қабилаҳо асос ёфтааст, амалӣ шуда наметавонад. Асос боз ҳамон як чиз — рафтори Темурмалик ба бунёди сохти мавҷуда рахна меорад.

Драмаи «Алломаи Адҳам» низ дар ниҳоят пешравию ободии мамлакат ва аз ин ҷо доираи васеи мардумро дар назар дорад. Алломаи Адҳам ба дараҷаи фаҳму камолоте расидааст, ки ҷаҳолат ва асоси бедодии кишвари худро мефаҳмад. Дар арсаи ин фаҳмиш ӯ ҳар касеро, ки камтарин кӯшиши аз ин ҷаҳолат баромаданро дорад, ҳимоят ва дастгирӣ мекунад. Ин рафтори вай ба он асосҳои олами «торикии бедод», ки Бухорои амирӣ ном дошт, таҳдид мекард. Раҳой аз ҷаҳолат дар айни замон маънои барҳам задани сохту тартиботи мавҷударо дошт ва ин саъю кӯшиш дар драма ва ҳақиқати воқеии нимаи дуюми асри XIX моҳияти фоҷиавӣ дошт, чунки одамони пешқадами давр сохти пӯсидаи замони худро фаҳмида бошанд ҳам, дар ҷамъият чунин қувваҳое, ки ин сохтро барҳам мезада бошанд, насабзида буданд. Алломаи Адҳам ва дигар ҳамсафарони ӯ дар роҳи зиндагӣ дар воқеъ ҳам гирифтори чунин фоҷиае мешуданд, лекин акнун шахсоне буданд, ки пеши роҳи ин гуна фоҷиаро гирифта метавонистанд. Ин гуна ашхос ва қувва намояндагони мутараққии халқи рус буданд. Дар драма образи Пешков ва раҳой ёфтани Абдусалом аз қатли даҳшатангези асримиёнагӣ, яъне сангсор дар ҳақиқат рамзи бо ёрии халқи рус ва намояндагони пешқадами он раҳой ёфтан аз ҷаҳолати асримиёнагиро дорад.

Алломаи Адҳам ба дараҷаи як шахсияти камолёфтаи ҷамъият бо ёрии донишмандони рус мерасад ва шиносоӣ бо Россия ва афкори пешқадами он маънои фаҳмидани мавқеи ҷамъиятии худ ва вазъи кишвари худро дорад. Ба ин тариқ, дар ин асар ҳам масъалаи асосӣ ташаккули шахсият ва дар доираи васеътар процесси худшиносии халқ аст.

Ниҳоят, «Восеъ» романи дуюми Сотим Улуғзода ва яке аз беҳтарин романҳои реалистии адабиёти советии тоҷик аст. Роман ба ҳодисаи маълуми таърихии нимаи дуюми асри XIX-шӯриши деҳқонони бекии Балҷувон

бахшида шудааст. Ин асар дар ҳақиқат панорамаи ҳаёти Бухорои амирй дар нимаи дуюми асри XIX мебошад. Образи марказии ин асар Восеъ дар ибтидо ба образи Умархон аз повести «Субҳи ҷавонии мо» шабоҳат дорад. Мақсади асосии зиндагонй барои ҳардуи ин қаҳрамонон якест: бо меҳнати сахту ҳалол аҳли хонаводаи худро таъмин кардан, фарзандонро ба воя расондан. Аз ин рӯ, беҳтарин хушии рӯзгор саодати оила буда, бо вуҷуди ғурури мардй — таъминкунандаи оила будан, онҳо ба ҳамсафари зиндагонии худ — зан дилбохтагии махсусе доранд. Яъне инсон аз ҳамаи неъмати дунъё ва он чи «худо офаридааст», камтарин чизе ва онҳо ҳам бо меҳнати ҷонкоҳ мехоҳад. Дар чунин ҳолат аз рӯи қиёс онҳоро бояд пашшае озор надиҳад. Аммо Восеъҳо намефаҳманд, ки онҳо ҷузъи ҷамъиятанд ва дар ин рӯзгор инсон ё сар ба пои касе мегузорад ва ё касе дигарро зери пои худ мекунад. Роҳи дигаре нест. Восеъ гумон мекунад, ки барои худ ва оилаи худ зиндагй мекунад ва ҳаёти ӯ баҳри ҳамин аст. Дар ин замонаи гургошной ҳамин ки сар аз арсаи тобеият баровардй, ё туро сар аз тан ҷудо мекунанд ва ё ба ҷон муносиби мақомат бурда мешиноонанд. Восеъ то охир намефаҳмад, ки ин дунъёро дигар кардан мумкин аст, вале вай дуруст мефаҳмад, ки дар ин олам барои раззоқи одам — аҳли заҳмат рӯзи беҳй ва осоиш бо камтарин талаботи моддию маънавй муҳол аст. Агар инсон як умр гирифтори фақру бенавоист ва оқибат аз дасти он тарки ҳастй мекунад, чй беҳтар агар вай душманони хунини худро нест кунад, марги майдони ҳарбу баъди қасос ба ҳар ҳол тасаллое дорад. Восеъ дар ин ҷамъият арзиши инсонии худро мефаҳмад, вай мубориэи роҳи озодии халқ ва халосй аз вартаи бало мегардад. Дар ин асар ҳам манфиати халқ бо асосҳои сохти ҳукмрон муқобил аст. Чунин ҷамъият наметавонад манфиати халқро асоси сиёсати худ қарор дода бошад.

Мулоҳизаҳои мухтасари боло дар бораи асарҳои таърихй-бадеии Сотим Улуғзода, ки дар маҷмӯаи чорҷилдаи асарҳои мунтахаби нависанда чоп шудаанд, касро ба хулосаҳои муайяне меорад. Пеш аз ҳама, гарчи ин асарҳо асосан дар атрофи зиндагии шахсони барҷастаи таърихй навишта шудаанд, ҷанбаи халқй ва гуманистии онҳо ниҳоят пурқувват аст. Арзиши илму ҷустуҷӯҳои илмй, шеъру санъат, мардонагию ҳарб, исъёни рӯ-

хию ичтимоӣ ва ғайраро нависанда фақат аз рӯи муносибати он ба манфиати халқ, пешравии мамлакат ва ободии он медонад. Нависанда дар тасвиру тавсиф харгиз шефтаи шукӯҳи зоҳирӣ нашудааст. Ҳамаи бузургиҳо ҳамон вақт қимате пайдо мекунанд, ки баҳри мардум ва барои инсон карда шаванд. Берун аз ин бузургӣ ғурур ва худситоии беҳосил аст. Дар ин роҳ инсон бояд аз гирифтани майда-чуйдаҳои зиндагӣ, манфиати табақавӣ баромада ба дарачаи манфиати умумихалқӣ бирасад. Фақат дар ҳамин дарача инсон аз мансубияти маҳдуди табақавӣ ва чузъи камарзиши ин ё он гурӯҳи ичтимоӣ ба дарачаи шахсияти чамъиятӣ мерасад ва «мани» ӯ арзиши чамъиятӣ пайдо мекунад. Ба ин дарачаи инкишоф расидани шахсият маънои ба дарачаи худогоҳӣ расиданро дорад. Аммо мақсаду мароми шахсиятҳои офаридаи Сотим Улуғзода ба манфиати сохти ичтимоии гузашта мувофиқат надоранд. Инкишофи шахсият то дарачаи худшиносӣ дар асарҳои Улуғзода ба манфиати умумии халқ — ба таври конкретии таърихӣ — халқи точик тасвир мешавад. Барои ҳамин, худшиносии шахс ва худшиносии миллӣ бо инкишофи шуури миллӣ алоқаманд аст.

Таваччӯҳ ба гузаштаи таърихии халқи худ дар айни замон як шакли худшиносии миллӣ мебошад, ки зуҳури он ба воситаи худогоҳии шахс аст. Аммо таваччӯҳ ба гузаштаи таърихӣ моҳияти синфӣ дорад ва чунончи қайд шуд, асарҳои нависанда комилан дар мавқеи принципи халқият ва асосҳои синфият офарида шудаанд ва худшиносии миллӣ, аз ин мавқеъ, барои мустаҳкам кардани сохти социалистии имрӯза, ки мақсаду мароми он пойдории давлати умумихалқӣ ва манфиати халқ аст, равона шудааст. Аз ин мавқеи назар Сотим Улуғзода он кори муҳимеро, ки дар адабиёти советии точик устод Айнӣ шурӯъ карда буд, идома дода истодааст.

Хизмати Сотим Улуғзода, аз ин чиҳат, дар камолоти ғоя ва шакли адабиёти советии точик бузург буда, онро ба андозаи меҳнату заҳмати нависанда қадр кардан лозим аст.

Ҳамин мақсади асосии эчодӣ мундарича ва шакли асарҳои Улуғзодаро ба рӯҳи гуманистии нависандагони даврам эҳёи халқҳои Европа хеле наздик кардааст. Алалхусус, ин наздикию қаробат дар рӯҳияи худогоҳии шахс ва худшиносии миллӣ равшантар мушоҳида ме-

шавад. Яке аз тадқиқотчиёни даврап Эҳьёи Италия Р. И. Холодовский мегӯяд: «Шуури миллӣ дар даврап Интибоҳ дар алоқаи мустаҳкам бо шуури шахсӣ ба вуҷуд омада, инкишоф меёбад. Фақат худро аъзои халқияти муайян ҳис карда, шахсият дар даврап Интибоҳ қодир ба кандани он риштаҳое, ки ба вай аз таваллуд, тахассус, ҷои истиқомат, табақа, корпорация бор мекунанд, мегардад».

Дар тамоми маҷмӯаи чорҷилдаи нависанда як ҳикоят чоп шудааст, ки «Марги Ҳофиз» ном дорад. Ин ҳикоят аз ҷиҳати рехтагии шакл, гунҷоиши маънии фаровон, типизацияи образи асосӣ ва драматизм яке аз беҳтарин ҳикояҳо дар адабиёти советии тоҷик аст. Проблемаи асосии ин ҳикоя моҷарои падар ва писар аст. Гуфтан лозим аст, ки ин масъала аз замонҳои қадим як шакли ниҳоят муассири ифодаи эҳсоси ватандӯстӣ дар адабиёт шуда омадааст. Дар адабиёти классикии тоҷик моҷарои падару писар дар достони Рустаму Сӯҳроб ба беҳтарин шакле тасвир шудааст. Бисьёр достонсароён дар ин мавзӯъ Фирдавсиро пайравӣ карда бошанд ҳам, ба дараҷаи ӯ нарасидаанд. Яке аз асарҳое, ки дар он мавзӯи мазкур дар шакли барҷастае таҷассум ёфтааст, қиссаи машҳури Н. В. Гоголь «Тарас Бульба» мебошад. Сотим Улуғзода ин мавзӯи куҳанро ба дараҷае ҷомаи тозаву мувофиқ пӯшондааст, ки дар гузориш ва ҳалли он ба ҳеҷ як аз нависандагони дар ин равиш асар эҷод карда шабоҳат надорад. Эҳсоси ватандӯстӣ дар ин ҳикоят низ мисли дигар асарҳои дар ин мавзӯъ эҷодшуда, бар меҳри падарӣ ғалаба мекунад, вале анҷоми ҳикоя фоҷеавист.

Таҳлилу таҳқиқи ҳаматарафаи шаклу мундариҷа, қимати ғоявию маърифатӣ, тарзи образ офаридану сухани адабӣ, таносуби ҳақиқати таърихӣ ва бадеӣ ва дигар масъалаҳои эҷодиёти Сотим Улуғзода яке аз вазифаҳои ояндаи танқид ва адабиётшиносии тоҷик аст.

*Соли 1978*

## САРОЯНДАИ ОРЗУ ВА САОДАТИ ХАЛҚ

Мирсаид Миршакар, бо вуҷуди соддагии назарфиребп сухани шоирона, сабки ба худ хоси эҷодие дорад. Услуби эҷодии Миршакар ба андозае фардист, ки ба шеъри ҳеҷ як аз шоирони тоҷик шабоҳат надорад. Қи-

мати асосии адабии эҷодиёти ӯ ҳам дар ҳамин фардияташ мебошад. Ҳамон навъе, ки сӯзи оташи дили шоирро танҳо аз сӯзи сухани ӯ шинохтан мумкин аст, тарзи сухани вай ҳам аз суханаш шинохта мешавад. Тарзи сухани Миршакар барои мулоҳиза дар хусуси услуби шеър, муносибати он бо рӯҳияю тарзи ҷаҳонфаҳмӣ, робита бо шуури фаҳлавиёти халқ ва ғайра материали фаровоне медиҳад.

Достони «Ленин дар Помир» бо мисраъҳои зерин сар мешавад:

Не хурӯсе чеғ зад шаб, бемаҳал,
Не ситора бар замин афтида буд,
Не ба боми хонае чуғзе нишаст,
Не касе дар хоб море дида буд,
Сол, аммо соли ноором буд,
Коря мардум бесару анҷом буд...

Дар ин байтҳо на тавсифҳои пурдабдаба ҳаст, на рангомезиҳои хаёл ва на бофтаҳои мураккаби фикрию амсоли он ва умуман шоир ба стилизация майл надорад. Бо вуҷуди ин, ҳар як хонанда бо ҳама серталабӣ, сар аз гиребони тасдиқи он ки дар ин мисраъҳо маҳорати махсуси шоиронае ба кор рафтааст, печида наметавонад. Чеғ задани хурӯс, бемаврид чеғ задани он дар қиссаҳои қадимӣ бо Каюмарс ва кушта шудани писари ӯ Сиёмак алоқаманд карда мешавад ва бемаврид чеғ задани хурӯс аз нақлу ривоёти қадимии динӣ сарчашма гирифта, дар байни халқ рамз ё фоли пешомади мавҳуми бад аст. Ҳамчунин афтидани ситора, чуғз — рамзи вайронӣ, дар хоб дидани мор низ нишони ояндаи мафҳуму даҳшатангезест. Қарнҳо дар тасаввури халқ ҳама дигаргуниҳо бо шӯру ошӯбҳо, ноосудагии зиндагӣ, харобии рӯзгор, хонавайронӣ ва амсоли ин алоқа дошт. Дар воқеъ ҳам ҳамин тавр буд. Дар зиндагии якрангу якнавохти ҳазорсолаи феодалӣ ба ҷуз тохту тозҳо, бародаркушии шоҳзодагону табдили сулолаҳо, фитнаву ошӯби ҳокимони давр ва беҳаёии риёкорони рӯҳониён боз чӣ гуна дигаргуниҳое ба вуҷуд омада метавонистанд, ки ба ҷуз сукути чароғи нимбисмили хонаи бенавоён, рӯшноие ба ин дайри харобот меоварда бошад? Модоме, ки чунин умед ҳукми тухми анқоро дошт, умед аз ҳаводиси давр ба ҷуз фоли бадӣ набуд ва дар тасаввури мардуми ваҳшатзада якчанд рамзҳое ҳамчун тотемаи бадӣ нақш баста буданд. Ин дафъа ҳам соли нооромe омадааст, ҳама бесаранҷом шудаанд,